| 1.26. | Назорати микробиологии муомилоти заъфҳои (штаммы) сироятӣ дар муассиса гузаронида мешавад. | Б |
| 1.27. | Маълумот дар бораи воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номусоид, аз ҷумла бемориҳои касбии кормандон, ҷамъоварӣ ва сабт намуда, ба ҷои таъин интиқол дода | Б |
| 1.28. | Муассисаи тандурустӣ системаи идоракунии хавфҳо таҳия намуд. | А |
| 1..29. | Нақшаи чорабиниҳо оид ба сифати ёрии тиббӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст, татбиқи он таъмин карда мешавад. | А |
| 1.30. | Мониторинг ва назорати татбиқи нақшаи идоракунии хавфҳо ва нақшаи чорабиниҳо оид ба сифат, инчунин таҳлил ва баҳодиҳии самарабахшии татбиқи корҳои банақша гирифташуда, гузаронида | А |
| 1..31. | Ҳодисаҳои фавт таҳлил ва муҳокима карда мешаванд. | Б |
| 1.32. | Воридсозии тадбирҳои нави илмӣ ва технологияи тиббӣ дар асоси принсипҳои бо тибби далелнок асосёфта таъмин карда мешаванд. | Б |
| 1.33. | Ҳисоботи солонаи фаъолияти Кумитаи оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мавҷуд аст. | А |
| 1.34. | Дар сохтори зертобеъ назорати сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ гузаронида мешавад. | Б |

**Қисмати II. «Бехатарии клиникӣ»**

| | | |
|---|---|---|
| 2.1. | Ҳамаи кормандон аз муоинаи тиббию профилактикӣ мегузаранд. | В |
| 2.2. | Ҳайати ормандон аз дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ мегузаранд. | В |
| 2.3. | Хатарҳо ҳангоми кор бо таҷҳизотҳои тиббӣ ва манбаъҳое, ки хатари баланд доранд, баҳогузорӣ шуда, идора карда мешаванд. | Б |

| | | |
|---|---|---|
| 2.4. | Кормандони тиб эмгузарониро бар зидди вируси гепатити «Б» дар муассисаи тандурустӣ мегузаранд | Б |
| 2.5. | Чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ риоя карда мешаванд. | В |
| 2.6. | Қоидаҳои дезинфексияи маҳсулоти тиббӣ риоя карда мешаванд | Б |
| 2.7. | Қоидаҳои дезинфексияи биноҳо, мебелҳо ва таҷҳизотҳои тиббии санитарӣ техникӣ риоя карда мешаванд. | Б |
| 2.8. | Қоидаҳои дезинфексияи либосҳои муҳофизати ҳайати кормандон, ҷузъҳои ёрирасон, ки аз маводҳои матоъи тайёр карда шудааст, ки бо ихроҷҳои биологӣ зарарнок (ифлос) гардидаанд, риоя карда мешаванд. | Б |
| 2.9. | Дар шӯъбаи марказонидашудаи тамйизгардонӣ шахсони аз омӯзиш гузашта кор мекунад ва системаи кори муттасил риоя карда мешавад. | А |
| 2.10. | Қоидаҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ риоя карда мешавад. | А |
| 2.11. | Назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ гузаронида мешавад. | А |
| 2.12. | Маҳсулотҳои тиббӣ, ки бояд тамйиз гардонида шаванд, мувофиқи талаботҳои муқарраргардида банду баст карда шудаанд. | Б |
| 2.13. | Қоидаҳои тамйизгардонӣ риоя карда мешаванд | А |
| 2.14. | Низоми мониторинги самаранокии тамйизгардонӣ мавҷуд аст | А |
| 2.15. | Дурустии нигоҳдории масолеҳи тамйиз гардонидашудаи тиббӣ таъмин карда мешавад. | А |
| 2.16. | Беҳдоштии дастҳои ҳайати кормандони тиб риоя карда мешавад. | А |
| 2.17. | Пеш аз амалиётҳои ҷарроҳӣ дастҳои ҳайати кормандони тиб безараргадонида мешаванд. | А |
| 2.18. | Ҳангоми рафти кор, ҳаракатҳо ва амалиётҳои марбут бо хавфҳо, ҳайати тиббӣ аз воситаҳои муҳофизатии фардӣ истифода мебаранд. | Б |
| 2.19. | Хавфҳои ифлоскунӣ ва ҷароҳати ҷисмонӣ бо сузандоруҳо аз ҷониби кормандони тиббӣ баҳогузорӣ ва идора карда мешаванд. | Б |
| 2.20. | Кормандоне, ки хатари касбӣ доранд, бо хӯрокаи махсус ва дигар имтиёзҳо дар асоси қонунгузориҳои меҳнат таъмин карда мешаванд. | В |
| 2.21. | Реҷаи санитарию гигиенӣ дар биноҳо риоя карда мешавад. | Б |
| 2.22. | Истифодаи бехатари сӯзанҳои зерипӯстӣ ва шпритсҳо таъмин карда мешавад. | Б |
| 2.23. | Қоидаҳои нигоҳдории реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизо, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо дар озмоишгоҳ риоя карда мешавад. | Б |
| 2.24. | Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои доруворӣ риоя карда мешаванд. | А |
| 2.25. | Қоидаҳои нигоҳдории эмдоруҳо (ваксинаҳо) риоя карда мешаванд. | А |
| 2.26. | Системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ дар ҷойҳои зарурӣ мавҷуд аст. | Б |
| 2.27. | Дар ҷойҳои зарурӣ системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) мавҷуд аст. | В |
| 2.28. | Таҷрибаҳои бехатарии эмкунӣ амалӣ карда мешаванд. | А |
| 2.29. | Доруқуттии зиддисадамавӣ мавҷуд аст. | А |
| 2.30. | Доруқуттӣ барои гузаронидани корҳои пешгирӣ баъди тамос дар ҷои кор ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода (садамаҳои биологӣ) мавҷуданд. | А |
| 2.31. | Мавҷуд будани доруқуттӣ барои расонидани ёрии тиббии таъҷилӣ. | А |

| | | |
|---|---|---|
| 2.32. | Ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои рентгенологӣ бехатарии радиатсионии хайати кормандон ва беморон таъмин карда мешавад. | Б |
| 2.33. | Назорати дозиметрии сарбории нурии фардии ҳайати кормандон дар ҳуҷраи рентгенӣ гузаронида мешавад. | Б |
| 2.34. | Қоидаҳои ҷудокунӣ, муайянкунӣ ва ҷамъоварии партовҳо дар дохили зерсохторҳо риоя карда мешаванд. | А |
| 2.35. | Қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва дур намудани партовҳо риоя карда мешавад. | Б |
| 2.36. | Қоидаҳои коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ риоя карда мешавад. | Б |
| 2.37. | Шароитҳо барои риояи гигиенаи беморон ва ҳайати кормандон мавҷуд аст. | Б |

**Қисмати III. «Сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ»**

| | | |
|---|---|---|
| | **<u>Хизматрасонии тиббӣ дастрасанд.</u>** | |
| 3.1. | Хизматрасонии тиббӣ дастрасанд. | В |
| 3.2. | Ба аҳолӣ маълумот оид ба муассисаи тандурустӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо пешниҳод карда мешавад. | В |
| 3.3. | Хизматрасониҳои тиббӣ барои гурӯҳҳои ниезманди аҳолии дар ҳаракат имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ доранд, дастрас мебошанд. | В |
| 3.4. | Хизматрасониҳои тиббӣ барои гурӯҳҳои ниезманди аҳолии дар ҳаракат имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ доранд, дастрас мебошанд. | В |
| 3.5. | Ҳангоми хизматрасонии тиббӣ монеаҳои забонӣ, эътирофи урфу одат ва ақидаҳои динии табобатгирандагон ба инобат гирифта мешавад. | В |
| 3.6. | Ҳайати кормандони муассиса зоҳиран ҳаммонанданд. | В |
| | **<u>Хизматрасонии тиббӣ муттасил аст</u>** | |
| 3.7. | Муттасилӣ байни муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ | В |
| 3.8. | Ташхис ва табобати беморон бо хизматрасонии тиббии соҳавии муассиса мутобиқ аст. | В |
| 3.9. | Назорати муттасили (пайдарпайи) бемор дар муассиса таъмин карда мешавад | Б |
| 3.10. | Хизматрасонии тиббӣ ба беморон дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҳолати онҳо ва дар ҳолати зарурӣ тағйир дода мешавад. | Б |
| 3.11. | Анҷоми хизматрасонии тиббӣ мувофиқи нишондодҳо иҷро шуда, бо бемор мувофиқ карда мешавад | В |
| 3.12. | Хизматрасонӣ ба беморон байни Маркази саломатӣ ва мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мутобиқ мебошад | В |
| | **Барасмиятдарории қайдҳои тиббӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба нигоҳубини беморон (бақайдгирии беморон)** | |
| 3.13. | Ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба рафти муолиҷаи табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мутобиқат мекунанд, идентификатсияи пурраи табобатгирандагон ва ҳамоҳангсозии амалҳои байни мутахассисонро (зерсохторҳо,бахшҳо) оид ба нигоҳубини | В |
| 3.14. | Қайдҳо оид ба назорати мунтазами (мониторинг) табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мутобиқат мекунад.<br>. | В |

| | | |
|---|---|---|
| 3.15. | Нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббии табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунад. | В |
| 3.16. | Ташхиси клиникӣ саривақт, дуруст ва асоснок гузошта мешавад. | В |
| | **Таъмини ҳуқуқи табобатгирандагон** | |
| 3.17. | Табобатгирандагон оид ба ҳуқуқу озодии худ, инчунин оид ба низоми ҳалли баҳсҳо иттило доранд. | В |
| 3.18. | Маълумот дар бораи табобатгиранда махфӣ буда, аз гум шудан ва ё нодуруст истифода бурдан ҳимоя карда шудааст. | В |
| 3.19. | Ба табобатгиранда масуният ба ҳаёти шахсӣ, эҳтироми шаъну шарафи ӯ кафолат дода мешавад. | В |
| 3.20. | Муассиса ҳуқуқҳои беморро вобаста ба раванди хизматрасонии тиббӣ таъмин мекунад | В |
| 3.21. | Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои дорои хатар розигии хаттии табобатгиранда гирифта мешавад. | В |
| 3.22. | Қаноатмандии табобатгиранда баҳодиҳӣ карда шуда, норизогии онҳо ба инобат гирифта мешаванд. Барои баррасии эътирозҳои | В |
| | **Хизматрасонии тиббӣ мувофиқ аст (тадбирҳои пешгирикунанда, ташхис ва табобат)** | |
| 3.23. | Занҳои ҳомила барои таваллуд тибқи тартиби муқарраршуда омода карда мешаванд. | Б |
| 3.24. | Банақшагирии дурусти эмгузаронии пешгирикунанда амалӣ карда мешавад. | А |
| 3.25. | Таҳияи дурусти ҳисоботҳо оид ба эмгузаронӣ амалӣ карда мешавад | А |
| 3.26. | Қоидаҳои ташкили кор оид ба озодкунии тиббӣ аз эмкунии пешгирикунанда риоя карда мешаванд | А |
| 3.27. | Назорати эпидемиологӣ ба аворизҳои баъди эмгузаронӣ гузаронида мешавад | А |
| 3.28. | Қоидаҳои назорати тиббӣ ба занони ҳомиладори физиологӣ ва патологӣ риоя карда мешавад | А |
| 3.29. | Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 0 то 1 сола риоя карда мешавад | А |
| 3.30. | Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 1 то 7 сола риоя карда мешавад | А |
| 3.31. | Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони бемор риоя карда мешавад | А |
| 3.32. | Қоидаҳои назорати тиббии беморони калонсолон бо бемориҳои музмини ғайри сироятӣ иҷро карда мешавад | Б |
| 3.33. | Хавфи паҳншавии сирояти бемории сил баҳогузорӣ ва идора карда мешавад. | А |
| 3.34. | Қоидаҳои муқарраргардида / алгоритмӣ барои ошкор ва ташхиси бемории сил иҷро карда мешаванд. | А |
| 3.35. | Бо мақсади дар марҳилаи аввал ошкор намудани бемории сил дар байни аҳолӣ ташхисҳои скринингӣ гузаронида мешавад | Б |
| 3.36. | Табобати беморон бо бемории сил мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ гузаронида мешавад. | А |
| 3.37. | Нишонаҳои дард дар беморон сари вақт муайян карда, баҳо дода ва идора карда мешавад | А |
| 3.38. | Принсипҳои асоснок равон намудан барои бистарикунонӣ риоя карда мешавад | В |

| | | |
|---|---|---|
| 3.39. | Таъмини асоснок ва саривақт равон намудани беморон ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ. | В |
| | **<u>Тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳо</u>** | |
| 3.40. | Ҳаҷми ҳадди ақали тадқиқотҳои ташхисӣ иҷро карда мешавад | Б |
| 3.41. | Тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳо дар асоси нишондодҳо ва аз тарафи шахсони боихтисос гузаронида мешавад. | Б |
| 3.42. | Намунаҳои маводи биологӣ барои тадқиқоти озмоишӣ мувофиқи талаботи муқарраргардида гирифта мешавад | А |
| 3.43. | Ҳамаи равандҳои озмоишгоҳӣ ва тартибот якхел анҷом дода мешаванд. | А |
| 3.44. | Гузаронидани тадқиқоти озмоишгоҳӣ дар шароити микроиқлим, ки ба талабот ҷавобгӯ аст, гузаронида мешавад. | Б |
| 3.45. | Назорати сифати дохилиозмоишгоҳии тадқиқотҳои озмоишӣ гузаронида мешавад | А |
| 3.46. | Озмоишгоҳ дар барномаи баҳодиҳии берунии сифат её дар озмоишҳои тафтишотии байнисоҳавӣ иштирок мекунад | Б |
| | **<u>Хизматрасонии тиббӣ самаранок аст</u>** | |
| 3.47. | Фаъолияти самараноки ҳуҷраи "Мактаби омодагӣ ба таваллуд" ба ҷо оварда шудааст | Б |
| 3.48. | Фаъолияти эмгузаронии пешгирикунанда барои кӯдакони то 1 сола | Б |
| 3.49. | Сиёсати сари вакт дарьефт намудани занони ҳомила ва фарогирии назорати тиббӣ амалӣ мешавад | Б |
| 3.50. | Сиёсати синамаконии кӯдакони то 1 сола амалӣ мешавад | Б |
| 3.51. | Сиёсати фарогирии навзодон бо патронаж дар се рӯзи аввали баъди рухсатӣ аз таваллудхона иҷро карда мешавад. | Б |
| 3.52. | Ҷараёни мурочиати беморон бо бемориҳои музмини ғайрисироятӣ ба мутахассисони ёрии таъҷилӣ тамоюл ба сӯи пастравӣ аст. | В |
| 3.53. | Сатҳи бистаринамоии бемордони гирифтори бемориҳои музмини ғайрисироятӣ, аз он ҷумла бо ҳолатҳои фавқулодда ва бо шаклҳои [illegible] | В |
| 3.54. | Ҳодисаҳои фавти модару кӯдак аз сабаби назорат ва табобати бесифат дар муассиса тамоюл ба сӯи пастшавӣ дорад. | Б |
| 3.55. | Ҳолатҳои бемории сили саривақт муайяннашуда бо сабабҳои саривақт ташхис накардан дар муассиса тамоюли пастравӣ дорад | В |
| 3.56. | Ҳолатҳои дер дарёфтшуда омоси бадсифат, бо сабаби саривақт нагузаронидани ташхис дар муассиса, тамоюл ба сӯи пастравӣ дорад. | В |

**<u>Қисмати IV, «Пойгоҳи моддию техникӣ, бехатарии муҳити атроф ва идоракунии захира»</u>**

| | | |
|---|---|---|
| 4.1. | Минтақаи тавақуфгоҳ барои нақлиёти мизоҷон, аёдаткунандагон ва ҳайати кормандони муассиса вуҷуд дорад. | В |
| 4.2. | Ҷойгиршавӣ ва ҷобаҷосозии бахшҳои муассиса ба талабот ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ мутобиқат мекунад. | В |
| 4.3. | Минтақаи алоҳида барои паркинги нақлиёт ва гузаронидани корҳои таъмирии нақлиёти муассиса амал мекунад | В |

| | | |
|---|---|---|
| 4.4. | Маъмурият ба таври мунтазам ҳолати муҳити атрофро баҳо медиҳад. | В |
| 4.5. | Ҳамаи таҷҳизотҳои тиббӣ ба қайд гирифта шуда дар ҳисоб ҳастанд. | В |
| 4.6. | Нисбати тамоми техникаи тиббӣ ва маводҳои таъинноташон тиббӣ ҳуҷҷатҳои истфодабарӣ мавҷуд аст. | В |
| 4.7. | Баҳогузории мунтазами самаранокии истифодаи техникаи тиббӣ гузаронида мешавад. | В |
| 4.8. | Гузаронидани санҷиш ва калибровкаи асбобҳои ченкунӣ таъмин | Б |
| 4.9. | Иншоот ва ҳуҷраҳои муассиса бо чорабиниҳои ҳифозатии боэътимод таъмин карда шудааст. | В |
| 4.10. | Тартиб ва қоидаи додану баргардонидани калидҳо аз қулфҳои иншоот ва ҳуҷраҳо муқарар карда шудааст ва риоя карда мешавад. . | В |
| 4.11. | Иншоот ва ҳуҷраҳои муассиса бо меъёрҳо ва талаботҳои санитарию гигиении ВТҲИАҶТ ҷавобгу мебошад. | Б |
| 4.12. | Ороиши намуди зоҳирӣ ва дохилии бино/ иншоот ба талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ мувофиқ | Б |
| 4.13. | Иншооти муҳандисӣ ва техникии бино / иншооти бахшу шӯъбаҳо ва ҳуҷраҳо бо талаботи муқарраршудаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ВТ ҲИА | А |
| 4.14. | Хатарҳои эҳтимолии сухтор баҳогузори карда шудааст ва идора | А |
| 4.15. | Дар муассиса системаи идорасозии захираи техникаҳои тиббӣ, ташхисӣ ва масолеҳи хароҷотӣ мавҷуд аст. | Б |
| 4.16. | Миқдори зарурии маводҳои доруворӣ ва воксин таъмин карда мешавад. | А |
| 4.17. | Мавҷудияти захираи басандаи маводҳои масрафшавандаи истифодаашон якдафъаина ва дигар маводҳои масрафшавандаи тиббӣ таъмин карда мешавад. | Б |
| 4.18. | Миқдори зарурии асбобу анҷомҳои сахти маишӣ ва таъиноти тиббӣ мавҷуд аст. | В |
| 4.19. | Миқдори зарурии собун, маводҳои шуянда ва безарасоз мавҷуд аст. | А |
| 4.20. | Алоқаи амалкунандаи телефонӣ мавҷуд аст. | В |
| 4.21 | Шартномаҳо бо пудратчиҳо барои гузаронидани корҳои техникӣ ва иловагӣ мавҷуд аст. | В |
| 4.22. | Дар муассиса ҳоҷатхона ва ташноб барои мизоҷон ва ҳайати корӣ амал мекунад. | Б |
| 4.23. | Чорабиниҳои дератизатсионӣ ва дезинсексионӣ гузаронида мешавад. | В |
| 4.24. | Барои нигоҳдории маводҳои безараркунанда ва маводҳои шустушӯӣ ва гузарондани корҳои безараргардонӣ ҷойи алоҳида бо таҷҳизоти техникӣ мавҷуд аст | Б |
| 4.25. | Барои гузарондани корҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ва тамйизгардонӣ, ҳуҷраҳо ва таҷҳизоти техникии лозимӣ мавҷуданд. | Б |
| 4.26. | Дар муассиса тамоми бахшҳои ташхисию табобатӣ, аз ҷумла сохторҳои зарурии муносиб вобаста ба тамоми намудҳои хизматрасониҳои тиббӣ, мавҷуд аст. | А |
| 4.27. | Дар бахшҳо ва ҳуҷраҳои муассиса миқдори зарурии дастаи маводҳо ва таҷҳизотҳои таъинноташон тиббӣ, ки ҷавобгуи хизматрасониҳои тиббии расонидашавандаанд, мебошад. | А |

**Ҳамагӣ  154 стандарт:**

- Стандартҳои  дараҷаи 1- стандартҳои «А»- 46 (29,9%);
- Стандартҳои  дараҷаи 2- стандартҳои «Б»- 51 (33,1%);
- Стандартҳои  дараҷаи 3-– стандартҳои    «В»- 57 (37%).

**Тартиби дараҷабандии стандартҳо**

Тартиби дараҷабандии стандартҳо, чун тартиби саф кашонидани онҳо дар асоси услуби истифодаи рақамҳои тартибии ҷадвал барои инъикоси дараҷаи иҷроиши стандартҳо дар муассисаҳои тандурустии аккредитатсияшаванда (ҷадвали чорзинадори баҳодиҳӣ) ба роҳ монда шудааст. Тартиби дараҷабандӣ вобаста ба дараҷаи стандартҳо барои ба стандартҳо додани дараҷаи 1-ум ва 2-юми бартарият (таъсир ба натиҷаи баҳогузорӣ) дар маҷмӯи истифодаи стандартҳо барои баҳогузории фаъолияти таваллудхонаҳо/шуъбаҳо гуногун аст:

**<u>Дараҷабандии стандарҳои «А»:</u>**

- 0 балл (мутлақо мутобиқат накардан ба стандартҳо). Стандартҳои «А» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар ҳама ё бештари талаботҳо (бештар аз 90%) иҷро карда намешаванд.
- 1 балл (ҳадди ақали мутобиқат ба стандартҳо). Стандартҳои «А» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаванд, ки агар қисмати ками талаботҳои стандарт (аз 10 то 39%) иҷро карда шуда бошанд**;**
- 2 балл (қисман мутобиқат намудан ба стандартҳо). Стандартҳои «А» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар қисмати зиёди талаботҳои стандарт (аз 40 то 89%) иҷро карда шуда бошанд**;**
- 5 балл  (мутобиқати пурра ба стандартҳо). Стандартҳои «А» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар талаботҳои стандарт аз 90% зиёд иҷро шуда бошанд.

**<u>Дараҷабандии Стандартҳои «Б»:</u>**

- 0 балл (мутлақо мутобиқат накардан ба стандартҳо). Стандартҳои «Б» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар ҳама ё бештари талаботҳо (бештар аз 90%) иҷро карда намешаванд.
- 1 балл (ҳадди ақали мутобиқат ба стандартҳо). Стандартҳои «Б» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар қисмати ками талаботҳои стандарт (аз 10 то 39%) иҷро карда шуда бошанд**;**
- 2 балл (қисман мутобиқат намудан ба стандартҳо). Стандартҳои «Б» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар қисмати зиёди талаботҳои стандарт (аз 40 то 90%) иҷро карда шуда бошанд**;**
- 3 балл  (мутобиқати пурра ба стандартҳо). Стандартҳои «Б» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешаваанд, ки агар талаботҳои стандарт аз 90% зиёд иҷро шуда бошанд.

**<u>Дарачабандии Стандартҳои «В»:</u>**

- 0 балл (мутлақо мутобиқат накардан ба стандартҳо). Стандартҳои «В» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешавааанд, ки агар ҳама ё бештари талаботҳо (бештар аз 90%) иҷро карда намешаванд.
- 1 балл (ҳадди ақали мутобиқат ба стандартҳо). Стандартҳои «В» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешавааанд, ки агар қисмати ками талаботҳои стандарт (аз 10 то 39%) иҷро карда шуда бошанд;
- 2 балл (қисман мутобиқат намудан ба стандартҳо). Стандартҳои «В» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешавааанд, ки агар қисмати зиёди талаботҳои стандарт (аз 40 то 90%) иҷро карда шуда бошанд;
- 3 балл (мутобиқати пурра ба стандартҳо). Стандартҳои «В» бо ин балл дар ҳолате баҳогузорӣ карда мешавааанд, ки агар талаботҳои стандарт аз 90% зиёд иҷро шуда бошанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаи ҷамъбастии аккредитатсионии корхонаҳои соҳаи тандурустӣ вобаста аз гирифтани мартабаи 1-ум ва 2-юм нисбат ба мартабаи 3-юм муҳимтар буда, дар натиҷа:

- Нисбатан баланд будани баҳодиҳӣ аз рӯи ҷадвали баҳодиҳии мартабаҳои 1-юм ва 2-юми стандартҳо;
- Сохтори хоси нақшаи дарачабандии стандартҳои 1-юм ва 2-юм, ки ҳангоми нопурра (иҷро нагардидан) қонеъ гардонидани талаботҳои стандартҳои мартабаи 1-ум ва 2-юм баҳогузории стандарҳои дар боло зикргардида паст мешавад ва натичаи умумии аккредиатасия таъсири манфӣ мерасонад.

Истифодаи тартиби саф кашонидан ва дарачабандии муассисаҳои тандурустиро барои иҷроиши пурраи талаботҳои стандартҳо, пеш аз ҳама стандартҳои мартабаи 1-ум ва 2-юм барои беҳтар намудани натиҷаи машварати аккредиатасионӣ водор менамояд.

# 7. Стандартҳои аккредитатсияи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (марказҳои саломатӣ)

## Қисмати I. «Идоракунӣ/менеҷмент».

### Мақоми ҳуқуқӣ, хизматҳои расонидашаванда, сохтори ташкилӣ ва талаботҳо ба дастгоҳи идоракунии муассиса

**Стандарти 1.1. Мақоми ҳуқуқӣ**

Мақоми шахси ҳуқуқии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (минбаъд муассиса) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда мавҷуд аст:
   - Мавҷудияти Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳалӣ;
   - Оиннома/Низомнома аз тарафи Муассис тасдиқ шуда, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳалӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
2. Муассис (роҳбари болоӣ) ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) мутобиқ мебошад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.
2. Мутобиқ будани Муассис ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 1.2. Ҳуҷҷатҳои сохтори дастгоҳи идоракунӣ ва ташкилӣ

Ҳуҷҷатҳои сохтори дастгоҳи идоракунӣ ва ташкилии муассиса ба талаботи муқарраршуда мувофиқ аст

**Талаботҳои стандарт**

1. Сохтор ва мундариҷаи Оиннома/Низомнома ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ мутобиқ мебошад. Дар Оиннома/Низомнома намудҳои кӯмаки тиббӣ, принсипҳо/арзишҳо, мақсадҳо, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои муассиса муайян карда шудаанд.
2. Низомномаи расмӣ оид ба зерсохторҳои муассиса мавчуд аст, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии системаи тандурустии ҶТ мувофиқ ва дорои асосҳо/мавридҳои ташкили фаъолияти онҳо мебошад. Зерсохторҳои муассиса дар асоси Низомномаи тасдиқшуда фаъолият мекунанд, ки қисмҳои зеринро дорост:

- «қоидаҳои умумӣ»;
- «принсипҳо/арзишҳо»,
- «мақсад»,
- «вазифа ва функсияҳои стратегӣ»,
- «идоракунӣ, сохтор ва воҳидҳои корӣ»,
- «тартиби ташкили кор».

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

1. Оиннома/Низомномаи муассиса аз рӯи мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Низомномаи сохторҳои зертобеъ омӯхта, мутобиқатии он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 1.3. Хизматрасонии муассиса

Хизматрасонии муассиса ба принсипҳо/арзишҳои ахлоқии тиббӣ ҷавобгӯй мебошад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Муассиса ҳуҷҷат таҳия намудааст (дар мисоли «кодекси ахлоқи касбии корманди тиббӣ»), ки ба он дохил мешавад:

- ҳуқуқи беморон;
- меъёрҳои одобу ахлоқӣ ва принсипҳои рафтори кормандон/ҳайат ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ;
- моделҳо ва қоидаҳои муносибат байни кормандон ва беморон;
- моделҳо ва қоидаҳои муносибат байни кормандони муассисаҳои тандурустӣ;
- раванд/алгоритми **қабули қарори ҳалкунанда** дар ҳолатҳои ихтилофи ахлоқӣ (этикӣ) дар рафти хизматрасонии тиббӣ ба бемор пайдо мешаванд (рад кардани табобат, қатъ намудани табобат, вазъият вақте ки беморон наметавонанд хоҳишҳо / имтиёзҳоеро, ки бо хизматрасонии

тиббӣ алоқамананд, изҳор кунанд), аз он ҷумла ҷиҳатҳои ҳуқуқии он;

2. Ҳайат аз меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқ (этика) - и дар муассиса муқарраргардида огоҳ буда, ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ аз онҳо истифода мекунад;

3. Маълумот дар бораи меъёрҳои муқарраршудаи ахлоқӣ дар муассиса, принсипҳои рафтори кормандон/ҳайат дар гузаронидани фаъолияти касбӣ ба беморон дастрас мебошанд (дар ҷойҳои иттилоотӣ барои беморон овезаҳо ҷойгир карда мешаванд).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Санҷиши мавҷудияти ҳуҷҷате, ки маҷмӯи меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои одобу ахлоқ (этика) – и кормандон/ҳайатро ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ муайян мекунад, гузаронида мешавад.
2. Нақшаи мавзӯи омӯзиши кормандони тиб, барои муайян кардани мазмун ва мундариҷаи он нисбати меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои муқарраршудаи рафтори кормандон тиб дар муассиса санҷида, баҳодиҳӣ карда мешавад.
3. Девораҳои (овезаҳои) иттилоотӣ барои беморон, дар бораи мавҷуд будани иттилооти меъёрҳои муқарраршудаи ахлоқӣ ва принсипҳои рафтори кормандон/ҳайат дар рафти фаъолияти касбӣ, аз назар гузаронида мешавад.

.**<u>Стандарти 1.4. Сохтори ташкилӣ</u>**

Сохтори ташкилӣ ва сохтори дастгоҳи идоракунӣ барои амалӣ намудани мақсад, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои муассиса мусоидат менамояд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Ҳайати зерсохторҳо ба талаботҳои муассиса ҷиҳати самаранок татбиқ намудани мақсад, вазифаҳо ва ҳадафҳои стратегии он ҷавобгӯй мебошад.
2. Мансабҳои ҳайати идоракунии мавҷуда аз лиҳози иҷрои вазифаҳо, зарур ва мақсаднок мебошанд.
3. Дар муассисаи тандурустӣ шахсони масъул оид ба масъалаҳои зерин мавҷуданд:
   - оид ба кори табобатӣ, аз ҷумла идоракунии низоми бехатарӣ ва баланд бардоштани сифати ёрии тиббӣ;
   - оид ба эксперизаи корношоямӣ;
   - оид ба кори кормандони миёна ва хурди тиб;
   - оид ба солимии репродуктивӣ;
   - оид ба менеҷменти молиявӣ;
   - оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ;
   - оид ба идоракунии низоми иттилоотӣ ва омор;
   - оид ба идоракунии лоҷистикӣ (таъмини бехатарии муҳити зист, назорат ва нигоҳубини таҷҳизотҳо ва асбобу лавозимотҳои тиббӣ, биноҳо ва коммуникатсияҳо).
4. Нақшаи тасдиқгардидаи сохтори ташкилӣ ва алоқамандии онхо, ки

доираи ваколатҳо ва масъулиятҳоро муайян менамояд ва ташкили ҳақиқии корро дар муассисаи тандурустӣ инъикос мекунад, мавҷуд аст.

5. Низоми алоқамандии (корпоративӣ) сохтори муассиса барои татбиқи самараноки мақсадҳо ва иҷроиши вазифаҳо мусоидат мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Таҳлил ва баҳодиҳии чунин самтҳо тибқи талаботҳои стандарт гузаронида мешаванд:

1. Басти воҳидҳои кории ҳайати идоракунии муассисаи тандурустӣ.
2. Заруърият ва мақсаднокии мансабҳои ҳайати идоракунии фаслҳои Оинномa/Низомнома.
   - Сохтор;
   - Низоми идоракунии ташкилӣ.
3 Мавҷудияти шахсони масъул оид ба масъалаҳои дар боло номбурда.
4. Нақшаи тасдиқгардидаи сохтори ташкилӣ ва алоқамандии онхо.
5. Алоқаҳои корпоративӣ дар муассиса.

## Стандарти 1.5. Тахассус, салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии роҳбар

Тахассус, салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии роҳбар ва муовинони ӯ барои идоракунии самараноки муассиса мусоидат менамояд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Роҳбари муассиса мувофиқи қонунгузории ҶТ таъин гардидааст ва ба талаботҳои тахассусии зерин ҷавобгӯй аст:
   - маълумоти олӣ (тиббӣ, иқтисодӣ, идоракунии давлатӣ);
   - маълумоти иловагии касбӣ аз рӯи ихтисоси «Идоракунии тандурустӣ»/Менеҷменти муассиса», ки бо сертификат тасдик гардидааст;
   - собиқаи корӣ дар соҳаи тандурустӣ на кам аз 10 сол;
   - собиқаи корӣ дар мансабҳои роҳбарӣ (мудири шуъба, муовини сартабиб ва ғ.) на кам аз 5 сол;

2.Муовинони роҳбари муассиса, сарҳамшира, сардор/нозири шӯъбаи кадрҳо ва сардори бахши хоҷагидорӣ (лоҷистика):
   - дорои маълумоти олӣ ё миёнаи махсус, мутобиқ ба мансаби ишғолнамуда;
   - тибқи талаботҳои интихоб, ки дар дастурамали мансабӣ муайян гардидаанд, ба воҳиди мансабӣ таъин карда шудаанд;
   - дорои сертификати тахассусӣ вобаста бо самти сарпарастӣ дар муассиса мебошанд;
   - дорои маълумоти иловагии касбии бо сертификат тасдиқшуда оид ба «Идоракунии тандурустӣ»/менеҷменти муассиса» мебошанд.

3.Муовинони роҳбари муассиса, масъул оид ба кори ҳамширагӣ, сардор/нозири шӯъбаи кадрҳо ва сардори қисми хоҷагӣ (лоҷистика) аз рӯи шарҳи вазифаҳо масъул мебошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**
Барои баҳодиҳӣ оид ба мутобиқат ба талаботҳои стандарт ҳуҷҷатҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд:

- Фармоишҳо оид ба таъинот ба вазифаҳо;
- Ҳуҷҷатҳо оид ба маълумотнокӣ;
- Сертификат оид ба тахассуснокӣ;
- Сертификатҳо оид ба маълумоти касбии иловагӣ аз рӯи «Идоракунии тандурустӣ»/»Менеҷменти муассиса» роҳбар ва муовинони роҳбари муассиса;
- Дастурамалҳои мансабӣ.

**<u>Банақшагирӣ ва ҳисоботдиҳӣ</u>**

**<u>Стандарти 1.6. Банақшагирии фаъолият</u>**

Фаъолияти муассиса дар асоси нақша амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**
1.Мавҷудияти нақшаи кории солонаи муассисаи тандурустӣ ва нақшаи зерсохторҳои он.
2.Мавҷудияти муқаддима (сарсухан) дар нақшаи кори солона, ки дар он вазифаҳои асосии стартегӣ барои соли оянда, ки аз мақсадҳо ва ҳадафҳои стратегии муассисаи тандурустӣ, барномаҳои миллӣ, сохавӣ ва дигар барномаҳо дар соҳаи тандурустӣ ва натиҷаҳои таҳлили фаъолияти соли гузашта бармеоянд, инъикос гардидааст.
3.Сохтори нақшаи кории солонаи муассиса чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

- "фаъолиятҳои мушаххас барои иҷрои вазифаҳо";
- "натиҷаҳои пешбинишуда аз иҷрои чорабиниҳои ба нақша гирифташуда";
- кормандоне, ки барои татбиқи чорабиниҳои нақшавӣ масъуланд;
- "мӯҳлатҳо барои иҷрои чорабиниҳои ба нақша гирифташуда";
- "мониторинг ва баҳодиҳии иҷроиши нақшаҳои нақшавӣ

4.Чорабиниҳои банақшагирифташуда бо ҳадафҳои стратегии муассиса асоснок гардида, аз рӯи қисматҳои зерин ба тартиб дароварда шудаанд:

- «чорабиниҳои ташкилӣ»;
- «чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарӣ/идоракунии хатарҳо»;
- «чорабиниҳо оид ба баландбардории сифат»;
- «кор бо кадрҳо (омӯзиш, баҳодиҳии тайёрии касбӣ/тахассусӣ)»;
- «фаъолияти/менеҷменти молиявию хоҷагидорӣ»;
- «беҳтар намудани пойгоҳи моддию-техникӣ ва бехатарии муҳити зист (сохтмон, таъмир ва хизматрасонии пешгирикунандаи бино, коммуникатсия, техникаи тиббӣ, таҷҳизот, ободонии ҳудуд)»;
- «дигар чорабиниҳо».

5. Нақшаҳои кории солона дар ҷаласаи умумии ҳайати муассисаи тандурустӣ

муҳокима карда, ба расмият дароварда шудаанд (аз ҷониби тамоми иҷрокунандагони масъул мувофиқа/ба имзо расидаанд, навиштаҷотҳои «Тасдиқ мекунам» ва «Мувофиқа карда шудааст» мавҷуданд).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**
Нақшаи умумии фаъолияти солонаи муассиса ва зерсохторҳои он омӯхта мешавад. Мавҷудияти муқаддима, мазмуни он, сохтор ва қисмҳои нақша, барасмиятдарорӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Илова бар ин, протоколҳои ҷаласаҳои ҳайат (муассисаи тандурустӣ), ки муҳокима намудани нақшаи фаъолияти солонаро тасдиқ менамояд, омӯхта мешаванд.

## <u>Стандарти 1.7. Тадбирҳои нақшавӣ</u>

Тадбирҳои дар нақшаҳои корӣ вориданд, дурандешанд, мушаххасан, андозашавандаанд, равшананд муайян карда шудаанд, истифодаи оқилонаи захираҳоро, таъмини бехатариро ва беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббиро мусоидат мекунанд.

**Талаботҳои стандарт**
1. Тадбирҳои нақшавӣ амалишавандаанд, воқеан мушаххасан, махсусан, фаъолияти мунтазами кормандонро дар иҷрои вазифаҳои худ такрор намекунад.
2. Тадбирҳои пешбинишуда чен карда мешавад, тартиб, нишондод/нишондиҳандаҳо барои ченкунӣ/арзёбии иҷрои нақшаҳои нақшавӣ мавҷуданд.
3. Тадбирҳои пешбинишуда ба истифодаи оқилонаи захираҳои муассиса, бехатарӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ мусоидат мекунанд

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Нақшаи умумии фаъолияти солонаи муассиса ва зерсохторҳои он омӯхта мешавад, мундариҷаи корҳои нақшавӣ аз нуқтаи назари риояи талаботи стандартӣ баҳогузроӣ карда мешавад. Илова бар ин, мавҷудияти меъёрҳо/ нишондодҳо барои ченкунӣ/баҳодиҳии иҷрои нақшаҳои гирифта баҳо гузошта мешавад.

## <u>Стандарти 1.8. Назорат ва мониторинги татбиқи чорабиниҳо</u>

Назорат ва мониторинги саривақтии татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**
1.Роҳбарияти муассиса ва зерсохтори он барои назорат ва мониторинги мунтазами татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда масъул мебошанд.
2.Дар нақша қайдҳо дар бораи татбиқи чорабиниҳо, ҳуҷҷатҳои ба расмият даровардашуда, ки иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташударо (фармоиш, супориш, пайнавиштҳои ҷаласаҳо, семинарҳо, конфронсҳо, сабт

дар ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғ.) собит менамоянд, мавҷуд мебошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**
Ба омӯзиш ва баҳодиҳӣ фаро гирифта мешаванд:

- нақшаи кории солонаи муассиса барои муайян кардани мавҷудияти қайдҳо оиди иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташуда;
- фармоишҳо, супоришҳо пайнавиштҳои ҷаласаҳо, семинарҳо, конфронсҳо, ҳуҷҷатҳои корие, ки татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташударо тасдиқ менамоянд.

## Стандарти 1.9. Тадбирҳо дар ҳолатҳои фавқулодда

Нақшаи тадбирҳо дар ҳолатҳои фавқулодда/вазъият таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**
1. Нақшаи чорабинӣ дар ҳолатҳои фавқулодда (офатҳои табии, садамаҳо, фалокатҳо, эпидемия, таҷовузи низомӣ, терроризм, низоъҳои шаҳрвандӣ ва ғ.), мавҷуд буда бо хадамоти фавқулодда мувофиқ шудааст.
2. Ҳуҷҷатҳое, ки инъикоси амалисозии нақшаи чорабинҳо (машқҳо) мебошанд, мавҷуд мебошанд

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**
Ҳуҷҷатҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд:
**1.** Нақшаи тадбирҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ;
**2.** Ҳуҷҷатҳои инъикоси амалисозии нақшаи чорабинҳоро (омӯзишҳо)

## Стандарти 1.10. Баҳодиҳӣ ва таҳлили фаъолият

Таҳлили фаъолияти муассисаи тандурустӣ ва баҳодиҳии татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда таъмин карда мешавад

**Талаботи стандарт.**
1. Роҳбарияти муассиса ва зерсохторҳои он, масъуланд дар таҳияи ҳисоботи солонаи фаъолияти муассиса ва зерсохторҳои он, бо таҳлили:

- сифат / мутобиқати заминаи моддию техникӣ;
- таъминнокӣ ва дараҷаи ихтиссоси кормандон;
- нишондиҳандаҳои оморӣ ва сифатнокии фаъолият;
- ҳаҷми татбиқи чорабиниҳои нақшавӣ ва сабабҳои иҷронашудани чорабиниҳои нақшавӣ;
- ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас;
- риояи мӯҳлатҳои ба нақша гирифташуда

2. Дар натиҷаи таҳлили фаъолият масъалаҳои ҳалталаб (дар заминаи моддию техникӣ, таъминнокӣ ва дараҷаи ихтиссоси кормандон, таъмини бехатарӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ) ошкор шуда ва дар қадамҳои минбаъда барои ҳалли проблемаҳо нақшагузорӣ карда мешавад.

3. Ҳисобот бо таҳлили фаъолият дар маҷлиси умумии кормандони муассиса ва зерсохторҳои он муҳокима карда шудааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1.Мавҷудияти ҳисобот оид ба фаъолияти солонаи муассисаи тандурустӣ ва зерсохторҳои он санҷида мешавад. Сифати таҳлил дар ҳисоботи солонаи муассисаи тандурустӣ ва зерсохторҳои он тибқи талаботҳои стандарт омӯхта баҳо дода мешавад.

2. Пайнавишти маҷлис, ки дар он ҳисоботи фаъолияти муассиса ва зерсохторҳои он муҳокима карда шудааст, омӯхта мешавад. Мазмуни баромади иштироккунандагон ва пешниҳодҳои манзургардида, дурустии қарорҳои қабулгардида, барои беҳтар намудани фаъолияти муассиса баҳогузорӣ карда мешавад.

## <u>Идоракунии молиявӣ</u>

**Стандарти 1.11. Ташкили менеҷменти молиявӣ**

Ташкили системаи идоракунии молиявӣ татбиқи вазифаҳо / мақсадҳо, вазифаҳо ва ӯҳдадории ташкилотро таъмин мекунад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ/сармуҳосиби муассисаи тандурустӣ дорои маълумот, таҷриба ва тахассуси ба меъёрҳои мувофиқи интихоб ба басти вазифавӣ мебошад, ки дар дастурамали вазифавӣ муайян гардидаанд.
2. Аз тарафи кормандони бахши молиявию иқтисодии муассиса пешбинии талаботҳои молиявӣ ва хатарҳои эҳтимолӣ, банақшагирӣ (аз он ҷумла, таҳияи чорабиниҳо/амалҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда/татбиқи хатарҳои молиявӣ), омода намудани ҳисобот бо таҳлил оид ба фаъолияти молиявии муассиса, ташаккули буҷет тибқи хизматрасониҳо аз ҷониби муассиса амалӣ карда мешаванд.
3. Буҷети солона тибқи арзиши хароҷотҳои чорабиниҳои банақшагирифташуда тартиб дода шудааст ва захираҳои лозимиро барои татбиқи ҳама чорабиниҳои банақшагирифташудаи муассиса ба инобат гирифтааст. Самаранокии иқтисодии хароҷотҳо аз рӯи натиҷаҳои таҳлили фаъолияти молиявии муассиса барои соли гузашта ба инобат гирифта шудааст.
4. Дар қисмати хароҷотии буҷети муассиса **тибқи талаботҳои аслии** маблағҳо барои таъмини бехатарӣ ва беҳтарнамоии муттасили сифати хизматрасаонии тиббӣ, пешбинӣ гардидааст, аз он ҷумла ба:
   - харидории доруворӣ;
   - хариди воситаҳои муҳофизати фардӣ барои кормандон ва беморон;
   - хариди таҷҳизот ва маводҳо барои безараргардонӣ ва тамйизгардонӣ;
   - харидории собун, молҳои шустушӯй, антисептикҳо ва маснуот барои риояи гигиена ва шустани дастони кормандон;

• харидории эмдору барои эмкунии кудакон

• харидории эмдору барои эмкунии кормандон зидди гепатити вирусии «В»;

• чорабиниҳои оид ба несту нобуд кардани партовҳои тиббӣ;

• таълими иловагии тахассусии кормандон (такмили ихтисос, ихтисосгирӣ);

• дастрас намудани асбобу анҷоми муассиса ва молҳои таъиноти тиббӣ (таҷҳизот, дастгоҳҳо, асбобҳо, маҷмҷи лавозимоти тиббӣ, асбобу анҷомҳо, маснуот ва молҳои истифодаи яккарата, маводҳо барои нигоҳубини беморон);

• гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва воридсозии онҳо дар амал;

• таъмир ва хизматрасонии профилактикии биноҳо, сохтмонҳо, системаи коммуникатсионӣ, асбобу анҷом ва молҳои таъиноти тиббӣ;

• санҷиши восиатҳои ченкунӣ;

• гузаштани расмиёти аккредитатсия (дар се сол як маротиба);

5. Истифодаи сарфакоронаи маблағҳо тавассути таҳлили фаъолияти молиявии ташкилот, санҷишҳои аудитӣ, ҳисобот дар назди ҳайати муассиса оиди иҷроиши буҷет санҷиш ва баҳогузорӣ карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Барои баҳодиҳии иҷроиши талаботҳои стандарт омӯхта мешаванд:

•дастурамали вазифавии роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ/сармуҳосиб;

• ҳуҷҷатҳо оид ба пешбинии талаботҳои молиявӣ ва эҳтимолияти хатарҳо дар соли ҷорӣ;

• нақшаи кории бахши молиявию иқтисодӣ дар соли ҷорӣ;

• ҳисобот бо таҳлили фаъолияти молиявии муассиса дар соли гузашта;

• сметаи даромад ва хароҷот аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли ҷорӣ;

•баҳисобгирии арзиши хароҷоти чорабиниҳои банақшагирифташуда дар соли ҷорӣ;

• таҳлили фаъолияти молиявӣ;

• ҳуҷҷатҳо оид ба натиҷаҳои санҷишҳои аудитӣ;

• пайнавиштҳои ҷаласаҳои кормандон, ки ба ҳисоботи бахши молиявию иқтисодӣ оид ба иҷроиши буҷет тааллуқ доранд.

**<u>Стандарти 1.12. Баҳисобгирии мунтазам ва санҷиши истифодаи маводҳои арзишнок.</u>**

Баҳисобгирии мунтазам ва санҷиши самаранокии истифодаи маводҳои арзишнок гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассиса баҳисобгирӣ гузаронида мешавад:

• ҳангоми додани амвол ба иҷора, харид ва фурӯш;

• пеш аз тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ;

• ҳангоми иваз намудани шахсони масъули молиявӣ дар рӯзи доду

гирифти ҳуҷҷатҳо;

• ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои дуздӣ, сӯиистеъмол ё вайрон шудани амвол;

• ҳангоми офатҳои табиӣ, сӯхтор ё дигар ҳолатҳои фавқулоддаи ғайричашмдошт;

2.Мавҷудияти фармоишҳои роҳбарият оид ба гузаронидани баҳисобгирии амвол, ки тавассути онҳо: ҳайати комиссияи баҳисобгирӣ, номгӯи амволи баҳисоб мегирифташуда ва санаи гузаронидани баҳисогирӣ муқаррар карда шудааст.

4. Мавҷудияти санад, ки дар он амалӣ шудани баҳисобгирии амвол ва ӯҳдадориҳо ва дар давоми ин санад бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шудани мавҷудияти молу мулк, ҳолат ва баҳогузорӣ шудани онҳо инъикос шудааст. .
5. Фармоиш дар бораи натиҷаи баҳисобгирӣ ҳангоми ошкор гардидани норасогиҳои амвол, ҳангоми гузаронидани баҳисобгирӣ муайян карда шудааст, мавҷуд аст.
6. Шартномаҳо бо кормандони сохторҳои зертобеъ оид ба масъулияти молиявӣ мавҷуданд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Бо мақсади муайян намудани мутобиқат ба талаботҳои стандарт ҳуҷҷатҳои зерин мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода мешаванд:

• фармоишҳои роҳбарият дар бораи гузаронидани баҳисобгирии амвол;
• санад (ҳо)-и баҳисобгирии амвол;
• фармоиш оид ба натиҷаи баҳисобгирии гузаронидашуда;
• шартномаҳо оид ба масъулияти молиявии кормандон.

**Идоракунии захираҳои инсонӣ**

**Стандарти 1.13. Дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ.**

Дар муассиса барои ҳама бастҳои вазифавӣ дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ таҳия карда шудаанд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассиса барои ҳама бастҳои вазифавӣ дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ таҳия карда шудаанд ва онҳо иборатанд аз:

• талаботҳои меъёрҳои интихоби мутахассис барои мавқеъи басти вазифавӣ (маълумоти дипломӣ ва баъдидипломӣ, таҷрибаи корӣ, тахассус/мавҷудияти сертификат оид ба азхудкунии дараҷанокии тахассусӣ, малакаҳои амалӣ ва ғ.);

• ӯҳдадориҳои мутахассис;
• масъулияти мутахассис;
• нақшаи тобеият ва ҳисоботдиҳӣ;
• вазифаҳои касбии мутахассис;
• ҳуқуқи мутахассис;

2. Дастурамалҳои вазифавӣ хусусиятҳои шаклсозиро доранд (бо кумитаи иттифоқи касаба мувофиқа карда шуда, аз тарафи роҳбарияти муассиса тасдиқ карда шудаанд) ва дар шӯъбаи кадрҳо мутамарказонида нигоҳ дошта мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ барои ҳар як вазифа дар шӯъбаи кадрҳо санҷида мешавад, мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандартҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 1.14. Таъминнокӣ бо ҳайати кормандони тиб

Муассисаи тандурустӣ бо шумораи зарурии кормандони тибби босалоҳият ва баландихтисоси ба талаботҳои вазифавӣ мувофиқ, барои хизматрасонии тиббӣ дар ҳаҷм ва сифатии зарурӣ таъмин мебошад.

**Талаботҳои стандарт**

1.На кам аз 60%-и ҳайати кормандони тиб дорои шаҳодатномаи дараҷаи тахассусӣ мебошанд, ки сатҳи зарурии салоҳиятнокӣ/ихтисоснокии (таҷриба, дониш, малакаи амалӣ) онҳоро барои амалисозии амалияи тиббӣ тасдиқ менамояд.

2.Сатҳи таъминнотнокии (таносуби шахсони воқеӣ ба воҳидҳои кории мавҷуда) ҳайати тиббӣ, ёрирасон ва техникии муассисаи тандурустӣ на кам аз 75%-ро ташкил медиҳад. Коэффисиенти ҳамкор (таносуби шумораи вазифаҳои бандбуда ба шумораи шахсони воқеӣ) барои кормандони муассиса аз 1,25 зиёд нест.

3.Роҳбари зерсохтор дорои:

- шаҳодатномаи мутахассис оид ба соҳаи фаъолияти амалияи тиббӣ мувофиқбуда;
- шаҳодатнома оид ба дараҷаи якум/олии ихтисос ё унвони илмии ба соҳаи фаъолияти амалияи тибби мувофиқбуда;
- таҷрибаи кории на камтар аз 5 сол дар соҳаи фаъолияти амалияи тиббӣ мувофиқбуда мебошад.

4. Дар муассиса механизми баҳодиҳии сатҳи тахассуснокии кормандони тиб, тибқи талаботҳои муқарраргардида барои ишғол намудани вазифаҳои бастҳои муайян (атестатсия, баҳодиҳӣ аз рӯи меъёрҳои интихоби муқарраргардида дар дастурамали вазифавӣ ба ҳар як вазифаи бастӣ) мавҷуд аст.

5. Нисбати шахсони ба меъёрҳо номутобиқ аз рӯи натиҷаҳои баҳодиҳӣ чораҳо (озод намудан аз вазифаи ишғолнамудааш, ба омӯзиш равон намудан, ба кори дигар гузаронидан) андешида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Фоизи таъминотнокӣ бо кормандон ва коэффитсиенти фаъолияти кормандон ҳамчун ҳамкор дар муассиса ҳисоб карда мешавад,

2. Фоизи кормандоне, ки дорои шаҳодатномаи тахассусӣ мебошанд, ҳисоб

карда мешавад.
3. Омӯзиш ва баҳогузории ҳуҷҷатҳои роҳбарони зерсохторҳо оид ба дараҷанокӣ, ихтисос, таҳсили дипломҳо, шаҳодатномаҳои тахассусӣ барои категорияи тахассусӣ, китобчаи корӣ, ки барои риояи талаботи стандарт ҷавобгӯ мебошанд.
4. Санҷиши делоҳои шахсӣ, дастурамалҳои вазифавӣ ва рӯйхати кормандони муассиса гузаронида мешавад. Мутобиқати тахассуснокии кормандон тибқи меъёрҳои дар дастурамали вазифавӣ муайянгардида баҳогузорӣ карда мешавад.
5. Дурустии қарорҳои қабулгардида оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии мутобиқати кормандони тиб, баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 1.15. Баланд бардоштани дараҷаи тахассуси ҳайати кормандони тиб</u>**

Сиёсати мунтазам баланд бардоштани дараҷаи тахассуси ҳайати кормандони тиб татбиқ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1.Гузаштани кормандон аз давраҳои баъдидипломии такмилӣ ихтисос/тахассуснокӣ, аз он ҷумла кормандоне, ки дар таҷҳизоти махсусгардонидашуда фаъолият мекунанд. Дар шӯъбаи кадрҳои муассиса мониторинги доимӣ ва таҳлили гузаштан аз давраҳои омӯзишии баъдидипломии такмили ихтисисос, бо мақсади муайян намудани рӯйхати солонаи шахсони ба такмили ихтисос эҳтиёҷманд ва тартиб додани нақшаи иловагии таҳсилоти касбии кормандони муассиса, гузаронида мешаванд. Гузаштани кормандон аз давраҳои такмили ихтисоси баъдидипломӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ гардидааст – мавҷудияти сертификат.
2 Мавҷудияти барномаҳои таълимии дохилиидоравии мутаасил барои кормандони тиб оид ба масъалаҳои мубрами сифат ва бехатарӣ, аз рӯи дастурамалҳои клиникии тасдиқгардида (протоколҳо), стандартҳо, амалҳо ва фармоишҳое, ки ба принсипҳои тибби далелнок асос ёфтаанд. Дарсҳо на кам аз мавзӯҳои зерин иборатанд:
- бехатарии клиникӣ, бо назардошти назорати сироятӣ ва бехатарии истифодаи техникаи тиббӣ ва таҷҳизот;
- бехатарии муҳити зист;
- ҳолатҳои бетаъхир (таъҷилӣ), ёрии аввал.
- чорабиниҳои наҷотдиҳӣ;
- ҳуқуқи беморон/истифодабарандагони хизматрасонии тиббӣ.

3.Омӯзиш дар намуди гузаронидани конфронсҳо, давраҳои омӯзишӣ ва семинарҳо ба роҳ монда мешавад. Тестҳо барои баҳодиҳии дониш то омӯзиш ва баҳодиҳии самаранокии омӯзиш (пеш- ва баъд аз омӯзиш тесткунонӣ) таҳия гардидаанд.

**Баҳодиии иҷроиши стандарт**

1. Дар шӯъбаи кадрҳои муассиса баҳогузорӣ карда мешаванд:
   - рӯйхати ҳайати кормандон;

• нақшаи солонаи омӯзиши иловагии (баъдидипломии) тахассусии ҳайати кормандон;

• делоҳои шахсии кормандон оид ба саривақт гузаштан аз такмили ихтисос аз рӯи ихтисосҳои тиббӣ.

2. Барномаҳои таълимӣ барои табибон ва кормандони миёнаи тиб, ки аз рӯи мутобиқ будани мавзӯи дарсҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, пайнавишҳои гузаронидани давраҳои омӯзишӣ ва натиҷаи тесткунонӣ омухта мешавад.
3. Оид ба гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ дар мавзӯи тасдиқшудаи протоколҳо/ дастурамалҳои клиникӣ, стандартҳо, амалиётҳо ва фармонҳо дар асоси принсипҳои далелҳои асосёфта , анкетагузаронии коркунони тиб гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 1.16. Шартномаи меҳнатӣ ва коллективӣ</u>**

Шартномаи меҳнатӣ ва коллективӣ байни корфармо ва кормандон ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат мутобиқ мебошанд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Муносибатҳои меҳнатии тамоми кормандон дар муассиса тавассути шартномаҳои меҳнатӣ ба танзим дароварда мешаванд. Шартномаҳои меҳнатӣ дар асоси принсипи муносибатҳои шарикии байни корфармо ва кормондон баста шудаанд ва талаботҳои асосии моддаҳои 30-31 Кодекси меҳнати ҶТ дар бар мегиранд. Шартномаҳои меҳнатӣ ҳатман талаботҳоро оид ба ӯҳдадориҳо ва масъулитяти корфармо дар самти таъмини бехатарӣ дар муассисаи тандурустӣ, ҳифз ва гигиенаи меҳнат, дар бар мегирад.
2. Шартномаи коллективӣ дар асоси принсипҳои Кодекси меҳнати ҶТ баста шудааст. Шартномаи коллективӣ талаботҳои асосии моддаҳои 23-25 кодекси меҳнати ҶТ, инчунин, талаботҳоро оид ба таъмини шароити солим ва бехатари меҳнат, беҳтар намудани ҳифзи саломатӣ ва муҳити зистро дар бар мегирад.
3. Татбиқи талаботҳои шартномаи коллективӣ дар ҷаласаҳои ҳайати кормандон баррасӣ ва муҳокима карда мешаванд (пайнавиштҳо бо қарори ҷаласа мавҷуд аст).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти шартномаҳои меҳнатии басташудаи муассисаи тандурустӣ бо кормандон санҷида мешавад ва мутобиқати онҳо ба (моддаҳои 30-31) Кодекси меҳнати ҶТ баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Мавҷудияти шартномаи коллективӣ санҷида шуда, мутобиқати талаботҳои он бо Кодекси меҳнати ҶТ баҳодиҳӣ карда мешавад.
3. Мавҷудияти пайнавиштҳои ҷаласаҳои ҳайати кормандон оид ба баррасӣ ва муҳокимаи татбиқи талаботҳои шартномаи коллективӣ санҷида мешавад.

**<u>Стандарти 1.17.Нигоҳдории маълумотҳои шахсӣ</u>**

Парвандаҳои шахсии ҳайати кормандон тибқи тартиботи муқарраргардида тартиб дода шуда, нигоҳ дошта мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

**1.** Шӯъбаи кадрҳо дар як ҳуҷраи алоҳида ҷойгир шудааст, ки бо сейфи оҳанини бехатар ва ҷевонҳои қулфшаванда муҷаҳҳаз карда шудаанд. Дари дохилшавӣ ба бино оҳанин буда, тирезаҳо бо панҷараҳои оҳанин муҳофизат карда мешаванд.

2. Делоҳои шахсии ҳайати кормандон дар хуҷраи шуъбаи кадрҳо дар сейфҳо, ҷевонҳои қулфшаванда нигоҳ дошта мешаванд ва барои шахсони бегона дастнорасанд.

3. Делои шахсии ҳар як корманд иборат аст аз: рӯйхати дохилии ҳуҷҷатҳо, ариза дар бораи ба кор қабул кардан, варақаи шахсии бақайдгирии кадрҳо, тарҷумаи ҳол, нусхаҳои ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот (диплом, ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани ординатура ва интернатура, бозомузии аввалия, такмили ихтисос), нусха аз фармоишҳо оид ба аз кор ба кор гузаштан, аз кор озод шудан ва дафтарчаи меҳнатӣ.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Дурустии нигоҳ доштани делоҳои шахсии ҳайати кормандон дар шӯъбаи кадрҳо (дар сейфҳо ё ҷевонҳои қулфшаванда) санҷида мешавад. Делоҳои шахсии ҳайати табибон, кормандони миёнаи тиб ва ғайра бо мақсади мутобиқати онҳо ба стандарт аз рӯи мавҷудияти ҳуҷҷатҳои зарурӣ интихобан санҷида мешаванд.

## <u>Идоракунии маълумот</u>

### <u>Стандарти 1.18. Дастрасӣ ба маълумот</u>

Ҳайати кормандони муассиса ба маълумотҳои зарурӣ дастрасӣ доранд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассиса /сохторҳои зертобеъ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (ба ҳайати кормандон дастрас), ки фаъолияти касбиро ба танзим медароранд, дар шакли электронӣ ва ё дар шакли воситаҳои коғазии маълумотдор мавҷуданд, аз он ҷумла:

- Қонунҳо (қонунгузории умумӣ ва оид ба масъалаҳои ҳифзи солимӣ);
- Барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи солимӣ;

Фармоишҳо ва дастурҳои ВТҲИА, ки фаъолияти муассиса дар самти бехатарӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба танзим медароранд.

- Дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо, ки ба принсипҳои тибби далелнок асос ёфтаанд, ҳамчунин, дастурамалҳо ва протоколҳо оид ба бемориҳои ҳамрадиф.

2. Механизми мунтазами такмилёбии (аз фаъолият гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии эътиборашонро гумкарда ва ба маҷмӯи санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ илова намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул ва тасдиқшуда) маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд аст.
3. Интернет барои кормандони муассиса (барои муассиса воқеъ дар шаҳрҳо ҳатмист) дастрас аст.
4. Муассиса таъмини маълумотро оид ба фаъолияти ҷории ҳайати кормандон амалӣ менамояд. Механизмҳои шаффоф ва самараноки алоқа барои гузаронидани маълумот дар муассиса (зерсохтор) мавҷуд мебошанд, ки иборатанд аз:
- Лавҳаҳои эълонҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои эълонҳо;
- Маҷлисҳои ҳарруза;

Маълумот дар тахтаи эълонҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои ҳайат мунтазам нав карда мешавад. Маҷлисҳо мунтазам на кам аз як маротиба дар як ҳафта гузаронида мешаванд. Рӯзномаҳои маҷлисҳои истеҳсолӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрам равона карда шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**
1. Мавҷудияти номгӯи амалкунанда ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи талаботҳои стандарт ва дастрасии он ба ҳайати кормандон санҷида мешавад.
2. Мавҷудияти механизми таҳияи мунтазами маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ санҷида мешавад (пурсиши шахсони масъул).
3. Дастрасии интернет ба кормандони муассиса санҷида мешавад.
4. Мавҷудияти механизми алоқаҳо барои додани маълумот дар муассиса тавассути назорати овезаҳои эълонҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои ҳайти кормандон санҷида шуда, муҳимияти маълумот дар овезаҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Дафтарҳои қайди протоколҳои маҷлсиҳо, аз ҷумла маҷлисҳои истеҳсолӣ аз назар гузаронида мешаванд, мунтазамияти гузаронида шудани онҳо ва муҳимияти рӯзномаҳои маҷлисҳои истеҳсолӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳайати кормандон вобаста ба механизмҳои алоқа пурсида мешаванд, маҳсулнокии онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 1.19. Феҳристи умумии ҳуҷҷатҳо

Феҳристи зерсохторҳо ва умумии ҳуҷҷатҳо тартиб дода шудааст.

**Талаботҳои стандарт**

1.Феҳристи умумии ҳуҷҷатҳо барои муассиса (дар назди коргузор) мавҷуд аст, ки дар он қисмҳои ҳамаи сохторҳои зертобеъ, комиссияҳо (мисол: Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ) пешниҳод гардидааст. Тамоми ҳуҷҷатҳои дар феҳрист овардашуда мавҷуданд. Феҳристи якҷояи ҳуҷҷатҳо ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

2.Дар ҳар як зерсохторҳо феҳристи умумии ҳуҷҷатҳо мавҷуд аст. Тамоми ҳуҷҷатҳои дар феҳрист овардашуда мавҷуданд. Феҳристи якҷояи ҳуҷҷатҳо барои зерсохторҳо ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ мутобиқат мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти феҳристи ҷамъбастии ҳуҷҷатҳо санҷида шуда, мутобиқати онҳо бо талаботи стандарт баҳогузорӣ карда мешавад

• феҳристи ҳуҷҷатҳои зерсохторҳо ва ҷамъбастии умуми дар назди коргузор;

• таркиби / мавҷудияташон мутобиқи номенклатура.

**<u>Стандарти 1.20. Системаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо</u>**

Системаи бақайдгирӣ ва индексгунонии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**

1.Тамоми ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ, ки бақайдгирӣ, иҷроиш ва истифодаро талаб менамоянд, ба қайд гирифта шудаанд (қайди тартиб додан ё ворид гардидани ҳуҷҷат тавассути дар он гузоштани индекс ва қайди маълумотҳои зарурӣ дар дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ).

2. Индексгунонии ҳуҷҷатҳо (ба ҳуҷҷат додани маънои шартӣ ва рақамти тартибӣ дар асоси феҳрести ҳуҷҷатҳо) .

3.Пешбурди дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ дуруст ба роҳ монда шудааст. Дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ бояд рақамгузорӣ карда шуда, дӯхта шуда ва бо мӯҳр тасдиқ карда шуда бошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ санҷида мешавад. Илова бар ин, таркиби ҳатмии реквизитҳои сутунҳои дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурустии тартиб додан ва пур кардани онҳо санҷида мешавад. Ҳамчунин, дурустии индексгунонии ҳуҷҷатҳо ва тартиб додани дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ санҷида мешавад.

**<u>Стандарти 1.21. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳо</u>**

Парвандаҳои тайёршуда ва ҳуҷҷатҳои ба итмом расонидаи коргузорӣ, бақайдгирии онҳо дуруст тартиб дода шудаанд ва тибқи тартиботи муқарраргардида дар бойгон нигоҳ дошта мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Парвандаҳои тайёршуда ва кортҳои беморон (фавтида) дар ҷойҳои махсуси ҷудонамуда (бойгонии муассиса) нигоҳ дошта мешаванд. Парвандаҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонӣ дуруст тартиб дода шудаанд, тибқи талаботи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ Низомнома дар бораи бойгонӣ мавҷуд аст, ки ташкили кори бойгониро ба тартиб медарорад.

2.Бинои бойгонӣ дар ҳолати хуби техникӣ қарор дорад, бо системаи табии ҳавотозакунӣ, рафҳо (ҷевонҳо), воситаҳои оташхомӯшкунӣ, системаи муҳофизат аз дуздӣ (панҷараҳо) таъмин аст. Ҳуҷҷатҳои ба бойгонӣ супоридашуда система кунонида шудаанд, дастрас ва аз вайроншавӣ эминанд (намнокӣ нест).

3. Шахсони масъул барои ташкили кори бойгонӣ ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои дар он мавҷуда таъин карда шудаанд. Коргузорӣ дар бойгонӣ ба талаботҳои Қонуни ҶТ «Оид ба Хазинаи миллии бойгонӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ва фармони Сарраёсати бойгонии назди Ҳукумати ҶТ аз 25.12.09, №42 «Асосҳои қоидаи кори бойгониҳои идоравии ҶТ» мувофиқат мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Воҳиди корӣ ва шахси воқеӣ, ки барои ташкили кори бойгонӣ масъул аст, Низомнома дар бораи бойгонӣ санҷида мешавад.

2. Бинои бойгонӣ аз назар гузаронида шуда, ҳолати техникии бойгонӣ, таҷҳизотҳои он, мавҷудияти системаи ҳавотозакунӣ, воситаҳои оташхомӯшкунӣ ва муҳофизат аз дуздӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Илова бар ин, дурустии тартиб додани делоҳо ва тайёрии онҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонӣ ва шароитҳои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

3. Дурустии тартиб додани делоҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонӣ, мавҷудияти системакунонии делоҳо дар бойгонӣ ва мутобиқати ҳуҷҷатгузорӣ дар доираи Қонуни ҶТ «Оид ба Хазинаи миллии бойгонӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ва фармоиши Хазинаи миллии бойгонӣ «Оид ба Хазинаи миллии бойгонии ҶТ» баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.22. Ҳисоботдиҳии оморӣ**

Ҷорӣ намудани ҳисоботдиҳии омории тасдиқгардида таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳисоботдиҳии оморӣ аз рӯи шаклҳои тасдиқгардида, ки бо қарори Агентии омори назди Президенти ҶТ тасдиқ гардидааст;

2. Таҷҳизоти компютерӣ мавҷуд аст. Таъминоти барномавӣ барои ворид намудани ҳисоботдиҳии оморӣ ва бақайдгирии навзодон таъмин карда шудааст. Дар муассиса воҳид(ҳо)и бастӣ барои бурдани ҳисоботдиҳии оморӣ мавҷуд аст, ки бо мутахассиси дорои малакаи корӣ дар компютер ва бо шакли ҳисоботдиҳии оморӣ омӯзонида шудааст. Муассиса саҳеҳияти ҳисоботи оморӣ, дастрасии маълумотро ба махзани маълумоти Маркази вилоятии омор ва иттилооти тиббӣ ва мақомоти маҳҳалии иҷроияи ҳокимияти тандурустӣ таъмин менамояд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти ҳисоботдиҳии оморӣ аз рӯи шаклҳои тасдиқгардида санҷида мешавад. Мавҷудияти техникаи компютерӣ ва таъмини он бо барномаи

ҳисоботдиҳии оморӣ, воҳид(ҳо)и бастӣ ва мутахассисони омӯзонидашуда барои ворид намудани маълумот санҷида мешавад.

## Стандарти 1.23. Хизматрасонии иттилоотӣ ва машваратӣ ба беморон

Ба беморон хизматрасонии иттилоотӣ ва машваратӣ пешниҳод карда мешаванд

**Талаботҳои стандарт**

1. Муассиса ба беморон хизматрасониҳои иттилоотӣ ва машваратӣ (гузаронидани машварати алоҳида/гурӯҳӣ, маводи аёнӣ), аз он ҷумла маслиҳати беморон пешниҳод мекунад:

- оид ба тайёр кардани занон барои таваллуд, аломатҳҳои хатарнок дар занони ҳомила ва навзодон;
- оид ба чораҳои пешгирикунанда барои пешгирии бемориҳои гуногун;
- оид ба тарзи ҳаёти солим;
- оид ба ғизои дуруст;
- оид ба аломатҳои хатарнок дар бемориҳои гуногун ва шароитҳо.

Муассиса бо маводи иттилоотию аёнӣ (стандартҳо, варақаҳо, китобчаҳо, брошураҳо) барои беморон муҷаҳҳаз аст.

2. Маълумоте, ки ба беморон дода шудааст, мунтазам нав карда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Зерсохторҳо аз назар гузаронида мешавад. Муайян намудани дастрасии иттилооти аёнӣ, иншооти техникӣ барои расонидани иттилоот ва хизматрасониҳои машваратӣ, мутобиқат ва пуррагии иттилооте, ки ба беморон мувофиқи талаботи стандарти дода мешавад, баҳо медиҳад.

## Идоракунии сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ

## Стандарти 1.24. Сохтори идоракунӣ оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ

Дар муассисаи тандурустӣ сохтори идоракунӣ оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт**

1.Барои иҷро намудани функсияҳои идоракунии сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ, дар мувофиқа бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ (дар оянда Комитет) таъсис дода шудааст. Фармоиши дохилии муассисаи тандурустӣ оид ба таъсиси Комитет бо таъини ҳайат мавҷуд аст.

2. Комитетро муовини сартабиб/директор оид ба корҳои табобатӣ роҳбарӣ менамояд. Ҳайати Комитет аз мутахассисони дар соҳаи сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ босалоҳият иборат мебошад: мудирони зерсохторҳо, табиб - коршинос оид ба аудити дохилӣ, мутахассисон оид ба кори ҳамширагӣ, мутахассисон оид ба назорати сироятӣ, мутахассисон оид ба техника,

мутахассисон  оид ба бехатарии муҳити зист (муҳандиси техникаи бехатарӣ).
3.Низомнома «Дар бораи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ» таҳия карда шудааст. Низомнома аз рӯи сохтор ва мазмун  ба Низомномаи намунавӣ: «Дар бораи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ дар муассисаҳои тандурустӣ», ки бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, мувофиқ мебошад.
4.Мутахассисон дар  соҳаи  назорати сироятӣ  таҷрибаи корӣ дошта, тайёрии тахассусиро гузаштаанд ва дорои шаҳодатномаи (сертификат)-ҳои тасдиққунанда мебошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1.Дар муассиса мавҷудияти фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, фармоиши роҳбар оид ба таъсиси Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ санҷида мешавад.
2.Ҳайати касбии Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
3.Мазмуни Низомномаи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ аз нигоҳи мутобиқати он ба санади меъёрӣ баҳогузорӣ карда мешавад.
4.Мавҷудияти шаҳодатнома (сертификат)-ҳо дар бораи гузаштани мутахассисон аз тайёрии зарурӣ оид ба назорати сироятӣ санҷида мешавад.

## Стандарти 1.25. Системаи назорати эпидемиологӣ

Дар муассиса  системаи назорати эпидемиологии сироятҳо мавҷуд аст ва он самаранок кор мекунад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассиса (мутахассисони назорати сироятӣ ва роҳбарони зерсохторҳо) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (фармонҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ), ки  назорати эпидемиологии сироятҳоро дар хизматрасонии тиббӣ  танзим менамояд ва рӯйхати шаклҳои нозологии сироятҳо  номнавис ва ба қайдгирифташудаи дохилӣ  мавҷуд аст.
**2.** Дар ҳолати пайдо шудани сироят дар хизматрасонии тиббӣ  бо микроорганизмҳои патогенӣ (менингит, дифтерия, гепатити вирусӣ, сепсис, мастит, сирояти рӯда ва ғай.) ва хуруҷи сироят, огоҳиномаи фаврӣ оид ба ҳолати фавқулода ба Хадамоти давлатии назорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ расонида мешавад
3. Китобҳои бақайдгирии сироят мавҷуд аст;
4. Барои ҳар як ҳолати сироят корти эпидемиологӣ пур карда мешавад;
5 Маълумотҳои таҳлилии ҳодисаҳои сироят дар шакли ҷадвалҳо, диаграммаҳо мавҷуданд.
6. Ташхис ва бақайдгирии ҳодисаҳои сироят дар асоси муайянкунии стандартии ҳодисаҳои  анҷом дода мешавад.
7. Мутахассисони идоракунии сифат/мутахассисони назорати сироят ва роҳбарони зерсохторҳои он  барои дуруст ва дақиқ ошкор ва бақайдгирии сироят масъуланд. Нишондиҳандаҳои соли гузашта ҳисоб карда мешавад:

- фоизи ҳодисаҳои сироят (шумораи ҳодисаҳои сироят х 100% / шумораи умумии беморони муолиҷа кардашуда).

8. Мутахассисони идоракунии сифат/мутахассисони назорати сироят тафтишот/таҳлили ҳодисаҳои сироятро гузаронида, натиҷаҳо дар ҷамъомади Комитет ва конфронси табибон барои беҳтар намудани фаъолият муҳокима мекунанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1.Дар муассиса (мутахассисони НС ва роҳбарони зерсохторҳои он) санадҳои меъёрии ҳуқуқию меъёрӣ (фармонҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки назорати эпидемиологии сироятҳоро дар хизматрасонии тиббӣ танзим менамояд ва рӯйхати шаклҳои нозологии сироятҳо номнавис ва ба қайдгирифташудаи дохилӣ санҷида мешавад.

**2.** Корҳо оид ба гузаронидани тафтишот ва таҳлили ҳодисаҳои сироят, баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳамзамон, мавҷуд будани амру пайнавиштҳо, гузаронидани тафтишот/ таҳлили ҳодисаҳои сироят, пайнавиштҳои чамъомади мақомоти идоракунии сифат ва конфронси табибон ва қарорҳои қабулнамуда барои беҳбуд намудани фаъолияти корӣ санҷида мешавад.

3. Дуруст ва дақиқ ошкор намудани ҳодисаҳои сироят баҳогузорӣ карда мешавад

**<u>Стандарти 1.26. Назорати микробиологии муомилоти заъфҳои (штаммы) сироятӣ дар муассиса</u>**

Назорати микробиологии муомилоти заъфҳои (штаммы) сироятӣ дар муассиса гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассиса, назорати микробиологӣ (нақшавӣ ва ғайринақшавӣ) -и гардиши шадиди сироятҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ.

Объектҳои тадқиқот инҳоянд:

- муҳити атмосфера;
- воситаҳои тиббӣ, маводҳои ҷарроҳӣ;
- даст ва кулли кормандони тиб;
- маводҳои экологӣ.

2. Назорати нақшавии микробиологии муомилоти шадиди сироят дар толорҳои ҷарроҳӣ, дар ҳуҷраҳои басту банд, амалиётхонаҳо ва ҳуҷраҳои табобат гузаронида мешавад.

3. Назорати ғайринақшавии микробиологии муомилоти шадиди сироят бо нишондодҳои эпидемиологӣ (масалан, ҳангоми руҳ додани офатҳои сироят) анҷом дода мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти санадҳои назорати микробиологии муомилоти шадиди сироятҳо тафтиш карда мешавад, пурра ва мунтазам гузаронидани тадқиқоти санитарӣ ва бактериологӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.27. Маълумот дар бораи воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номусоид**

Маълумот дар бораи воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номусоид, аз ҷумла бемориҳои касбии кормандон, ҷамъоварӣ ва сабт намуда, ба ҷои таъин интиқол дода мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда / имзошудаи қоидаҳои бақайдгирӣ / ҳуҷҷатгузорӣ, тафтишот ва интиқоли иттилоот дар бораи воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номатлуб, аз ҷумла бемориҳои касбии кормандон.
2. Ҳамаи иттилоот дар бораи воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, иштибоҳо, камбудиҳо:
   - алоқаманд ба раванди хизматрасонии тиббӣ/(аксуламалҳои маводи доруворӣ, биосадамаҳо, аворизҳои ташхиси тиббӣ ва ташхисӣ, хатогиҳои кормандони тибб, оқибатҳои таъсири радиатсионӣ ва ғайра);

• алоқаманд бо муҳити зист ва дороиҳои муассиса (таъсири манфӣ ба муҳити зист, сӯхтор, бадрафторӣ, талафот/талафи молу мулк, шароитҳои нокифояи ҳароратӣ, садамаи коммуникатсионӣ ва барқи, оқибатҳои манфии беэътиноӣ/носамарабахшии идоракунии дороиҳо, норасоии молиявӣ ва моддӣ ва дигарон);

• алоқаманд ба саломатии кормандон (бемориҳо, осебҳо, ҳолатҳои стресс, оқибатҳои таъсири омилҳои зараровар ва ғайр ки аз ҳама сарчашмаҳои эҳтимолӣ (таҳлили баргардонидашудаи ҳуҷҷатҳо, пурсишҳо/мусоҳибаҳо, саволномаҳо, мушоҳидаи раванди кӯмаки тиббӣ, гузоришдиҳии ҳайати кормандони муассиса оид ба ҳодисаҳо, ҳолатҳои муҳим ва ҳодисаҳои номатлуб, натиҷаҳои тафтишоти онҳо, таҳлили шикоятҳо ва даъвои қонунии беморон ва мониторинги пойгоҳи додаҳои электронии маълумотҳои тиббӣ, форумҳои тиббӣ).

3.Маълумот дар бораи воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, хатогиҳо ва рӯйдодҳои номувофиқ расман сабт карда мешаванд (бақайдгирии ҳодисаҳои фалокатҳо ва ҳодисаҳо, сабти тиббӣ, сабти шахсии корманд).

4.Мақоми идоракунии сифат тафтишоти оперативӣ мегузаронад / таҳлили тамоми ҳодисаҳо, ҳодисаҳои ҷиддӣ, иштибоҳо ва ҳодисаҳои номатлуб, аз ҷумла бемориҳои касбии кормандон, мутобиқи қоидаҳои муқарраршуда, мавҷуд будани санад/протоколҳо.

5.Натиҷаҳои тафтишот/таҳлили тафтишот/таҳлили тамоми воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, хатогиҳо ва рӯйдодҳои номатлуб (дар конфронсҳои клиникӣ, вохӯриҳои истеҳсолӣ) баррасӣ шуданд ва барои такмили корҳо (барои пешгирии онҳо) тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

**6.** Маълумот дар бораи ҳодисаҳо, садамаҳо. воқеаҳои ногувор, ҳодисаҳои танқидӣ, дар шакли дахлдор ва дар вақти зарурӣ ба шахсони мансабдор ё мақомоти салоҳиятдор (хизматрасонӣ/ҳисобот, баёноти тавзеҳотӣ, мактуб,

санад, ва ғайра) пешниҳод шуда, дар бораи хатари воқеӣ ва имконпазир ва манбаъҳои онҳо бақайдгирии ҳуҷҷатӣ бурда мешавад

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**
Санҷида мешавад:

- мавҷудияти расмиёти ҳуҷҷатҳое, ки қоидаҳои бақайдгирӣ / ҳуҷҷатгузорӣ, тафтишот ва интиқоли иттилоот дар бораи ҳодисаҳо, ҳолатҳои фавқулодда, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номатлуб, аз ҷумла бемориҳои касбии кормандон;
- барои риояи талаботи стандартӣ оид ба ҷамъоварии иттилоот дар бораи рӯйдодҳои пештараи офат, ҳодисаҳо, хатогиҳо, норасоиҳо баҳогузорӣ карда мешавад;
- мавҷудияти далелҳои бақайдгирии иттилоот дар бораи ҳодисаҳо, ҳолатҳои мураккаб, хатогиҳо ва рӯйдодҳои номатлуб;
- ҳуҷҷатҳо (санадҳо / протоколҳо), ки тафтишот/таҳлили тамоми ҳодисаҳо, ҳодисаҳои ҷиддӣ, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номатлубро, мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида, тасдиқ карда шудаанд, кифоя будани натиҷаҳоро баҳо медиҳанд;
- далелҳои муҳокимаи натиҷаҳои тафтишот / таҳлили тамоми ҳодисаҳо, ҳодисаҳои фавқулодда, хатогиҳо ва ҳодисаҳои номатлуб дар конфронсҳои клиникӣ, чамъомадҳои истеҳсолӣ, кифоя будани чораҳое, ки барои пешгирии онҳо андешида шудаанд, баҳогузорӣ карда мешавад.
- далелҳои саривақтии пешниҳоди маълумот дар бораи ҳодисаҳо, садамаҳо ва рӯйдодҳои номатлуб ба шахсони мансабдор ё мақомоти салоҳиятдор мутобиқи талаботи стандартӣ, баҳогузорӣ карда мешавад

**<u>Стандарти1.28. Системаи идоракунии хавфҳо.</u>**

Муассисаи тандурустӣ системаи идоракунии хавфҳо таҳия карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**
Муассиса ҳарсол:

- хавфҳои воқеиро (муайяншуда, исботшуда), хатарҳои эҳтимолӣ ва сарчашмаҳои аслии онҳо (зерсохтор, амалиётҳо, таҷҳизоти тиббӣ, таҷҳизот ва мавод)- ро ҳуҷҷатӣ муайян ва ба бақайд мегирад;
- хатарҳоро (эҳтимолияти/суръати эҳтимолияти мавҷудияти хатар, пешгӯии сатҳи талафот ва оқибатҳои он), дараҷаи хатарҳои пешниҳодшударо арзёбӣ мекунад;
- оид ба бартараф намудани камбудиҳову хатарҳо, нақшаи чорабиниҳои идоракунии хатарҳо, ки ин бо фаъолияти тиббӣ ва муҳити зист вобаста аст, тадбирҳо меандешанд

2. Нақшаи идоракунии хавфҳо ба арзёбии хавфҳо асос ёфтааст.

Қисматҳои нақшаи идоракунии хавфҳо инҳоянд:

- преамбула ба нақша-барномае, ки дар он шабоҳати хавфҳо аниқ шудаанд ва зерсохторҳое, ки аз нуқтаи назари пайдоиши хавфҳо хатарнок мебошанд;
- барномаи назорати сироятӣ, ки дар асоси натиҷаи назорати эпидемиологии сироят, арзёбии хавфи интиқоли сироят ва доимо танзим додан мувофиқи вазъи ҳозира тартиб дода шудааст;
- чорабиниҳо оид ба бехатарии кори таҷҳизоти тиббӣ;
- чорабиниҳо оид ба бехатарии идоракунии маводҳои доруворӣ (баҳогузории талаботи муассиса /шуъбаҳо ба маводҳои доруворӣ, тартиб додани руйхати маводҳои доруворӣи беморхона, тартиб додани хусусиятҳо барои оқилона/сарфакорона баҷо овардани харидории маводҳои доруворӣ ва санҷиш/мониторинги харид, назорат аз рӯи иҷрои қоидаҳои нигаҳдорӣ, тақсимот, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ ва истифодаи самараноки маводҳои доруворӣ, пешгирии хатогиҳои тиббӣ, таҳлили воқеъаҳои таъсири бади маводҳои доруворӣ ва истифодаи он барои беҳбудии фаъолият;
- чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатӣ ва гигиенаи меҳнатии ҳайати тиббӣ, барои ворид намудани чорабиниҳо оиди назорати сарбории корӣ, идоракунии ҳолатҳои стрессӣ ва хатарҳои истеҳсолӣ;
- вобаста ба муҳити зист (чорабиниҳои бехатарии зидди сӯхтор; чорабиниҳо оид ба бехатарии бино, утоқҳо ва системаи обу коррезӣ; оид ба нигоҳдории маводҳои хатарнок (маводҳои зудобшаванда, кимиёвӣ, дизенфексионӣ, мухаддир ва сахттаъсир осебпазирӣ, гум шудани ашёҳо, беморшавии беморон ва ҳайати кормандон аз вайроншавии реҷаи ҳарорат).

3. Нақша-барнома оид ба назорати хатарҳо сохтори зерин дорад: чорабиниҳо, иҷрокунандагон, мӯҳлати иҷроиш, меъёрҳо / нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии иҷроиши нақша ва қайд оиди иҷроиш. Тамоми навиштаҷотҳои шаклсозии зарурӣ мавҷуданд (мавҷудияти навиштаҷоти «Тасдиқ мекунам»; имзои шахсе, ки нақшаро бо мӯҳр тасдиқ кардааст; санаи тасдиқшавӣ).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

**1.**Мавҷудияти нақша-барнома оид ба назорати хавфҳо санҷида мешавад, баҳогузории он аз нуқтаи назари мукаммалияти муайянкунии хатарҳо ва зерсохторҳо, ки нисбати инкишофи хавфҳо эҳтимолан хатарнок мебошанд, дурустӣ ва мавҷудияти атрибутҳои шаклсозӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти1.29. Нақшаи чорабиниҳо оид ба сифати ёрии тиббӣ.</u>**

Нақшаи чорабиниҳо оид ба сифати ёрии тиббӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст, татбиқи он таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1.Аъзоёни Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ нақшаи чорабиниҳои солонаро оид ба сифати ёрии тиббӣ, дар асоси вазифаҳои

стратегии муассиса кор карда баромадаанд. Нақша сохтори зеринро дорад: чорабиниҳо, иҷрокунандагон, мӯҳлатҳои иҷроиш, меъёрҳо / нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии иҷроиши нақша ва қайд оиди иҷроиш.
2.Нақша чорабиниҳои зеринро дарбар мегирад:

- ба воситаи гузаронидани давраҳои омӯзишӣ ворид намудани дастурамалҳои клиникӣ/протоколҳо, фармоишҳо, алгоритмҳо, стандартҳо дар асоси принсипҳои тибби далелнок;
- баҳогузории экспертии ташхис ва табобати табобатгирандагон дар мувофиқа бо дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо бо принсипҳои тибби далелнок асосёфта;
- баҳогузории тайёрии касбии кормандони тиб (аттестатсия);
- ворид намудани механизми алоқаи мутақобила бо табобатгирандагон барои баҳогузорӣ ва беҳтар намудани сифати хизматҳои расонидашуда;
- баҳогузории сифати ташкили кабули беморон дар муассиса;
- таъмини иттилоотии фаъолияти тахассусии ҳайати кормандон (таъмин бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, протоколҳо ва дастурамалҳои клиникӣ, бо ворид намудани протоколҳо ва дастурамалҳои клиникӣ оиди бемориҳои ҳамрадиф);
- чорабиниҳо оид ба иҷрои Қонунҳои ҶТ, Қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва ғайра дар соҳаи тандурустӣ;
- дигар чорабиниҳо оид ба сифат.

3.Нақшаи корӣ тамоми атрибутҳои шаклсозиро дорад: мавҷудияти навиштаҷоти «Тасдиқ мекунам», имзои шахсе, ки нақшаро бо мӯҳр тасдиқ кардааст, санаи тасдиққунӣ.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мавҷудияти нақшаи кории Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ санҷида шуда, аз нуқтаи назари пуррагӣ ва мақсаднокии чорабиниҳои банақшагирифташуда, дуруст барасмиятдарорӣ ва мавҷудияти атрибутҳои лозимаи шаклсозӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 1.30. Мониторинг ва назорати татбиқи нақшаи идоракунии хавфҳо.</u>**

Мониторинг ва назорати татбиқи нақшаи идоракунии хавфҳо ва нақшаи чорабиниҳо оид ба сифат, инчунин таҳлил ва баҳодиҳии самарабахшии татбиқи корҳои банақша гирифташуда, гузаронида мешавад.
**Талаботҳои стандарт**
1.Мониторинг ва назорати иҷрои тадбирҳои асосии чорабиниҳои ба нақша гирифташуда барои бехатарӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ бо усули мунтазам, дар доираи вазифаҳои аъзоёни мақомоти идоракунии сифат ва **дар доираи расмиёти аудити клиникӣ барои воҳидҳои зерсохторҳо дар ҳар семоҳа** сурат мегирад.
2. Аъзоёни мақомоти идоракунии сифат дорои ҳуҷҷатҳои корӣ (китобҳо - маҷаллаҳои корӣ, санадҳо, пайнавиштҳо ва ғ.) буда, натиҷаҳои мониторинг ва назорати иҷрои тадбирҳои чорабиниҳои ба нақша гирифташударо инъикос менамояд.

3. Барои бо ҳуҷҷат тасдиқ намудани натиҷаҳои санҷишҳои клиникии гузаронидашуда форматии стандартӣ (якхела) (санад/пайнавис) таҳия карда шудааст.
4.Барои гузаронидани аудити клиникӣ воситаҳои корӣ (стандартҳои асосии аккредитатсия, индикаторҳои назорати сироятӣ, дигар стандартҳо, нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии сифат ва бехатарии хизматрасонии тиббӣ, ки дар ҶТ қабул шудаанд, бо хусусияти ҳар як воҳиди зерсохторҳо) муайян карда мешаванд.
5. Таҳлил ва баҳодиҳии самараноки натиҷаҳо (таҳлили иҷрои тадбирҳои ба нақша гирифта дар ҳисоботи мақомоти идоракунии сифат, баррасӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳо дар ҷаласаҳои мақомоти идоракунии сифат ва конфронсҳои клиникӣ, бо муайян намудани камбудиҳо, мушкилот ва ҳамзамон чораҳо ва тадбирҳое, ки ба натиҷаҳои самаранок наовардааст). Таҳлил ва баҳодиҳии натиҷаҳои татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда, боиси ҳалли роҳҳои мушаххас ва самтҳои нав, тадбирҳо ва тартиби такмили самаранокӣ ва сифати бехатарии мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои корӣ, ки дар натиҷаи мониторинги мунтазам / мониторинги иҷрои чорабиниҳои ба нақша гирифташуда ва санаду пайнавиштҳо барои гузаронидани аудити клиникӣ санҷида мешаванд, санҷида мешаванд. Баҳогузории мунтазам ва ҳаҷми корҳое кардашуда оид ба мониторинг ва назорати риояи нақшаи идоракунии хавфҳо ва нақшаи тадбирҳо андешида мешаванд, гузаронида мешавад.
2.Баҳогузории мавҷ**удият** ва сифати воситаҳо барои гузаронидани аудити клиникӣ ва шаклҳои ягонаи ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои санҷишҳои клиникӣ.
3. Пурсиш ва анкетагузаронии кормандони муассиса дар мавзӯи «санҷишҳои муқаррарӣ», аудити клиникӣ (оё гузаронида мешавад ё не, чиҳоро месанҷанд), конфронсҳо ба муҳокимаи натиҷаҳои аудити клиникӣ бахшида мешавад, баҳогузорӣ карда мешавад.
4. Муайян намудани мунтазам гузаронидани ҷаласаҳои мақомоти идоракунии сифат, конфронсҳои клиникӣ, фаъолиятнок ва муҳокимаи "ғайрирасмӣ" -и натиҷаҳои мониторинг ва назорати иҷрои нақшаи идоракунии хавфҳо ва нақшаи чорабиниҳо баҳогузорӣ карда мешаванд.
5.Тавозуни нaвоварии қарорҳои қабулшуда, самтҳои нави фаъолият ва расмиёт (дар натиҷаи таҳлил ва баҳодиҳии самарабахши натиҷаҳои фаъолияти пешбинишуда) барои беҳтар намудани сифат ва бехатарӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 1.31. Таҳлил ва муҳокимаи ҳодисаҳои фавт.</u>**

Ҳодисаҳои фавт таҳлил ва муҳокима карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1.Дар ҳисоботҳои солонаи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ муассиса тамоми ҳолатҳои фавт таҳлил ва баррасӣ мегарданд.

2. Муҳокимаронии тамоми ҳодисаҳои фавти модар ва кӯдак, ҳодисаҳои фавти ба нуқсонҳои фаъолияти касбии кормандони тиб вобастабуда, ҳамчунин, ҳодисаҳои фавт, ки дар онҳо ихтилофи ташхиси клиникӣ ва патологоанатомӣ мавҷуданд, дар ҷаласаҳо баррасӣ карда шудааст ва пайнавиштҳо бо хулосаҳои мушаххас мавҷуданд:

- дар бораи кифоя (ё нокифоя)-и тадбирҳои гузаронидаи тиббӣ ва ташхисӣ;
- дар бораи таъсири нокифояи тадбирҳои гузаронидаи тиббӣ ва ташхисӣ, ки ба фавт овардааст;
- дар бораи сабабҳои нокифояи тадбирҳои гузаронидаи тиббӣ ва ташхисӣ ва ҳалли беҳбудии сифат.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

1.Дар ҳисоботи Комитет мавҷудияти таҳлили фавтҳо ва протоколҳои дар ҷаласаҳо муҳокимашудаи ҳамаи ҳодисаҳои фавти дар боло зикргардида санаҷида мешавад. Сифати таҳлили фавтҳо дар ҳисоботҳо, мунтазам гузаронидани ҷаласаҳо, фаъолнокии муҳокимарониҳо ва муҳимияти қарорҳои дар ҷаласа қабулшуда (қарорҳои қабулшуда қобилияти ҷоннок намудани корро оид ба сифат доранд) баҳогузорӣ карда мешавад.

2. Ғайр аз ин, бо ҳайати кормандон оид ба гузаронидани конфронсҳо, ки ба муҳокимаи ҳодисаҳои фавт бахшида шудааст, мусоҳиба гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 1.32. Тибби далелнок асосёфта.</u>**

Воридсозии тадбирҳои нави илмӣ ва технологияи тиббӣ дар асоси принсипҳои бо тибби далелнок асосёфта таъмин карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1.Дар муассиса корҳо вобаста ба ворид намудани технологияҳо, рушди дахолатҳои илман тасдиқгардидаи нав ва тиббӣ, ки ба принсипҳои тибби далелнок асос мегиранд, гузаронида мешавад. Асосҳои фаъолият оид ба воридсозии дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо, ки аз принсипҳои тибби далелнок асос мегиранд;

2.Фаъолият оид ба воридсозӣ ба нақшаи солонаи муассиса ва Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ дохил карда шудааст.

3.Воридсозии дастурамалҳои клиникӣ (протоколҳо), амалҳои дар дохили муассиса таҳиягардида ва дигар технологияҳои тиббӣ, намуди (механизм)-и муайяни Расмии воридсозиро (конференсия, бозомузиҳо, семинарҳо, тартиб додани «Санади воридсозӣ» ва тасдиқи онҳо дар ҷаласаҳои Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ) мегузаранд. Фаъолияти амалигардидаи муассиса вобаста ба воридсозӣ дар ҳисоботи солонаи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ инъикос ёфтааст.

4.Иҷроиши воридсозиҳои ба нақша гирифташуда мунтазам назорат карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти чорабиниҳо оид ба воридсозӣ дар асоси талаботҳои стандарт дар нақшаи солонаи муасисса ва Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ, инъикоси корҳои анҷомдодашуда оид ба воридсозӣ дар ҳисоботи солонаи муассиса ва Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ, «ҳуҷҷатҳои расмие», ки воридсозиро тасдиқ мекунанд («санади воридсозӣ», протоколи конфронсҳо, давраҳои омӯзишӣ, семинарҳо) санҷида мешаванд. Пуррагии иҷроиши чорабиниҳо оид ба воридсозӣ, мавҷудияти механизмҳо (шакл) - и муайяни воридсозӣ, муҳимияти воридсозӣ ва дуруст тартиб додани «санади воридсозӣ», баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 1.33. Ҳисоботи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ.</u>**

Ҳисоботи солонаи фаъолияти Кумитаи оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт**

1. Комитет дар охири сол бо гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда ва натиҷаи ченакҳо/нишондодҳои сифати хизматрасонии тиббӣ ҳисобот тартиб медиҳад (чорабиниҳо оид ба назорат аз рӯи хатар ва оид ба сифати хизматрасонии тиббӣ). Дар ҳисобот хулосаҳо баровада шудаанд, мушкилиҳо муайян карда шудаанд ва қадамҳои оянда барои татбиқ намудани онҳо андешида шудаанд.
2. Ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ дар маҷлиси умумии кормандони муассиса муҳокима карда шудааст ва дар оянда барои беҳтар намудани фаъолият истифода мешавад.
3.Ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ барои аҳли ҷомеа дастрас аст - дар овезаи иттилоотӣ ҷойгир мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

1.Мавҷудияти ҳисботи солона бо таҳлили иҷроиши чорабиниҳои ба нақша гирифташуда санҷида мешавад. Сифати тартиб дода шудани ҳисобот ва таҳлили гузаронидашуда, масъалаҳои ошкоргардида ва қадамҳои минбаъда барои татбиқ намудани онҳо баҳогузорӣ карда мешаванд. Ғайр аз ин, мавҷудияти протоколҳои маҷлисҳои умумӣ, ки ба баррасии ҳисоботи солонаи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ бахшида шудаанд, санҷида мешаванд.
2.Маълумот дар бораи ҳисоботи солонаи Комитет оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ дар овезаи иттилоотӣ муассиса санҷида мешавад.

**<u>Стандарти 1.34. Назорати сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ.</u>**

Дар сохтори зертобеъ назорати сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1.Роҳбар ва ҳамшираи шафқати калони сохтори зертобеъ мунтазам назорати

сифат ва бехатарии кӯмаки тиббиро бо гардиши зерсохторҳо ва санҷиши ҳуҷҷатҳои тиббӣ мегузаронанд. Ҳуҷҷатгузории лозимӣ оид ба натиҷаи назорати сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ (ҳама камбудиҳои ошкоргардида дар ҳуҷҷат қайд карда шудаанд) ба роҳ монда шудааст.
2. Ҳолатҳои ошкор гардидани нуқсонҳо (камбудиҳо) дар маҷлисҳо (ҷаласаҳо) муҳокима карда мешаванд ва барои беҳбудии кор истифода мегарданд, протоколҳо мавҷуданд,
барои паст кардани сатҳи камбудиҳо ва такмили кор чораҳои кофӣ андешида мешаванд (чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд).
Пайгирии татбиқи тадбирҳои (амалҳо) дар ҷамъомад (маҷлис) қабулшуда, барои нест намудани камбудиҳо ва такмили меҳнат гузаронида мешаванд..

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки санҷиши дуруст гузаронидани назорати сифат ва бехатарии ёрии тиббиро нишон медиҳад, баҳогузории кифоягии механизмҳои назорат ва мунтазам гузаронидани ин санҷишҳо гузаронида мешавад. Илова бар ин, мавҷудияти протоколҳои ҷаласаҳоҳои табибон дар бораи муҳокимаи камбудиҳои ошкоргардидаи сифати ёрии тиббӣ санҷида шуда, ба таҳлили камбудиҳои ошкоршуда дар сатҳи сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ баҳо дода мешавад:

• мутобиқати (дурустии) тадбирҳо (қадамҳо), ки барои нест намудани камбудиҳо ва беҳбудии кор;

•мониторинги иҷрои амалҳо (тадбирҳо) барои паст кардани камбудиҳо ва беҳтар намудани кор.

**Қисмати II. Бехатарии клиникӣ**

**<u>Стандарти 2.1. Муоинаи тиббию профилактикии кормандон.</u>**

Ҳамаи кормандон аз муоинаи тиббию профилактикӣ мегузаранд.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Шахси мутасаддии тавассути фармоиш аз ҷониби роҳбарияти муассиса таъингардида, барои ташкил намудани муоинаи тиббӣ, мавҷуд аст. Ҷадвали муоинаи тиббӣ тибқи тартиботи муқараргардида тасдиқ шуда, маълумот дар бораи гузаштани муоинаи тиббӣ мавҷуд аст.
2. Тамоми ҳайати кормандон хангоми ба кор қабул шудан ва ҳамасола муоинаи тиббиро тибқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ мегузаранд.
3. Натиҷаҳои муоинаи тиббӣ ва қайд дар бораи иҷозат дар дафтарчаҳои санитарии кормандон барои кор мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷиши мавҷудияти фармоиш дар бораи таъин намудани шахси масъул оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ, дафтарчаҳои санитарии тамоми ҳайати

кормандон гузаронида мешавад, пурра будани муоинаи тиббӣ ва мавҷудияти иҷозат барои кор баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 2.2. Техникаи бехатарӣ.</u>**

Ба ҳайати кормандон оид ба техникаи бехатарӣ дастур гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассиса (зерсохторҳои муассиса) шахси масъули расман бо фармоиши дохилӣ таъиншуда, барои гузарондани дастури техникаи бехатарӣ дар ҷойҳои корӣ ва назорати риояи техникаи бехатарӣ аз ҷониби ҳайати кории муассиса дар зерсохторҳо мавҷуд аст.
2. Маҷмӯи дастурҳо оид ба техникаи бехатарӣ мавҷуданд ва аз нав боздид карда мешаванд.
3. Кормандони муассиса ҳангоми қабули кор ва дар оянда, на камтар аз як маротиба дар як сол, дар бораи чораҳои бехатарӣ дастур гирифта, гузаштани ин амал дар ҳуҷҷатҳо ва дафтари қайд оид ба техникаи бехатарӣ сабт карда мешавад.
4. Ҳолатҳои бемориӣ ва осеббардории кормандон, ки дар вақти иҷрои фаъолияти тахассусӣ гирифта шудаанд ва онҳо бо ҳуҷҷат тасдиқ мегарданд (санадҳо, пайнавиштҳо ва ҳисоботҳои Комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ) ва барои беҳтар намудани кор оид ба бехатарӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Дар муассиса (зерсохторҳои муассиса) мавҷудияти фармоиш оид ба таъин намудани шахси масъул барои гузарондани дастур оид ба техникаи бехатарӣ ва назорати иҷроиши техникаи бехатарӣ аз тарафи кормандон, дафтарҳои қайди гузаштани дастур оид ба техникаи бехатарӣ санҷида мешаванд.
2. Бо тасдиқи ҳуҷҷат гузаронидани дастур оид ба техникаи бехатарӣ санҷида мешаванд.
3. Ба тариқи сӯҳбат бо маъмурият, раиси иттифоқи касаба ва ҳайати шӯъбаҳо (зерсохторҳои муассиса) мавҷудияти ҳодисаҳои беморшавӣ ва осеббардории кормандон дар ҷойҳои корӣ санҷида мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои беморшавӣ ва осеббардории кормандон, ки ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ гирифта шуданд, ҳуҷҷатҳо оид ба таҳқиқи ин ҳолат санҷида мешаванд.
4. Ба замми ин, пурсиши кормандон оид ба донистани иҷроиши техникаи бехатарӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ гузаронида мешаванд.

**<u>Стандарти 2.3. Хатарҳо ҳангоми кор бо таҷҳизотҳои тиббӣ</u>**

Хатарҳо ҳангоми кор бо таҷҳизотҳои тиббӣ ва манбаъҳое, ки хатари баланд доранд, баҳогузорӣ ва идора карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳайате, ки бо дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои тиббӣ кор мекунанд, оид ба қоидаҳои истифодаи онҳо омӯзонида шудаанд, ҳуҷҷатҳое, ки гузаштани омӯзишро тасдиқ менамоянд (шаҳодатнома, сертификатҳо ва ғайра) мавҷуданд.
2. Шахсоне, ки бо таҷҳизоти басомад (дастгоҳҳои тамйизгардонии буғӣ - автоклавҳо) кор мекунанд, иҷозат барои кор дар автоклавҳо доранд.
3. Ҳамаи таҷҳизотҳои барқӣ ба замин васл карда шуданд.
4. Таҷҳизоти тиббӣ аз санҷиши техникӣ гузаронида мешавад ва инчунин баъди таъмири техникӣ такроран мегузарад.
5. Дастурҳои тасдиқгардида оид ба техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи дастгоҳҳо/таҷҳизотҳо мавҷуд мебошад ва мунтазам аз нав боздид карда мешаванд.
6. Дар ҳолати зарурӣ (шӯъбаи марказонидашудаи тамйизгардонӣ, ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ, ҳуҷраҳои физиотерапия ва ҳуҷраҳои ташхисӣ), маҷмӯи қуттии кӯмаки аввалия барои таъмини кӯмаки аввалия дар сурати садамаи барқ, сӯхтани бадан, заҳролудшавӣ бо маҳлулҳои безараргардонӣ мавҷуданд.
7. Маводҳои кимиёвии захиравӣ (кислота ва ишқор) дар зарфҳои тамғакунонидашудаи герметикии махсус нигоҳ дошта мешаванд, ки дар сатҳи фарш (дар зарфҳои ҳаҷмашон калон), дар биноҳо ва ҷевонҳо бо тамғаҳои мувофиқ нигоҳ дошта мешаванд.
8. Таҳқики ҳодисаҳое, ки ҳангоми риоя нагардидани техникаи бехатарӣ рух додаанд ва бо ҳуҷҷат қайд карда шудаанд (санадҳо, пайнавиштҳо ва ҳисоботи Комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ) гузаронида шуда, барои беҳтар намудани кор оид ба бехатарӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1.Дар муассиса ва зерсохтори он санҷида мешавад:

- мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки аз омӯзиш гузаштани ҳайатро, ки бо дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои тиббӣ кор мекунанд, тасдиқ менамоянд;
- мавҷуд будани ҳуҷҷат дар бораи иҷозат барои кор бо автоклавҳо (барои кормандони ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ);
- мавҷудияти бо замин васл будани таҷҳизотҳои барқӣ;
- мавҷудияти дастураммали тасдиқгардида оид ба истифодаи ҳар як дастгоҳ ва таҷҳизот;
- мувофиқати шароити нигоҳ доштани маводҳои хатарноки кимиёвӣ мувофиқи талаботҳои стандарт.

2.Ҳангоми ҳодисаҳое, ки дар вақти риоя накардани техникаи бехатарӣ рух додаанд, ҳуҷҷатҳое, ки аз болои ин гуна ҳодисаҳо таҳқиқ гузаронида шудааст, санҷида мешаванд. Ба замми ин, пурсиши ҳайат вобаста ба дониш ва иҷроиши қоидаҳои бехатарӣ гузаронида мешаванд.

**<u>Стандартӣ 2.4. Эмгузаронии ҳайати кормандон бар зидди вируси зарпарвини «Б».</u>**

Эмгузаронии ҳайати кормандон бар зидди вируси зарпарвини «Б» дар муассисаи тандурустӣ ба роҳ монда шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассиса шахси масъул барои гузарондани эмгузаронӣ бар зидди зарпарвини «Б» таъин карда шудааст.
2. Рӯйхати нафароне, ки ба гурӯҳи хатари калон дохил мешаванд (шахсоне, к ибо хун кор мекунанд) ва ба эмгузаронӣ бар зидди зарпарвини «Б» мӯҳтоҷанд, мавҷуд аст.
3. Муассиса ҳайатро аз гурӯҳи хатари калон бо эмгузаронии секарата таъмин менамояд. Рафти гузаронидани эмкунӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда мешавад. Бо ҳуҷҷат дар дафтарҳои санитарӣ ё тасдиқ карда мешавад, ё ин ки рӯйхати ҳайати эмгузаронидашуда бо нишондоди воя ва силсилаи он мавҷуд аст.
4. Ҳолатҳои рад намудан аз эмгузаронӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шудаанд.
5. Ҳолатҳои бо вируси зарпарвини «Б» сироят ёфтани кормандон таҳқиқ карда шуда, бо ҳуҷҷат тасдиқ шудаанд (санадҳо, пайнавиштҳо ва ҳисоботҳои комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ мавҷуданд) ва барои беҳтар намудани кор оид ба техникаи бехатарӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Мавҷудияти фармоиш оид ба дар муассиса таъин карда шудани шахси масъул барои гузарондани эмгузаронӣ бар зидди зарпарвини «Б».
2. Мавҷудияти рӯйхати шахсоне, ки эм карда мешаванд, санҷида мешавад ва он бо рӯйхати ҳайати кормандон муқоиса мегардад, пурра будани рӯйхат тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
3. Хуҷҷатҳое, ки гузаронидани эмро тасдиқ менамоянд ва ҳолатҳои рад намудан аз эмгузаронӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шуданд, баҳогузорӣ карда мешавад.
4. Хангоми бемор шудан бо вируси зарпарвини Б, ҳуҷҷатҳо оид ба таққиқи онҳо санҷида мешаванд.

<u>**Стандарти 2.5. Чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ.**</u>

Чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**.

Аз ҷониби ҳайат чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ риоя карда мешаванд (қуттикунонии доруҳои хушк, тайёр намудани маҳлулҳои корӣ, гузаронидани дезинфексия):

1. Кор бо воситаҳои дезинфексионӣ бо хилъат, дастпӯшакҳои резинӣ, айнакҳои муҳофизатӣ, пешдоманҳо гузаронида мешаванд ва узвҳои нафаскашӣ бо ниқоб/респиратор муҳофизат карда мешаванд.
2. Пас аз кор руй ва дастҳо бодиққат бо об ва собун тоза шуста мешаванд.

3. Мавҷуд будани қуттии кӯмаки аввалия барои таъмини кӯмаки аввалияи тиббӣ дар ҳолатҳои заҳролуд бо маводҳои безараргардонӣ;
4. Ҳангоми ба чашм, пӯст, роҳҳои нафас, меъда расидани маводҳои заҳролуд чорабиниҳо мувофиқи талаботҳои муқаррааргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Дар муассиса ва зерсохторҳои он аз болои кор бо воситаҳои дезинфиксионӣ назорат бурда мешавад, дурустии истифодаи либосҳои махсус ва дигар чораҳои муҳофизатӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Пурсиши ҳайати кормандон гузаронида шуда, сатҳи дониши ҳайати кормандон бобати чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ ва амалҳои онҳо ҳамгоми расидани воситаҳои дезинфексионӣ ба чашм ва пӯст, меъда ва роҳҳои нафас баҳогузорӣ карда мешавад.

## <u>Стандарти 2.6. Қоидаҳои дезинфексияи маҳсулоти тиббӣ.</u>

Қоидаҳои дезинфексияи маҳсулоти тиббӣ риоя карда мешаванд

**Талаботҳои стандарт.**

Кор бо безараргардонии (дезинфексияи) маҳсулоти тиббӣ (маҳсулоти тиббӣ аз шиша, аз маводҳои мустаҳками полимерӣ, резинӣ, асбобҳои тиббӣ, маводҳои тиббӣ, маҳсулотҳои тиббии истифодаи яккарата, воситаҳои нигоҳубини беморон) бо роҳи коркарди онҳо дар автоклав, ҷевонҳои хушкатозакунӣ, тар кардан дар моеъи дезинфексионӣ, ҷӯшонидан мутобиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Назорат аз болои гузаронидани корҳо оид ба безараргардонии маҳсулоти тиббӣ аз ҷониби ҳайат гузаронида шуда, дурустии гузаронидани корҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши шахсоне, ки корҳои безараргардониро мегузаронанд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёрҳо ва қоидаҳои реҷаи безараргардонии маҳсулотҳои тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

## <u>Стандарти 2.7. Қоидаҳои дезинфексияи биноҳо, мебелҳо ва таҷҳизотҳои тиббии санитарӣ техникӣ.</u>

Қоидаҳои дезинфексияи биноҳо, мебелҳо ва таҷҳизотҳои тиббии санитарӣ техникӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Корҳо оид ба безараргардонии шифт, деворҳо, дар ва фарш, мебел, таҷҳизотҳои тиббӣ ва санитарӣ-техникӣ тавассути тоза кардани онҳо бо маҳлули безараргардонӣ ва баъдан бо латтаи тар тибқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ амалӣ карда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Назорат оид ба гузаронидани корҳо бобати безараргардонии бино ва мебелҳо аз ҷониби кормандон гузаронида шуда, дурустии иҷроиши онҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши кормандоне, ки корҳои безараргардониро анҷом медиҳанд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёри реҷаи безараргардонии бино, мебели тиббӣ ва таҷҳизоти санитарӣ-техникӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.8. Қоидаҳои дезинфексияи либосҳои муҳофизати ҳайати кормандон, ҷузъҳои ёрирасон.**

Қоидаҳои дезинфексияи либосҳои муҳофизати ҳайати кормандон, ҷузъҳои ёрирасон, ки аз маводҳои матоъи тайёр карда шудааст, ки бо ихроҷҳои биологӣ заррарнок (ифлос) гардидаанд, риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**
Корҳо оид ба безарраргардонии (дезинфексияи) либосҳои муҳофизатии ҳайати кормандон, ки бо ихроҷҳои биологӣ зарарнок гардидаанд, бо роҳи коркарди онҳо дар камераҳои дизинфексионӣ, автоклавҳо, тар кардан дар маҳлули безараргардонӣ ва ҷӯшонидан дар воситаҳои шустушӯӣ мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ амалӣ карда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Азназаргузаронии камераҳои дезинфексионӣ, ҷойҳои шӯстушӯи (шустушӯйхона) ва зерсохторҳо оид ба корҳои дезинфексионии либосҳои муҳофизати ҳайати кормандон, ҷузъҳои ёрирасон, ки аз маводҳои матоъи тайёр карда шудааст, гузаронида мешаванд. Пурсиши кормандоне, ки барои гузаронидани ин корҳо масъуланд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати дезинфексияи либосҳои муҳофизати ҳайати кормандон, ҷузъҳои ёрирасон, ки аз маводҳои матоъи тайёр карда шудааст,ки бо ихроҷҳои биологӣ заррарнок (ифлос) гардидаанд, тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад

**Стандарти 2.9 Шӯъбаи марказонидашудаи тамйизгардонӣ.**

Дар шӯъбаи марказонидашудаи тамйизгардонӣ шахсони аз омӯзиш гузашта кор мекунад ва системаи кори муттасил риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**
1. Дар шӯъбаи тамйизгардонии марказонидашуда (минбаъд ШТМ) ва ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ (ҲТ) шахсоне ба кор иҷозат дода мешаванд, ки омӯзиши махсуси тамизгардониро гузашта бошанд.
2. Ҳар як корманди ШТМ/ҲТ ҳарсола дастур оид ба риояи талаботҳои санитарӣ-гигиенӣ ва меъёрҳои зиддисироятӣ ва бехатарии техникиро мегузарад.

3. Дар шӯъбаи ШТМ/ҲТ низоми кории муттасил мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ риоя карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Ҳуҷҷат, оид ба омӯзиши махсуси тамизгардонӣ, ки барои фаъолият иҷозат дода мешавад, санҷида мешавад.
2. Азназаргузаронии ҳуҷраҳои ШТМ гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.10.** Қоидаҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ.

Қоидаҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ба тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ мубтало шуда метавонад, маҳсулоти муқарраршудаи тиббӣ, ки тозакунии пеш аз тамйизгардонро мегузаронанд бо мақсади тоза кардани ин маҳсулот аз ифлосиҳои сафедадор, равғандор ва ифлосшавии механикӣ, инчунин аз доруворӣ.
2. Тозакунонии пеш аз тамйизгардонии маҳсулоти тиббӣ дар ШТМ (ҲТ) гузаронида мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани онҳо дар муассисаҳои тандурустӣ ҳуҷраҳои алоҳида махсус мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ ҷудо карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷраҳои ШТМ, ҷойҳои барои тозакунонии пеш аз тамйизгардонии маҳсулоти тиббӣ дар зерсохторҳо азназар гузаронида мешавад. Мушоҳида аз болои корҳои гузаронидашуда оид ба тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ низ бурда мешавад. Дурустии гузаронидани онҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони ШТМ (ҳучраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёр ва қоидаҳои гузарондани корҳо оид ба тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 2.11. Назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ</u>**

Назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ШТМ (ҳучраҳои тамйизгардонӣ) назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ бо роҳи муоинаи тозагии мукамали ҳолати маводҳои тиббӣ, мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 сол ва №641 аз 26.12.2012 сол гузаронида мешаванд:

Натиҷаҳои санҷиши сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шуда, дар дафтарҳои назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ба қайд гирифта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) мавҷудияти китобҳои қайди назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ, санҷида мешаванд. Пурсиши кормандони ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида шуда, дар рафти пурсиш сатҳи дониши кормандон оид ба гузаронидани назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 2.12. Маҳсулотҳои тиббие, ки тамйиз гардонида шаванд

Маҳсулотҳои тиббӣ, ки бояд тамйиз гардонида шаванд, мувофиқи талаботҳои муқаррааргардида банду баст карда шудаанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Маҳсулотҳои тиббӣ, ки бояд тамйиз гардонида шаванд мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ банду баст карда мешаванд.

1. Маҳсулотҳои тиббӣ, пеш аз тамйизгардонӣ, тоза ва хушк банду баст карда мешаванд.
2. Матоъи борпечонӣ шӯста шуда, хушк карда шудааст ва сурохӣ надорад.
3. Ҳама қисмҳои асбобҳои тамйизшаванда ҷудо ё ин ки дар шакли кушода мебошанд.
4. Барои банду баст ҳангоми тамйизгардонӣ бо бӯғ (дар автоклавҳо), намудҳои маводҳо мутобиқи дастурҳои дар боло зикргардида истифода мешаванд.
5. Ҳангоми истифода аз усули хушктамйизгардонӣ (дар ҷевонҳои хушктамйизгардонӣ), намудҳои маводҳо мутобиқи дастурҳои дар боло зикргардида истифода мешаванд.
6. Басту бандӣ сахт баста намешаванд.
7. Маҷмӯъи банду баст намудани бикс мутобиқи алгоритми дастурҳои дар боло зикргардида  иҷро намуд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Назорати назарӣ аз болои раванди банду басти масолеҳи тиббӣ, ки барои тамйизгардонӣ оварда шудааст, дар ШТМ санҷида мешавад. Иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

## Стандарти 2.13. Қоидаҳои тамйизгардонӣ.

Қоидаҳои тамйизгардонӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Тамоми маводҳои ба захмҳо расида, бо хун ё бо сӯзандоруворихо дар алоқа буданд, ҳамчунин асбобҳое, ки ҳангоми кор дар пардаҳои луобӣ истифода бурда шуданд ва эҳтимоли вайроншавии қабатҳои онро бармеоранд, тамйиз гардонида мешаванд.

2. Корҳо оид ба тамйизгардонии маводҳои тиббӣ бо роҳи коркарди онҳо дар автоклавҳо, ҷевонҳои хушкатамизгордонии баркӣ, ё усулҳои кимиёвӣ мутобиқи дастурҳои дар боло зикргардида гузаронида мешаванд.
3. Тамйизгардонии маҳсулоти тиббиро дар шӯъбаҳои мутамарказонидашудаи тамйизгардонӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани онҳо дар муассиса дар ҳуҷраҳои махсус ҷудонамуда, мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ мегузаронанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Азназаргузаронии ҳуҷраҳои ШТМ (ҳуҷраҳои тамизгардонӣ) ва назорати ҷараёни корҳо оид ба тамйизгардонӣ гузаронида мешаванд. Дурустии иҷроиши корҳо оид ба тамйизгардонӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши кормандони ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёр ва қоидаҳои иҷроиши корҳо оид ба тамйизгардонӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 2.14. Низоми мониторинги самаранокии тамйизгардонӣ.

Низоми мониторинги самаранокии тамйизгардонӣ мавҷуд аст

**Талаботҳои стандарт.**
1. Назорати тамйизгардонӣ бо усулҳои кимиёвӣ, физикӣ ва бактероилогӣ бурда шуда, ҳамзамон воситаҳои чен кардани ҳарорат (термометр, термометри максималӣ), фишор (монуваакуметрҳо), ҳисоби вақт, тестҳои кимиявӣ, индикаторҳои термокимиёвӣ ва биотестҳо мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ истифода бурда мешаванд.
2. Дафтар (ҷадвал) бо нишондоди вақт, ҳарорат ва фишор барои ҳар як ғунҷоиш мавҷуд аст. Дафтар (ҷадвал) ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда, пас аз ҳар як ғунҷоиш санҷида мешавад.
3. Назорати кори тамйизгардонӣ ҳангоми ҳар як ғунҷоиши дастгоҳ барои тамйизгардонӣ санҷида мешаванд.
4. Ҳангоми назорати кори дастгоҳи тамйизгардонӣ ҳайате, ки онро хизматрасонӣ менамояд термометрҳои максималӣ, тестҳои кимиёвӣ, индикаторҳои кимиёвӣ ё биотестҳоро дар қуттиҳо бо маводҳои тамйизгардонидашаванда мегузорад, аз болои ҳар давраи тамйизгардонӣ оид ба нишондоди дастгоҳҳои назоратии санҷишӣ назорат мебарад ва дар бораи имконияти истифодаи маводҳои тамйизгардонидашуда дар дафтари кор оид ба тамйизгардонӣ хулосаи худро қайд менамояд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Пурсиши ҳайати кормандони ШТМ (ҲТ) гузаронида мешавад, ки дар раванди истифодаи усулҳои назорати кори тамйизгардониҳои буғӣ ва ҳавоӣ муайян карда мешавад. Воқеият ва муосир будани усулҳои назорат тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

## Стандарти 2.15. Нигоҳдории масолеҳи тамйиз гардонидашудаи тиббӣ.

Нигоҳдории дурусти масолеҳи тамйиз гардонидашудаи тиббӣ таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Нигоҳдошти маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ дар мувофиқа бо талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ ба роҳ монда мешавад:

- Маҳсулотҳои тозаи тиббӣ якҷоя бо ашёҳои тамйизгардонидашуда нигоҳ дошта намешаванд;
- Маводҳои печониданашудаи тиббӣ зуд истифода бурда шуда, нигоҳ дошта намешаванд;
- Дар банду бастҳои тамйизгардонидашуда ва ё зарфҳо санаи гузаронидани тамйизгардонӣ гузошта мешавад;
- Низоми гардиш ва системаи бақайдгирӣ барои назорат кардани истифодаи маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ гузаронида мешавад;
- Дар маҷмуаҳои маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ ҷойҳои сӯрохшуда, намнокӣ ва чангу хок мавҷуд нест.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ дар ШТМ (ҲТ), қисми ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои басту банд/амалиётӣ аз назорат гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт оид ба дуруст нигоҳдории маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 2.16. Беҳдоштии дастҳои ҳайати кормандони тиб</u>**

Беҳдоштии дастҳои ҳайати кормандони тиб риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳайати кормандони тиб беҳдоштии дастҳоро тибқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ риоя мекунанд.

Пеш аз ҳар як амалиёт ва ҳамчунин пеш ва пас аз кашидани дастпӯшакҳо кормандони тиб тозагии дастҳоро риоя менамоянд:

- дастҳоро бо собун дар оби равон мешӯянд ва бо сачоқҳои тозакардашудаи матогӣ ва ё яккаратаи коғазӣ хушк мекунанд;
- дар ҳолате, ки дар дастҳо ифлосӣ дида намешавад, дастҳоро бо 3-5 мл антисептик то пурра хушк шудани моеъ дар дастҳо, коркард мекунанд.
- Собун (ё шакли маҳлул), дозаторҳо бо антисептикҳо ва сачоқҳои яккарата мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, амалиётхонаҳо, толор/ҳуҷраҳои ҷарроҳии муассиса мавҷудияти миқдори лозимии собун, дозаторҳо бо антисептикҳо ва сачоқҳои яккарата барои риояи тозагӣ аз ҷониби ҳайати кормандони тиб санҷида мешаванд. Дуруст иҷро намудани алгоритми шустушуй ва коркарди дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб назорати назарӣ карда мешавад.

## Стандарти 2.17. Коркарди дастҳо бо усули барои амалиётҳои ҷарроҳӣ.

Пеш аз амалиётҳои ҷарроҳӣ дастҳои ҳайати кормандони тиб безараргадонида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Пеш аз қабули беморон ва ҳар гуна амалиётҳои ҷарроҳӣ ҳайати кормандони тиб безараргардонии дастҳоро тавассути шустушӯй ва коркард бо антисептикҳо мегузаронанд. Безараргардонии дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ ба роҳ монда мешавад.
2. Алгоритми безараргардонии дастҳо дар ҳар як ҳуҷраи ҷарроҳӣ дар шакли овезаҳои деворӣ мавҷуданд. Собун (хушк ё моеъ бо дозатор), дозаторҳо бо антисептикҳои, чӯткаи мулоими тоза, салфеткаҳои тамйизшуда,тампонҳои пахтагин ва дастпокунакҳои тамйизгардонидашуда ва крем ё лосони гигиенӣ, барои паст намудани хатари пайдо шудани дерматити алоқавӣ, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои ҷарроҳии мавҷудияти овезаҳои деворӣ оид ба алгоритми безараргардонии дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб санҷида мешаванд. Мавҷудияти миқдори зарурии собун (хушк ё моеъ бо дозатор), дозаторҳо бо антисептикҳо, чӯткаи мулоими тоза, салфеткаҳои тамйизшуда,тампонҳои пахтагин ва дастпокунакҳои тамйизгардонидашуда ва крем ё лосони гигиенӣ санҷида мешавад. Дуруст иҷро намудани алгоритми безараргардонӣ ва коркарди дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб назорат карда мешавад.

## Стандарти 2.18. Воситаҳои муҳофизатии фардӣ.

Ҳангоми рафти кор, ҳаракатҳо ва амалиётҳои марбут бо хавфҳо, ҳайати тиббӣ аз воситаҳои муҳофизатии фардӣ истифода мебаранд.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ:

1.Ҳайати кормандони тиб дар ҳар ҳолат, ҳангоми рафти кор, ҳаракатҳо ва амалиётҳои марбут бо хавфҳо, аз воситаҳои муҳофизатии фардӣ истифода мебаранд, мепӯшанд:

- либоси тиббӣ;
- калапӯшҳои тоза, ки тамоми мӯйҳоро мепӯшонанд;
- дастпӯшакҳои резинӣ, ниқоби тамйизгардонидаи докагӣ, ки даҳон ва биниро маҳкам менамояд, айнакҳо, ё ин ки муҳофизаткунандаҳои рӯй, пешдомани тозаи резинӣ ё пластикӣ ;
- пояфзоли тозаи маҳкам бо пойпушҳо, ки барои муҳофизат аз обиятҳои рехта ва дигар ашёҳои афтида хизмат мекунанд;

2. Кормандони тиббе, ки бо беморон ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ дар ҳуҷраҳои амалиётгузаронӣ дар алоқа мешаванд, воситаҳои муҳофизатии фардии зеринро истифода мебаранд:

- либоси тамйизгардонидашудаи ҷарроҳӣ;
- калапӯшҳои тозаи ҷарроҳӣ, ки тамоми мӯйҳоро мепӯшонанд;
- дастпӯшакҳои тамйизшуда;
- пояфзоли тозаи маҳкам бо пойпушҳо, ки бо ҳамчун муҳофизат аз обиятҳои рехта ва дигар ашёҳои афтида хизмат мекунанд;
- айнакҳо, ё ин ки муҳофизаткунандаҳои рӯй;
- ниқоби тамйизгардонидаи докагӣ, ки даҳон ва биниро маҳкам менамояд.

3. Ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ дар амалиётхона кормандони тиббе, ки бо беморон дар алоқа мешаванд, воситаҳои муҳофизатии фардии зеринро истифода мебаранд:

- хилъати тамйизгардонидашуда;
- пешдомани тозаи резинӣ ё пластикӣ;
- дастпушакҳои тамйизшуда;
- ниқоби тамйизгардрнидаи докагӣ, ки даҳон ва биниро маҳкам менамояд.

4.Мавҷуд будани захираи кофии воситаҳои муҳофизатии фардӣ, ки фаъолияти бефосила ва идоракунии самарабахши хатарҳоро таъмин мекунад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Азназаргузаронии амалиётҳое, ки бо хатар вобастаанд дар речаи вақти реалӣ гузаронида мешавад. Истифодабарии воситаҳои муҳофизати фардӣ (мавҷуд будани захираи онҳо), ки дар талаботи стандарт оварда шудаанд, баҳогузорӣ карда мешаванд.

## <u>Стандарти 2.19. Хавфҳои контаминатсия.</u>

Хавфҳои контаминатсия ва ҷароҳати ҷисмонӣ бо сузандоруҳо аз ҷониби кормандони тиббӣ баҳогузорӣ ва идора карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**
Мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ:
1.Дар ҳуҷраи амалиётӣ/доругузаронӣ дар шакли овезаҳои деворӣ алгоритми таъмини бехатарии истифодаи сӯзандоруҳои яккарата истифодашаванда вуҷуд дорад;
2.Кормандони тиб оид ба бехатарии истифодаи сӯзандоруҳои истифодашаванда омӯзиш ва малакаҳо гирифтанд;
3. Ҳеҷ гуна амалҳо бо сӯзандоруҳои истифодашуда бояд иҷро карда нашаванд (қатъ намудани сӯзан, интиқол додан ва ҷудо кардани сӯзан). Дар ҳолате, ки қисмҳои пластикии сузандору барои коркард таслим карда мешаванд, сӯзанҳо аз сӯзандоруҳо бо воситаи асбоби сӯзаншикан (иглосекатор) ҷудо карда, ҷамъ карда мешаванд;

4. Сарпӯши муҳофизатиро ба сӯзанҳо такроран гузошта намешавад, ҳангоми зарурат аз усули «як даст» истифода мебаранд.
5. Асбобҳои тез (сӯзанҳо) ва ампулаҳои шишагӣ баъди истифодабарӣ фавран ба контейнери махсус (пластмассӣ ё қуттии сурохнашаванда), ки дар масофаи дастрас ҷойгир аст, партофта мешаванд;
6.Дар ҳолати аз се чоряк (3\4) пур шудани восита/контейнер барои ҷамъоварии асбобҳои тез, мувофиқи талабот иваз намудан лозим аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Дар ҳуҷраи амалиётӣ/доругузаронӣ бо тартиби усули назорати мушоҳидасозӣ тадбирҳо оид ба риояи бехатарии истифодаи сӯзандораҳои истифодашаванда мутобиқи талаботи стандартӣ санҷиш гузаронида мешавад.
Пурсиши кормандони ҳуҷраҳои амалиётӣ/доругузаронӣ гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати истифодаи бехатарии сӯзандоруҳои истифодашуда баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 2.20. Хатари касбӣ.

Кормандоне, ки хатари касбӣ доранд, бо хӯрокаи махсус ва дигар имтиёзҳо дар асоси қонунгузориҳои меҳнат таъмин карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**
Дар муассиса рӯйхати тасдиқгардидаи шахсоне, ки мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ҳуқуқи гирифтани хӯроки махсусро доранд, мавҷуд аст. Кормандон мунтазам хӯроки махсус қабул мекунанд ва ба онҳо имтиёзҳо дода мешаванд (рӯзи кории ихтисоркардашуда, рухсатии меҳнатии иловагӣ ва ғайра). Ҳуҷатҳое, ки қабул намудани хӯроки махсус ва додани имтиёзҳоро тасдиқ мекунанд, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Пурсиши ҳайати кормандон оид ба қабул кардани хӯроки махсус ва дигар имтиёзҳо гузаронида мешавад. Ҳуҷҷатгузории тасдиққунандаи қабули хӯроки махсус ва дигар имтиёзҳо санҷида мешавад.

## Стандарти 2.21. Реҷаи санитарию гигиенӣ дар биноҳо.

Реҷаи санитарию гигиенӣ дар биноҳо риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**
1. Реъҷаи рӯбучини дохили биноҳо мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ риоя карда мешавад.
2. Ҷадвали рӯбучини биноҳо дар тамоми зерсохторҳо мавҷуд аст ва дар ҷойҳои намоён (дар деворҳо) овезон карда шудааст.

3. Ҷиҳозҳои рӯбучин (сатил, зарфҳо барои шӯстани деворҳо, шоткаҳо) ва захираи кифояи воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ барои гузаронидани рӯбучини биноҳо мавҷуданд.
4. Тамоми асбобҳои рӯбучин тамғаи худро доранд ва бо мақсад истифода бурда мешаванд. Онҳо дар ҷойҳои махсуси ҷудо кардашуда нигоҳ дошта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Дар зерсохторҳо мавҷудияти ҷадвали рӯбучин, ҷиҳозҳо, воситаҳои муҳофизати фардии ҳайати кормандон ва захираи кофии воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ барои гузаронидани тозакунӣ санҷида мешавад.
2. Мӯҳргузории дуруст ва нигоҳубини асбобҳои рӯбучин баҳогузорӣ карда мешавад.
3. Ба мақсади муайян намудани рӯбучин тозагии биноҳо аз назар гузаронида мешаванд.
4. Пурсиши ҳайати кормандоне, ки барои гузарондани рӯбучин масъул мебошанд, вобаста ба донистани реъҷаи рӯбучин (пешакӣ, ҷорӣ, хотимавӣ ё куллӣ) гузаронида мешаванд.
5. Пурсиши беморон оид ба мунтазамият ва сифати гузаронидани рӯбучинҳо дар ҳуҷраҳои бистарӣ (табобатӣ) гузаронида мешаванд.

## Стандарти 2.22. Бехатарии таҷрибаи доругузаронӣ.

Истифодаи бехатари сӯзанҳои зерипӯстӣ ва шпритсҳо таъмин карда мешавад

**Талаботҳои стандарт.**

Барои гузаронидани маҳлули доруворӣ **тазриқи зери пуст, даруни пӯст, мушак ва** дохиливаридӣ алгоритми муолиҷа мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ, инчунин маводи методологии ТУТ оид ба бехатарии доругузаронӣ ва расмиёти марбута риоя карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Пурсиши ҳайати кормандон оид ба алгоритми гузаронидани амалиёти доругузаронӣ гузаронида мешаванд. Бо тартиби усули назорати-мушоҳидасозӣ бехатарии истифодаи сӯзандораҳои истифодашаванда мутобиқи талаботи стандартӣ санҷиш гузаронида мешавад.

## Стандарти 2.23. Қоидаҳои нигоҳдории реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизо, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо дар озмоишгоҳ.

Қоидаҳои нигоҳдории реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизо, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо дар озмоишгоҳ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизои хушк, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо дар ҳуҷраҳоиҳои хушк, дар ҷевонҳо ё рафҳо (ҳангоми зарурият дар ҷойҳои торик, дар яхдонҳо, дар сейфҳо) нигоҳ дошта мешаванд.
2. Реҷаи ҳарорат ва намнокии нигоҳдории реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизои хушк, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо риоя карда мешавад. Яхдонҳо барои нигоҳдории маводҳои зикршуда мавҷуданд. Дар яхдон термометр барои чен кардани ҳарорат мавҷуд аст.Нишондодҳои ҳарорат дар дафтари махсус қайд карда мешавад.
3. Маводҳои реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизо, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо, мӯҳлати истифодаашон гузашта, мавҷуд нест.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Дар мувофиқа бо талаботи стандарт санҷида мешаванд:
- шароити нигаҳдории маводҳои реактивҳои озмоишӣ, муҳити ғизо, маводҳои ташхисӣ ва реагентҳо дар озмоишгоҳ ;
- мавҷудияти яхдонҳо ва термометрҳо дар яхдонҳо;
- мавҷудияти психрометрҳо;
- мавҷудияти дафтари қайди реҷаи ҳароратӣ;
- дурустии риояи реҷаи ҳароратӣ ҳангоми нигоҳдории маводҳои ташхисӣ;
- мӯҳлати истифодаи маводҳои ташхисӣ дар озмоишгоҳ мавҷуд буда ва санадҳо оид ба аз эътибор соқит донистани маводҳои ташхисии мӯҳлати истифодаашон гузашта.

<u>**Стандарти 2.24. Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои доруворӣ.**</u>

Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои доруворӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**
1. Дар зерсохторҳо ва анбори дорухона мунтазам назорат аз рӯи қоидаи нигоҳдории маводҳои доруворӣ (аз тарафи мудирони шӯъбаҳо, ҳамшираи шафқати калон ва ҳамшираҳои шафқати зерсохторҳо) гузаронида мешавад.
2. Маводҳои доруворӣ дар ҳуҷраҳои хушк (ҳангоми зарурият дар ҷойҳои торик) дар сейфҳо, ҷевонҳо ва рафҳои мӯҳркунондашуда, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фармоишҳои алқаманди ВТҲИА ҶТ нигоҳ дошта мешаванд.
3. Яхдонҳои махсус барои нигоҳ доштани маводҳои доруворӣи термолабилӣ мавҷуданд. Реҷаи ҳарорат дар яхдонҳо риоя карда мешавад (термометрҳо ва дафтарҳои қайди реҷаи ҳарорат мавҷуданд).
4. Маводҳои доруворӣ бо мӯҳлати истифодаашон гузашта мавҷуд нест.
5. Механизми аз истифода гирифтан ва несту нобут сохтуни маводҳои доруворӣи мӯҳлаташон гузашта вуҷуд дорад. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба аз истифода гирифтан ва несту нобут сохтуни маводҳои доруворӣи мӯҳлаташон гузашта вуҷуд дорад.
6. Ҷойҳои нигоҳдории маводҳои доруворӣ бо чораҳои муҳофизатӣ таъминанд (панҷараҳои оҳанин, овоздиҳандаи муҳофизатӣ).
**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Иҷроиши талаботҳои стандарт тавассути азназаргузаронӣ дар дорухона ва зерсохторҳ баҳогузорӣ мешаванд.

## Стандарти 2.25. Қоидаҳои нигоҳдории эмдоруҳо (ваксинаҳо)

Қоидаҳои нигоҳдории эмдоруҳо (ваксинаҳо) риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**
Дар ҳуҷраҳои эмгузаронӣ мумтазам назорати иҷроиши қоидаҳои нигоҳдории ваксинаҳо мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ бурда мешавад. Ваксинаҳо дар яхдонҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд. Реҷаи ҳарорат дар яхдонҳо риоя карда мешавад (термометрҳо ва дафтарҳои қайди реҷаи ҳарорат мавҷуданд).
**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Иҷроиши талаботҳои стандарт тавассути азназоргузаронии ҳуҷраҳои эмгузаронӣ мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ баҳогузорӣ мешавад.

## Стандарти 2.26. Системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ

Системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ дар ҷойҳои зарурӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**
Ҷойгиркунӣ ва истифодаи системаи асбобҳои ҳавотозакунӣ дар муассисаҳо мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ сурат мегирад:

1. Биноҳои ташхисҳои рентгенологӣ бо системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ (роҳҳои ҳавоивазкунаҳои фардӣ, роҳҳои ҳавокашҳои фардӣ «ҷевонҳо») муҷаҳҳаз гардонида шудаанд:
2. Ҳавоивакунакҳои кашиши механикӣ бе ҳавокаши афзоиш дар биноҳои шустушӯйхона, душ (ҳамом), ҳуҷраҳои санитарӣ, ҳуҷраҳо барои маводҳои нарми истифодашуда (ифлос), нигоҳдории муваққатии партовҳо, анборҳо барои нигоҳдории воситаҳои дезинфексионӣ ва ҳоҷҷатхонаҳо мавҷуданд.
3. Мунтазам назорати профилактикӣ ва таъмири системаи ҳавоивазкунӣ гузаронида мешавад ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Дар биноҳое, ки дар талаботи стандарт нишон дода шудаанд, мавҷудияти ҳавоивазкунакҳои даромад ва баромади ҳаво аз назар гузаронида мешавад. Азназаргузарониии ҳолати техникии ҳавоивазкунаҳо гузаронида шуда, дуруст истифодабарии онҳо тавассути пурсиши ҳайат баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатгузорие, ки муоинаи профилактикӣ ва таъмири системаи ҳавоивазкуниро тасдиқ менамояд санҷида мешавад.

## Стандарти 2.27. Нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер)

Дар ҷойҳои зарурӣ системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ дар ҳуҷраҳои озмоишгоҳ, ташхиси фаросавтӣ, амалиётхона, басту банд, таваллудӣ, баъд аз ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои табобати шиддатнок ва наҷот мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудиати системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) дар биноҳои дар талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ дарҷ гардида, аз назар гузаронида мешаванд. Ҳолатҳои техникии кондитсионерҳо санҷида шуда, пурсиши ҳайат оид ба дуруст истифодабарии онҳо гузаронида мешавад.

## Стандарти 2.28. Амалҳои бехатарии эмкунӣ

Амалҳои бехатарии эмкунӣ амалӣ карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Эмгузарониҳои профилактикиро шахсоне мегузаронанд, ки маълумоти тиббӣ доранд ва тайёрии махсусро тибқи тартиботи муқаррааргардида гузаштаанд (шаҳодатномаҳо мавҷуданд).
2. Барои эмгузаронии навзодон эмдоруҳое истифода бурда мешаванд, ки аз қайди давлатӣ тибқи тартиби муқаррааргардида гузаштаанд.
3. Талаботҳо оид ба чорабиниҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо эмдоруҳо, оид ба бехатарӣ ҳангоми эмгузаронӣ ва қоидаҳои бехатарии нобуд сохтани маводҳои истифодашудаи эмгузаронӣ ва боқимондаҳои эмдору риоя карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Шаҳодатнома оид ба гузаштани тайёрии махсус ва аттестатсия оид ба масъалаҳои иммунапрофилактика аз назар гузаронида мешаванд.
2. Аз қайди давлатӣ гузаштани эмдоруе, ки барои эмгузаронӣ истифода бурда мешавад санҷида мешавад.
3. Азназаргузаронии ҳуҷраҳои эмгузаронӣ вобаста ба риояи чораҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо эмдоруҳо ва қоидаҳои бехатарии нобуд сохтани маводҳои истифодашудаи эмгузаронӣ ва боқимондаҳои эмдору тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

## Стандарти 2.29. Доруқуттии зиддисадамавӣ.

Доруқуттии зиддисадамавӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

1.Дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, эмгузаронӣ, амалиётӣ, мавҷудияти доруқуттии зиддисадамавӣ (зиддишокӣ) тибқи талаботҳои муқаррааргардида мавҷуд аст.

2. Кормандони тиббе, ки дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, эмгузаронӣ, таваллудӣ, амалиётгузаронӣ ва ҷарроҳгоҳ кор мекунанд, оид ба ҳолатҳои сар задании

садамаи (шоки) анафилактикӣ дар беморон маълумот доранд ва ёрии тиббиро расонида метавонанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, эмгузаронӣ, амалиётӣ мавҷудияти доруқуттиҳои зиддисадамавӣ (зиддишокӣ) ва пурра будани онҳо бо маводҳои доруворӣҳои лозимӣ тибқи талаботи стандарт санҷида мешавад.
2. Тавассути сӯҳбат бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо оид ба амалҳои онҳо ҳангоми сар задании садамаи анафилактикӣ дар беморон баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 2.30. Доруқуттӣ барои пешгирии баъди тамос.</u>**

Доруқуттӣ барои пешгирии баъди тамос дар ҷои кор ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода (садамаҳои биологӣ) мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои муқаррарагардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ:

1. Дар муассиса (ҳуҷраҳои доругузаронӣ, амалиётхона, озмоишгоҳҳо, хучраи кабули тодухтури, ҳуҷраи ҷарроҳӣ) доруқуттӣ оид ба ҳолати фавқуллода мавҷуданд.

2.Ҳангоми сар задании ҳолатҳои фавқуллода (садамаҳои биологӣ) пешгирии баъди тамос дар ҷои кор гузаронида мешавад, дафтарҳои қайди ҳолатҳои фавқулода мавҷуданд, ки дар онҳо сана, вақт, ҷой, хусусияти садама, ном ва номи падари шахсони ҷабрдида ва чорабиниҳои гузаронидашуда қайд карда мешаванд.

3.Маълумот дар бораи ҳолатҳои фавқуллода (садамаи биологӣ) ба роҳбарияти сохтор расонида мешаванд.

4.Ҳама кормандони тиббӣ, ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқуллода оид ба пешгирии баъди тамос маълумот дошта, амалҳои заруриро медонанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Дар хучраҳои доругузаронӣ, озмоишгоҳҳо, амалиётӣ ва ҷарроҳӣ мавҷудияти доруқуттиҳо барои ҳолатҳои фавқуллода, пуррагии онҳо бо маводҳои доруворӣи зарурӣ ва лавозимотҳои тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешаванд.
2. Мавҷудияти дафтарҳои қайди ҳолатҳои фавқуллода ва дуруст пур кардани онҳо санҷида мешавад.
3. Маълумоти интиқоли иттилоот дар бораи ҳодиса ба кормандони мутассадӣ тафтиш карда мешавад
4. Тариқи мусоҳиба бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо оид ба амалҳо ҳангоми сар задании ҳолатҳои фавқуллода ва расонидани додани маълумот дар бораи ҳолатҳои фавқуллода боҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.31.** Доруқуттӣ барои расонидани ёрии тиббии таъҷилӣ.

Мавҷуд будани доруқуттӣ барои расонидани ёрии тиббии таъҷилӣ.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ:

1. Дар ҳуҷраҳои қабули тотабибӣ, хучрахои муоинаи ташхиси, эмгузаронӣ, доругузаронӣ, амалиётгузаронӣ, ҳуҷраҳои ҷарроҳи доруқуттии мукамал барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ мавҷуд аст.
2. Кормандони тиббӣ малакаи расонидани ёрии таъҷилии тиббиро ба беморон ҳангоми рух додани ҳолатҳои таҷилӣ доранд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Дар ҳуҷраҳо мавҷудияти доорукуттӣ барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ва мукаммалияти он бо маводҳои доруворИИ лозимӣ мутобиқи талаботи стандарт санҷида мешавад.
2. Тариқи сӯҳбат бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо дар бораи қоидаҳои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба беморон баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 2.32. Бехатарӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои рентгенологӣ</u>**

Ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои рентгенологӣ бехатарии радиатсионии хайати кормандон ва беморон таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Барои кор бо дастгоҳи рентгенологӣ/гузаронидани ташхиси нурӣ шахсоне, ки тайёрии баъдидипломии махсус/бозомузии аввалия оид ба соҳаи рентгенологияро гузаштааст роҳ дода мешавад.
2. Бехатарии радиатсионӣ тибқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ. риоя карда мешавад. Дар хучраҳои рентгенологӣ деворҳо, фаршҳо ва шифт бо ранги муҳофизатии барий (монеа/баргардонидани шуъоҳои радиатсионӣ) рӯйпуш карда шудаанд. Воситаҳои фардии аз шуъоҳои ионӣ муҳофизаткунанда (ширмаҳои муҳофизатӣ, шишаи махсуси Эсу, пешдоманҳои қафаси сина, пешдоман, дастпӯшакҳои резинии мустаҳкам ва ғайра) мавҷуданд.
3. Аз ҷониби хадамоти махсуси ваколатдор назорати радиатсионӣ дар ҳуҷраҳои рентгенологӣ як маротиба дар 2 сол гузаронида мешавад. Санадҳои санҷиши оид ба назорати радиатсионӣ мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Мавҷудияти тайёрии махсус/бозомӯзии аввалияи шахсоне, ки тадқиқотҳои ташхисии рентгенологӣ мегузаронанд, мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ санҷида мешаванд.
2. Воқеияти рӯйпӯш намудани деворҳо, фаршҳо ва шифт бо маводи барий муйаян карда мешавад. Мавҷудияти санадҳои санҷиши назорати радиатсионӣ дар ҳуҷраи рентгенологӣ санҷида мешаванд.

## Стандарти 2.33. Назорати дозиметрии фардӣ

Назорати дозиметрии фардии ҳайати кормандон дар ҳуҷраи рентгенӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**
Ҳар як корманди ҳуҷраи рентгенологӣ аз дозиметрҳои фардӣ истифода мебарад. Мунтазам санҷишҳои дозиметрӣ тавассути дозиметрҳои фардӣ бо мақсади муайян намудани вояи шуъоқабулкунии ҳайати кормандон амалӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Мавҷудияти дозиметрҳои фардии кории ҳайати кормандон санҷида мешавад. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба гузаронидани санҷишҳои дозиметрӣ тавассути дозиметрҳои фардии ҳайати кормандон санҷида мешавад.

## Стандарти 2.34. Қоидаҳои ҷудокунӣ, муайянкунӣ ва ҷамъоварии партовҳо

Қоидаҳои ҷудокунӣ, муайянкунӣ ва ҷамъоварии партовҳо дар дохили зерсохторҳо риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**
Мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ дар муассиса чунин қоидаҳои кор бо партовҳо риоя карда мешавад:

1. Ҳайати кормандони масъул барои ҷамъоварӣ ва дур намудан кардани партовҳо муайян карда шудааст ва омӯзонида шудаанд. Дастурамал оид ба кор бо партовҳо мавҷуд аст.
2. Тақсимоти партовҳо (хатарнок ва бехатар) аз аввал гузаронида мешаванд– Идентификатсияи партовҳо (А,Б,В) тавассути истифодаи тамғаҳо муайян карда мешаванд:
3. Ашёҳои халандаю буранда дар зарфҳои маҳками мустаҳкам (қуттиҳо аз пластикаҳои сахт ва зарфҳои оҳанин) дар се яки ҳаҷми онҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд. Дигар партовҳои тиббӣ (масалан, тампонҳои пахтагини истифодашуда, докаҳо, маводҳои банду баст ва ғайра) дар қуттиҳои якбористифодашавандаи полипропиленӣ ё сатилҳои эмалкардашуда ва зарфҳои сарпушдор ҷамъоварӣ карда мешаванд. Партовҳои умумӣ (ғайритамосӣ) дар зарфҳои сарпӯшдор ҷамоварӣ карда мешаванд.
4. Бо сӯзандоруҳои истифодашуда ягон амал бурда намешавад (қат кардан, ё ки ҷудо намудани сӯзан бо даст). Дар ҳолатҳое ки агар қисмати пластмасии сӯзандору барои коркард дода мешавад, сӯзан аз сӯзандору ба воситаи сӯзанҷудокунак ҷудо карда мешавад ва алоҳида ҷамъоварӣ мегардад.
5. Ҳангоми кор бо партовҳои тиббӣ ҳайати техникӣ воситаҳои фардии муҳофизатиро истифода мебаранд: дастпӯшакҳои ҳоҷагӣ, пояфзоли резинӣ ва либосҳои махсус.

6. Баъд аз кор бо партовҳо ва баровардани дастпӯшакҳо ҳайати техникӣ гигиенаи дастҳоро мегузаронад (дастҳо зери оби равон муддати 30-40 сония бо собун шуста мешаванд ва бо сачоқҳои яккарата хушк карда мешаванд, то ки онҳо дар ҳаво хушк шаванд).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Дар муассиса ва зерсохторҳо, мавҷудияти ҳайати кормандон, ки бо ҷамъоварӣ ва дур намудан партовҳо сарукор доранд, дастураммалҳои тасдиқгардида оид ба кор бо партовҳои тиббӣ дар ҳар як зерсохтор санҷида мешаванд.
2. Тавассути азназаргузаронӣ риояи қоидаҳои ҷудокунӣ, муайянсозӣ ва ҷамъоварии партовҳо ва қоидаҳои истифодаи воситаҳои фардии муҳофизатӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешаванд.
3. Пурсиши ҳайати кормандон оид ба донистани қоидаҳои кор бо партовҳо гузаронида мешаванд.

**Стандарти 2.35. <u>Қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва нобудсозии партовҳо</u>**

Қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва нобудсозии партовҳо риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ дар муассиса чунин қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва нобудсозии партовҳо риоя карда мешавад:

1.Партовҳо аз зерсохторҳо то ба ҷои нигоҳдории муваққатии онҳо, ё то ҷойҳои нобуд сохтани онҳо дар зарфҳои муносиби пӯшонидашуда расонида мешаванд:

- ашёҳои халандаю буранда дар зарфҳои маҳками мустаҳкам (қуттиҳо аз пластикаҳои сахт ва зарфҳои оҳанин);
- дигар партовҳои тиббӣ (масалан тампонҳои пахтагини истифодашуда, дока, маводҳои банду баст ва ғайра) – дар қуттиҳои якбористифодашавандаи полипропиленӣ ё сатилҳои эмалкардашуда ва сарпушдор;
- партовҳои умумӣ (бехатар) дар зарфҳои сарпӯшдор ё обнагузар.

2.Дар муассиса нақшаи баровардани партовҳо дар ҳудуди муассиса мавҷуд аст ва риоя карда мешавад.

3.Миқдори зарурии зарфҳо барои ҷамъоварии партовҳо, ки дар даромадгоҳҳои бино ва ҷойҳои истироҳати беморон ва ҳудуди МТ, ки ҳар рӯз аз партов тоза карда мешаванд ва дар ҳолати хуби тозагӣ нигоҳ дошта мешаванд, мавҷуданд.

4.Зарфҳои маҳками сарпӯшдор барои ҷамъоварӣ ва нигоҳубини муваққатии партовҳо берун аз зерсохторҳо мавҷуданд. Зарфҳо барои ҷамъоварии партовҳо тамғагузорӣ карда шудаанд (барои партовҳои умумӣ ва тиббӣ) дар майдонҳои атрофашон маҳкам ва қулф кардашуда ҷойгир карда шудаанд. Майдонҳо болопуш доранд ва на камтар аз 25 метр аз биноҳҳои ташхисӣ – табобатӣ ҷойгир гаштаанд.

5. Аломатҳои огоҳкунанда оид ба маҳдудияти минтақаи дастнорас мавҷуд буда, дар ҷойҳои муносиб барои даромаду баромади нақлиёт ва боркунӣ ҷойгир шудаанд.
6. Майдонҳо ва зарфҳо барои ҷамъоварии партовҳо баъд аз баровардани онҳо тоза ва коркард карда мешаванд.
7.Партовҳои умумии тиббии муассиса мунтазам ба ҷойҳои ҷамъоварӣ ва нобудсозии партовҳои маҳали аҳолинишин тибқи шартнома бо хадамотҳои коммуналӣ бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

1. Азназаргузаронииии интиқоли партовҳо ба ҷои нигоҳдории муввақатии онҳо, ё ба ҷойҳои нобуд сохтани онҳо, ҳудуд ва майдонҳо барои ҷамъоварӣ ва нигоҳдории муваққатии партовҳо гузаронида мешавад. Риояи қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муввақатӣ ва дур намудани партовҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Пурсиши ҳайати кормандони масъул оид ба интиқол, нигоҳдории муввақатӣ ва дур намудани партовҳогузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо вобаста ба қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва нобудсозии партовҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 2.36. Қоидаҳои нобудсозии партовҳои тиббӣ

Қоидаҳои нобудсозии партовҳои тиббӣ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар муассисаи тандурустӣ коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТҲИА ҶТ ба роҳ монда шудааст.

**1.Барои нобудсозии партовҳои сахти тиббӣ яке аз ин усулҳо истифода бурда мешаванд:**

- коркард тавассути автоклавкунонӣ;
- дар чоҳи Беккер
- истифодаи оташдони ҳарорати баланддошта.

**2.Барои нобудсозии партовҳои моеъи тиббии контаминатсияшуда усулҳои зерин истифода бурда мешавад:**

- Системаи алоҳидаи қубури коррезӣ (нуқтаи алоҳидаи қубури коррезӣ барои нобудсозии обҳои истифодашуда ва моеъҳои биологии бадан – хун, пешоб, ахлот, наҷосат, балғам, фассод, тарашуҳот, партовҳои қайкунӣ ва ғ. );
- Дар ҷойҳои системаи қубури коррезӣ надошта партовҳои моеъи тиббии контаминатсияшуда дар чоҳи алоҳида нобуд месозанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Назорати гузаронидани корҳои нобудсозии партовҳои тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши ҳайати кормандоне, ки бо нобудсозии партовҳои тиббӣ сарукор доранд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо оид ба қоидаҳои нобудсозии партовҳои тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.37. Шароитҳо барои риояи гигиенаи беморон ва ҳайати кормандон**

Шароитҳо барои риояи гигиенаи беморон ва ҳайати кормандон мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**
Дар зерсохторҳои МТ дастшӯякҳо, ки ба системаи коррезӣ васл шудаанд, мавҷуд аст. Дар ҳар як зерсохтор душхонаҳо барои ҳайати кормандон мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**
Азназаргузаронии зерсохторҳои МТ гузаронида шуда, мавҷудияти шароитҳо барои риояи гигиенаи беморон ва ҳайати кормандон санҷида мешавад. Мувофиқати онҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

## Қисмати III. «Сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ»

**<u>Стандарти 3.1. Хизматрасонии тиббӣ дастрасанд.</u>**

Хизматрасонии тиббӣ дастрасанд.

**Талаботи стандарт.**

1. Кӯмаки тиббӣ ба аҳолӣ/беморон, новобаста аз ҷинс, синну сол, миллат, ҷои зист, эътиқоди сиёсӣ, вазъи иҷтимоию моддӣ ва дигар омилҳои ғайритиббӣ расонида мешавад.
2. Ба беморон хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла ройгон, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз миллат, мансубияти шаҳрвандӣ, ҷинс, синну сол, забон, вазъи иҷтимоӣ, эътиқоди сиёсӣ ё динӣ таъмин карда мешавад.
3. Беморон аз шарту шароитҳои таъмини хизматрасонии тиббӣ огоҳанд (маълумот оид ба шарту шароити хизматрасонии тиббӣ дар ҳар як воҳиди сохтории муассиса, дар ҷойгоҳи иттилоотӣ дастрас аст ва мунтазам азнавсозӣ / мукаммал карда мешавад).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Дар муассисаи ва зерсохторҳо мавҷудияти лавҳаҳои иттилоотӣ бо маълумот оид ба шартҳои хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ санҷида мешаванд. Бо табобатгирандагон доир ба маълумотнокии онҳо оид ба шартҳои хизматрасонии тиббӣ тибқи талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ анкетакунонӣ ва ё пурсиш гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 3.2. Маълумот дар бораи муассисаи тандурустӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо.</u>**

Ба аҳолӣ маълумот оид ба муассисаи тандурустӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо пешниҳод карда мешавад.

**Талаботи стандарт.**

1. Маълумот оид ба муассиса (овезаҳои иттилоотӣ, нашрияҳо дар ВАО-и маҳаллӣ, сомонаҳои интернетӣ) ба аҳолӣ дастрас карда мешавад (намудҳои хизматрасонии тиббӣ ва шартҳои расонидани онҳо, ҳаҷм ва сифати хизматрасонии тиббӣ, тахассуси кормандон, натиҷаи аккредитатсия, реҷаи кории мутахассисон ва ғ.).
2. Нақшаи ҷойгиршавии шуъбахо, ҳуҷраҳои кории мутахасисони тибби оилавӣ ва соҳаи маҳдуд, аломатҳои роҳнамо барои аҳолӣ\муроҷиаткунандагон мавҷуд аст. Нақшаи ҷойгиршавӣ ва аломатҳои роҳнамо ба табобатгирандагон ва аёдаткунандагон фаҳмо мебошанд, дар ҷойҳои аён ҷойгиранд ва барои онҳо дастрасанд.
3. Маълумот дар бораи муассиса ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо мунтазам барои беморон навсозӣ / мукаммал карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудият ва мукамаллии маълумот оиди фаъолияти муасиса (аз он ҷумла натиҷаҳои аккредитатсия) дар овезаҳои иттилоотӣ, ВАО-и маҳаллӣ, сомонаҳои интернетӣ баҳодиҳӣ карда мешавад.

Нақшаи ҷойгиршавии зерсохторҳои муассиса, аломатҳои роҳнамо, овезаҳои иттилоотӣ аз назар гузаронида мешаванд. Дастрасии нақшаи ҷойгиршавии сохторҳои муассиса, аломатҳои роҳнамо ва пурагии маълумот дар овезаҳои иттилоотӣ баҳодиҳӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 3.3. Дастрасии кӯмак барои гуруҳҳои ниёзманди аҳолӣ бо имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ.</u>**

Хизматрасониҳои тиббӣ барои гурӯҳҳои ниезманди аҳолии дар ҳаракат имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ доранд, дастрас мебошанд.

**Талаботи стандарт.**

1. Барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди ҳаракат сабти пешакӣ ба воситаи телефон, барои қабули табиб мавҷуд аст.
2. Барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди ҳаракат дар қисми даромадгоҳи муассиса дастакҳо, гузаргоҳҳо, тугмачаи даъвати навбатдор, рақами телефонии навбатдор, дастакҳо дар зинапояҳои ошёнаҳо ва лифт мутобиқ ба меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ, пешбинӣ шудааст.
3. Барои шахсони нобино ва биноиши пастдошта дар зинапояҳо аломатгузориҳо мавҷуд аст.
4. Дар даромадгоҳи муассиса, барои гуруҳҳои ниезманди аҳолии дорои имконятҳои маҳдуди ҷисмонӣ барои маслиҳат ва расонидани ёрӣ дар ҳаракати онҳо, навбатдорон ташкил карда шудааст

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Муайян карда мешавад мавҷуд будани системаи:
   - Сабти пешакӣ ба воситаи телефон барои қабули табиб, ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди ҳаракат;
   - Навбатдорон дар даромадгоҳи муассиса барои маслиҳат ва расонидани ёрӣ дар роҳравии онҳо.
2. Дар мавзеъ ва бинои муассиса дастакҳо, гузаргоҳҳо, тугмачаи даъват ва рақами телефонии навбатдор, дастакҳо дар зинапояҳои ошёнаҳо ва лифт мутобиқ ба меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ аз назар гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 3.4. Муҳлати интизорӣ ҳангоми қабули табибон</u>**

Муҳлати интизорӣ ҳангоми қабули табибон барои табобатгирандагон қобили қабул аст.

**Талаботи стандарт.**

1. Баҳодиҳии ҳолати аввалияи табобатгирандагон дархол баъд аз расидан ба муассисаи тандурустӣ дар ҳуҷраи муоина/ қабули тотабиб гузаронида мешавад. Ҳайати кормандони тиббӣ, масъул барои баҳодиҳии ҳолати аввалияи табобатгирандагон омӯзиш гузаштаанд, қобилияти баҳодиҳии ҳолати аввалияи табобатгирандагонро доранд.

2. Муҳлати интизории қабули табибон барои табобатгирандагон то 30 дақиқаро ташкил медиҳад.

**Баҳодихии иҷроиши стандарт.**

1. Бо рохи пурсиши ҳайати кормандон ва азназаргузаронии ҳуҷраи қабули тотабиб мавҷуд будани тартиби баҳодиҳии ҳолати аввалияи табобатгирандагон дархол баъд аз расидан ба муассисаи тандурустӣ дар ҳуҷраи қабули тотабиб санҷида мешавад.
2. Оид ба муҳлати интизории қабули табибон анкетагузаронии табобатгирандагон гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 3.5. Монеаҳои забонӣ, эътирофи урфу одат ва ақидаҳои динии табобатгирандагон.</u>**

Ҳангоми хизматрасонии тиббӣ монеаҳои забонӣ, эътирофи урфу одат ва ақидаҳои динии табобатгирандагон ба инобат гирифта мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Муассиса дар хизматрасонии тиббӣ мавҷудияти монеаҳоро муайян мекунад (пиронсолон, шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, надонистани забони давлатӣ, хусусиятҳои миллӣ/фарҳангӣ дошта, эътирофи урфу одат ва ақидаҳои динии табобатгирандагон) ва барои ҳадди аксар кам намудани ин монеаҳо, саъю кӯшиш менамояд.

2.Иттилоот барои табобатгирандагон дар овезаҳо бо забони давлатӣ ва дигар забонҳо пешниҳод карда мешавад (агар зарур шавад). Бо бемор ва аҳли оилаи ӯ бо забони ба онҳо фаҳмо муошират мекунанд.

3. Ҳайати кормандони муассиса оид ба урфу одат, эътиқодҳои динӣ, талаботҳои гуногуни гурӯҳҳои этникӣ маълумот доранд ва бо эҳтиром ба маданият, эътиқодҳои динӣ ва талаботҳои табобатгирандагон муносибат мекунанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Бо муҳосиба бо кормандон баҳодиҳии чораҳои андешида оид ба муайян намудани монеаҳо дар хизматрасонии тиббӣ бо табобатгирандагон гузаронида мешавад.
2. Мавҷудияти овезаҳои иттилоотӣ барои табобатгирандагон бо забони давлатӣ ва дигар забонҳо санҷида мешавад.
3. Анкетагузорӣ ва мусоҳиба бо табобатгирандагон, дар мавзӯи мавҷуд будан (ё набудани) монеаҳои забонӣ ҳангоми табобатгирӣ дар муассиса гузаронида мешавад.
4. Оид ба риояи меъёрҳои этикӣ нисбати миллат/таркиби этникии аҳолӣ ва ақидаҳои динии табобатгирандагон анкетагузаронӣ карда мешавад.

**<u>Стандарт 3.6. Ҳаммонандии (идентификация) ҳайати кормандони муассиса.</u>**

Ҳайати кормандони муассиса зоҳиран ҳаммонанд карда шудаанд.

**Талаботи стандарт**.

1. Дар муассиса қоидаҳои зоҳиран ҳаммонанд кардани ҳайати кормандон қабул карда шуда, дар он талаботҳо оид ба намуди зоҳирии кормандон, либоси махсуси тиббӣ ва бейҷҳо муайян карда шудааст.
2. Кормандони миёна ва хурди тиб бо либоси расмии аз табибон фарққунандаи ( намунаи муқарраршуда) таъминанд.
3. Хар як корманди тиб бо бейҷ (навишти дурусти ном, насаб, вазифаи корманди тиб) таъмин аст.
4. Кормандони ёрирасон ва техникӣ либосҳои махсус доранд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Тавассути азназаргузаронӣ ва пурсиши кормандон, риояи талаботи стандарт санҷиш гузаронида мешавад.

**<u>Хизматрасонии тиббӣ муттасил аст</u>**

**<u>Стандарти 3.7. Муттасилӣ таъмин аст.</u>**

Муттасилӣ байни муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (Маркази саломатӣ) ва беморхона таъмин аст.

**Талаботи стандарт.**

1. Муассиса механизми ба марказҳои саломатӣ супоридани иттилоот оид ба ҷавоб шудани беморон аз беморхонаҳо, навзодон ва занони навзоида аз таваллудхона, барои ташкил намудани назорати хонагӣ (патронаж), мувофиқи талаботҳои муайяншуда мавҷуд мебошад (телефонограмма, ба воситаи шахси воқеӣ ва ғайра).
2. Мувофиқи талаботҳои муқарраршуда тартиби таъмини саривақт ворид шудани варақаҳои мубодилаи занҳои таваллудкарда ва навзодон муайян карда шудааст, иқтибос аз ҳуҷҷатҳои тиббӣ бо маълумот оид ба беморон барои ташкили назорати дармонгоҳӣ (амбулаторӣ) супорида мешавад.
3. Кортҳои нуқсонии тиббӣ, ки аз тарафи беморхона ба шабакаҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияю санитарӣ оид ба фарқияти ташхисҳо ва ташхисҳои клиникӣ дар ҳолати равон намудан ба беморхона ва ҷавоб шудан тайер карда мешавад, пайгирӣ ва таҳлил карда мешавад.
4. Ҳодисаҳои бо камбудӣ ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои тиббӣ барои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, беасос аз саломатӣ додани роҳхат барои бистарикунонии табобатгиранда, ихтилофи ташхисҳо ҳангоми ба статсионар роҳхат додан ва ташхисҳои клиникӣ, назорат ва таҳлил карда мешаванд. Ҳангоми пайдо гаштани камбудӣ байни статсионар ва марказҳои саломатӣ оид ба расонидани ёрии тиббии пай дар пай, кортҳои нуқсонӣ ба расмият дароварда шуда, ба маркази саломатӣ пешниҳод ва дар ҷаласаҳо бо иштироки табибони МТ таҳлил карда мешаванд, пайнавиштҳои муҳокимаҳо мавҷуданд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Бо роҳи пурсиши ҳайати кормандони тиббии дахлдор/мутахассисони масъул ва беморон, санҷиши ҳуҷҷатҳои дахлдор (маҷмӯи сабти хабарҳои телефонӣ), мавҷудияти:

- механизми мунтазам барои гирифтани иттилоот аз муассисаҳои табобатӣ дар бораи рухсатии навзод ва таваллудкунанда, барои ташкили патронажи онҳо дар хона.
- механизми таъмини саривақт вор шудани варақаҳои мубодилаи зани таваллудкарда ва навзод, иқтибосҳо аз ҳуҷҷатҳои тиббии беморхона.

2. Дар ҳисоботи роҳбарони шӯъбаҳои тибби оилавӣ ва ҳисоботи умумии Маркази тандурустӣ, таҳлили камбудиҳо ва нуқсонҳои ҳуҷҷатҳои тиббии аз беморхона воридшуда, беасос равона намудан ба беморхона, фарқияти ташхисҳо ва ташхисҳои клиникӣ дар ҳолати равон намудан ба беморхона санҷиш карда мешаванд.
3. Илова бар ин, мавҷудияти нусхаи кортҳои нуқсондор, ҳангоми ҷой доштани норасоӣ дар масъалаҳои ҳамкории байни МТ ва марказҳои саломатӣ ва нусхаи пайнавишҳои таҳлили якҷояи норасоиҳои мазкур санҷида мешавад.

## Стандарти 3.8. Ҳамоҳангсозӣ байни сохторҳои соҳавии муассиса.

Ташхис ва табобати бемор байни сохторҳои соҳавии муассиса **ҳамоҳанг аст**.

**Талаботи стандарт.**

1. Қоидаҳои вақти гузаронидани машварати беморон аз тарафи табибони соҳавӣ, гузаронидани тадқиқотҳои ташхисӣ ва гирифтани натиҷаҳои ташхисҳо, бо механизми муттақобила байни табибони оилавӣ ва зерсохторҳои клиникӣ - ташхисӣ (бо масъалаҳои мутобиқати натиҷаҳои тадқиқотҳои ташхисии аломатҳои беморӣ, саривақт гузаронидани тадқиқотҳои ташхисӣ ва гирифтани натиҷаҳои он) мавҷуд аст.
2. Механизми пешниҳоди маълумот ба мутахассисони мансуб оид ба бемориҳои муқарраргардидаи аҳолӣ дар рафти гузаронидани муоинаи тиббӣ (қисми аҳолии муқарраргардида, мактаббачагон) мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Бо усули пурсиши беморон ва кормандон қоидаҳои машваратдиҳӣ ба табобатгирандагон аз тарафи мутахассисони соҳавӣ, гузаронидани тадқиқотҳои ташхисӣ ва гирифтани натиҷаҳои ин ташхисҳо, доштани механизми муттақобила байни зерсохторҳои клиникӣ ва ташхисӣ, мавҷудияти механизми додани маълумот ба мутахассисони зарурӣ оид ба бемориҳои аҳолии дар қайдбуда, ки ҳангоми гузаронидани муоинаҳои тиббӣ муайян гардидаанд таҳлил ва баҳодиҳӣ карда мешавад.

## Стандарти3.9. Таъминнокии назорати муттасили (пайдарпайи) бемор.

Назорати муттасили (пайдарпайи) бемор дар муассиса таъмин карда мешавад.

**Талаботи стандартӣ.**

1. Дар муассисаҳои тандурустӣ мувофиқи талаботҳои қонунгузориҳои ҶТ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ системаи назорати муттасили бемор мавҷуд мебошад, аз он ҷумла нигоҳубини динамикӣ:

- занҳои ҳомила;
- кӯдакони солим ва бемор;
- беморон бо бемориҳои музмини ғайрисироятӣ (бемориҳои зери назоратбуда);
- беморон бо сирояти сил.

2. Мувофиқи талаботҳои қонунгузории ҶТ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ дар муассисаҳои тандурустӣ механизми назорати серҳаракат (динамикӣ) дар ҷои зисти беморони дар ҳолати вазнин, навзодон ва кӯдакони бемор, инчунин беморони калонсол ва шахсони бо имконятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, маъюбон қарор доранд, аз ҷумла патронажи иҷтимоии тиббӣ, мавҷуд аст.
3. Хизматрасонии тиббии беморонро аз тарафи шахсоне, ки дорои маълумоти тиббии мувофиқ ва дараҷаи ихтиссос доранд (мутахассисони тибби оилавӣ ва мутахассисони соҳавӣ) ва бевосита барои сифати хизматрасонии тиббӣ ба беморон  масъуланд, иҷро менамоянд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Бо роҳи пурсиш/анкетагузаронии  ҳайати кормандон ва беморон, ҳамзамон экспертизаи ҳуҷҷатҳои тиббии дахлдор, мавҷудияти механизмҳои нигоҳубини беморон  мувофиқи талаботҳои қонунгузории ҶТ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ  санҷиш ва баҳодиҳӣ гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 3.10.Баҳодиҳии комплексии ҳолати бемор.</u>**

Хизматрасонии тиббӣ ба беморон дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҳолати онҳо расонида шуда,  дар ҳолати зарурӣ ислоҳ карда мешавад.
**Талаботи стандарт.**
1. Маълумот дар бораи назорат, муоина, муолиҷаи беморон дар беморхона ва  хизматрасониҳои тиббии пеш гузаронидашуда дар муассиса дастрасанд ва барои таҳияи нақшаи кӯмаки тиббӣ ба инобат гирифта мешавад.
2. Ниёзи бемор (бемориҳои ҳамоҳанг, аломатҳои дард, ҳолати эҳсосӣ ва ҷисмонӣ, хавфҳо, зарурият ба парҳези муайян, хусусиятҳои муошират ва ғайра) муайян шудаанд ва дар нақшаи муоинаи тиббӣ дар кортҳои тиббӣ ба назар гирифта шуда (корти инфиродӣ аз зани ҳомила ва кӯдак, таърихи инкишофи кӯдак) ва ҳолатҳои зарурӣ ислоҳ (коррекция)  карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
1.Бо роҳи пурсиш/анкетагузаронии беморон, дараҷаи қаноатмандии эҳтиёҷот ва талаботи онҳо баҳодиҳӣ карда мешавад.
2.Дар кортҳои хизматрасонии тиббӣ мавҷудияти:
- маълумот оид ба хизматрасонии тибии гузашта ба беморон дар ин муассиса ва беморхона;
- нақшаи гузаронидани ташхис, табобат ва назорат бо назардошти эҳтиёҷоти беморон;
- мавҷудияти тадбирҳои ислоҳӣ (коррекция) дар нақшаи табобат ва нигоҳубини минбаъда ҳангоми зарурат бо шарҳи онҳо санҷиш гузаронида мешавад

**Стандарти 3.11. Анҷоми хизматрасонии тиббӣ.**

Анҷоми хизматрасонии тиббӣ мувофиқи нишондодҳо иҷро шуда, бо бемор мувофиқ карда мешавад.

**Талаботи стандарт.**

1. Анҷоми хизматрасонии тиббӣ ба беморон, дар ҳолати ҷой доштани нишондодҳо мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда дар дастурамалҳои клиникӣ / протоколҳо, иҷро мегардад.

Санаи анҷоми расонидани хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби табиби табобаткунанда бо бемор ва ё бо хешу таборони ӯ, ки бо имзои бемор (хешу табори ӯ) дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ тасдиқ гардидааст, мувофиқа карда шудааст.

2. **Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷҷатҳои тиббӣ омӯхта мешаванд, мавҷудияти нишондодҳо барои ба анҷом расонидани хизматрасонии тиббӣ, имзоҳои бемор ва ё хешу табори онҳо, ки мутобиқатии рухсатиро аз беморхона бо беморон тасдиқ менамояд, баҳо дода мешавад.

**Стандарти 3.12 Мутобиқатии хизматрасонӣ байни муассисаи КАТС (Маркази саломатӣ) ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ**

Хизматрасонии беморон байни муассисаи КАТС ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ мутобиқ мебошад

**Талаботи стандарт.**

1.Муассиса асоснок ва саривақт равон намудани шаҳрвандонро ба экспертизаи тиббӣ ва иҷтимоии Хадамоти давлатии экспертизаи тиббӣ ва иҷтимоӣ мувофиқи талаботҳои қонунгузории ҶТ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ таъмин менамояд

2. Мутобиқи талаботҳои қонунгузории ҶТ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ дар муассисаҳои КАТС (Маркази саломатӣ) рӯйхати расмии шаҳрвандоне, ки дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ тасдиқ шудааст, мавҷуд аст, онҳо ҳуқуқ доранд ба хизматрасонии тиббии имтиёзнок, аз ҷумла бемории ғайриманқул (ноҷунбон), ки дар назорат ва нигоҳубини хонагианд. Хизматрасонии имтиёзнок барои шаҳрвандоне, ки дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудаанд, аз ҷумла назорати тиббӣ ва нигоҳубини хонагӣ барои бемории ғайриманқул таъмин карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Аз рӯи кортҳои тиббӣ ва дигар хуҷҷатҳои тиббӣ оид ба асоснок ва саривақт равон намудани шаҳрвандонро ба экспертизаи тиббӣ ва иҷтимоии Хадамоти давлатии экспертизаи тиббӣ ва иҷтимоӣ санҷиш гузаронида мешавад.
2. Мавҷуд будани рӯйхати расмии шаҳрвандоне, ки дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ тасдиқ шудааст, вобаста ба талаботҳои стандарт санҷиш гузаронида мешавад. Иҷроиши талаботҳои қонунгузории ҶТ ва хуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА ҶТ оид ба таъмини гурӯҳи имтиёзноки шаҳрвандони ҶТ ба ёрии тиббию санитарӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Барасмиятдарории**
**қайдҳои тиббӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба нигоҳубини беморон (бақайдгирии беморон)**

**Стандарти 3.13. Ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба идоракунии табобатгирандагон**

Ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба идоракунии табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мутобиқат мекунанд, идентификатсияи пурраи табобатгирандагон ва ҳамоҳангсозии амалҳои байни мутахассисонро (зерсохторҳо, бахшҳо) оид ба нигоҳубини табобатгирандагон таъмин менамоянд.

**Талаботи стандарт.**

1. Барои рафти хизматрасонии тиббӣ шакли стандартии ҳуҷҷатҳои тиббии тасдиқгардида истифода карда мешаванд (Корти тиббии бемори амбулаторӣ, корти инфиродии зани ҳомила ва таваллудкарда, таърихи инкишофи кӯдак), мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқшудаи ВТ ҲИА ҶТ.
2. Ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба идоракунии ҳамаи табобатгирандагон тамоми маълумотро дар тартиботи хронологӣ, оид ба хизматрасонии тиббӣ дорад, аз ҷумла:
   - рақами корти тиббии бемори амбулаторӣ (корти инфиродии зани ҳомила ва таваллудкарда, таърихи инкишофи кӯдак);
   - қисми шиносномавӣ (ному насаби бемор, синну сол, рӯз ва соли таваллуд, ҷойи истиқомат);
   - силсила ва рақами ҳуҷҷат (шиноснома, шаҳодатномаи таваллуд), муайян кардани шахсияти бемор бо рақами мушаххаси шахсӣ;
   - тавсифи шикояти бемор;
   - маълумот оид ба бемор;
   - маълумотҳои муоинаи воқеӣ;
   - ташхиси пешакӣ ва клиникӣ бо асоснокӣ;
   - нақшаи нигоҳубини бемор;
   - варақаи қайди ҳарорат ва варақаи таъинот;
   - қайдҳо оид ба натиҷаҳои ташхис ва муоинаи машваратчиён;
   - маълумотҳои назорати мунтазами (рӯзномаҳо, эпикризи давравӣ) табобатгирандагон;
   - ҳама ҳодисаҳо, ҳодисаҳои нохуш ва ҳолатҳои баъд аз таъсири амалиётҳои тиббӣ;
   - аломатҳои шартии огоҳӣ/хабардиҳӣ;
3. Сабтҳо дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ равшаву фаҳмо, бе ихтисорот (ба истиснои истилои умумӣ қабулгардида) навишта шуда, санагузорӣ ва ба расмият дароварда, аз тарафи шахсони масъул дар расонидани хизматрасонии босифати тиббӣ имзо карда шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Мавҷудияти шаклҳои стандартӣ тасдиқгардидаи ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба идоракунии табобатгирандагон санҷида мешавад.

2. Экспертизаи ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба идоракунии беморон гузаронида шуда, мавҷудияти қайдҳои зарурӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.
3. Сифати сабтҳо (равшану фаҳмо, бе ихтисорот, мавҷудияти таърихи рӯз, имзогузорӣ) баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.14. Сабтҳо оид ба назорати мунтазам.**

Сабтҳо оид ба назорати мунтазами (мониторинги) табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мутобиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Сабтҳо оид ба назорати мунтазами (рӯзнома, эпикризи марҳилавӣ) табобатгирандагон дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ (корти тиббии бемори амбулаторӣ, корти инфиродии зани ҳомила ва таваллудкарда, таърихи инкишофи кӯдак) аз тарафи шахсони масъул дар расонидани хизматрасонии босифати тиббӣ иҷро карда мешавад.
2. Сабтҳо оид ба назорати мунтазам ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунанд:
   - сабтҳо маълумотноканд, раванди ҳолати беморро инъикос мекунанд, шарҳи натиҷаҳои ташхисҳо ва машваро мувофиқи ҳолати клиникии бемор ва асоснокии тағйири табобатро (агар зарурат дошта бошад) дар бар мегиранд;
   - ҳамаи сабтҳо хусусияти барасмиятдарориро доранд – санагузорӣ шудаанд, аз тарафи мутахассисони нигоҳубинкунандаи бемор (ному насаб) ба тавсиб расонида шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ гузаронида мешавад, пуррагӣ ва маълумотнокии сабтҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.15.Нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббии табобатгирандагон**

Нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббии табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Нақшаи нигоҳубин/хизматрасонии тиббии табобатгирандагон пурра, дуруст, аниқ, асоснок ва ҷабҳаҳои асосии хизматрасонии тиббиро дар асоси ташхиси асосӣ, бемориҳои ҳамрадиф ва ҳолати бемор (ҳолати ҷисмонӣ ва эҳсосӣ, аломати дард, хусусиятҳои дар алоқа будан ва ғ.) ба табобатгирандагон дорад:

- ҳаҷми тадқиқотҳои ташхисӣ;
- ҳаҷми чорабиниҳои табобатӣ (табобат бо асосноккунии таъиноти маводҳои доруворӣ);
- хатарҳои амалиётҳои тиббӣ/дахолатҳо;
- парҳези мувофиқ;
- мақсадҳои (натиҷаҳои дилхоҳи) хизматрасонии тиббӣ;

2. Табобатгирандагон ва аҳли оилаи онҳо дар раванди банақшагирии

чорабиниҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ иштирок менамоянд.

3. Кормандон ба нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббии беморонро риоя мекунанд, ноил шудан ба мақсадҳоро (натиҷаҳои дилхоҳ) ҳангоми хизматрасонии тиббӣ назорат менамоянд. Ҳангоми зарурат азназаргузаронии талаботҳои хизматрасонӣ ба беморон гузаронида шуда, тағйиротҳои зарурӣ ба нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббӣ ба беморон ворид карда мешаванд.
4. Дар мавриди агар дар пеш, оқибат - мунтазираи марганҷомӣ бошад, нақшаи пешбурди /хизматрасонии тиббӣ барои омодасозии бемор ва аҳли оилаи ӯ дар бартарафсозии дарднокӣ ва рӯҳафтодагӣ ва дигар аломатҳои чунин оқибат, равона мегардад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи ҳуҷҷатҳои тиббӣ гузаронида мешавад, сохтор ва мазмуни нақша баҳогузорӣ карда шуда, назорати ноил шудан ба мақсадҳо (натиҷаҳои дилхоҳ) ҳангоми хизматрасонии тиббӣ ва ворид намудани тағйиротҳои лозима ба нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббӣ, мувофиқи талаботҳои стандарт гузаронида мешаванд. Мусоҳиба/анкетакунонии беморон дар мавзӯи иштироки онҳо дар раванди банақшагирии чорабиниҳои хизматрасонии тиббӣ гузаронида мешавад.

<u>**Стандарти 3.16. Ташхиси клиникӣ**</u>

Ташхиси клиникӣ саривақт ва дуруст гузошта мешавад.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Асосноккунии ташхиси клиникӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ, ташхис на дертар аз 3 рӯзи беморӣ (дар ҳолатҳои алоҳида на дертар аз 5 рӯз) аз лаҳзаи беморшавӣ гузошта шудааст.
2. Ташхиси пурра, ба Таснифоти байналмилалии бемориҳо №10 мувофиқат мекунад. Ташхиси клиникӣ дар бар мегирад: ташхиси асосӣ (бо нишондоди марҳила ва дараҷаи вазнинӣ, дараҷаи вайроншавии вазифаи узвҳо), бемориҳои ҳамрадиф ва оризаҳо. Ҳангоми асосноккунии ташхиси клиникӣ танҳо ҳамон маълумотҳое истифода бурда шудаанд, ки ташхиси гузоштаშударо тасдиқ менамоянд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Экспертизаи корти тиббии бемори амбулаторӣ, корти инфиродии зани ҳомила ва таваллудкарда, таърихи инкишофи кӯдак гузаронида мешавад
2. Агар талабот оид ба стандарт на камтар аз 100%-и ҳолатҳои кории экспертӣ муқаррар шуда бошад, стандарт ба ҳадди ниҳоии дараҷаи стандартӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Агар талаботҳои стандарти 80-99%, 60-79% ва камтар аз 60% ҳолатҳои кори экспертӣ бошанд, қурби стандартӣ аз ҳисоби холис аз ҳадди баҳо барои ҳар як холати минбаъда дар чор миқёс аз рӯи стандартҳои муқаррарӣ ва системаи баҳодиҳии мувофиқ кам карда мешавад.

## <u>Таъмини ҳуқуқи табобатгирандагон</u>

### <u>Стандарти 3.17. Ҳуқуқ ва озодии табобатгирандагон</u>

Табобатгирандагон оид ба ҳуқуқу озодии худ, инчунин оид ба низоми ҳалли баҳсҳо иттило доранд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар зерсохторҳои МТ бо забони давлатӣ ва дигар забонҳо овезаи иттилоотӣ бо маълумотҳои зерин мавҷуд аст:

1. Ҳуқуқи табобатгиранда (мувофиқи қонунҳои ҶТ ва ТУТ)
2. Низоми қабул ва баррасии норозигиҳои табобатгиранда, ки бо сукунати у дар муассисаи тандурустӣ алоқаманд аст;
3. Шахсони мансабдори муассисаи тандурустӣ, ки ба онҳо табобатгирандагон метавонанд ҳангоми пайдо шудани норозигиҳо оид ба масъалаҳои хизматрасонии тиббӣ муроҷиат намоянд (ному насаб, вазифа, рақами телефон);
4. Имконияти муроҷиат кардани табобатгиранда бо шикоят ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи табобатгиранда ва ё ба суд, ҳангоми норозӣ будани табобатгиранда бо хулосаи муҳокимаи шикоят дар муассисаи тандурустӣ;

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Дар зерсохторҳои МТ мавҷуд будани маълумот дар овезаҳои иттилоотӣ, мувофиқи талаботи стандарт санҷида мешавад.

### <u>Стандарти 3.18. Махфӣ будани маълумот дар бораи табобатгиранда</u>

Маълумот дар бораи табобатгиранда махфӣ буда, аз гум шудан ва ё нодуруст истифода бурдан ҳимоя карда шудааст.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Дар ҳуҷҷати муассиса, ки маҷмӯи меъёрҳои одилона ва принсипҳои рафтори кормандонро дар гузаронидани фаъолияти касбӣ (Кодекси арзишҳо ва принсипҳои ахлоқӣ дар гузаронидани чорабиниҳои касбӣ) муайян мекунад, ба беморон барои махфият ва махфияти маълумоте, ки ба нигоҳубини тиббӣ дар муассиса дахл доранд, кафолат дода мешавад.

2. Маълумот дар бораи бемор дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ ба шахсони бегона дастрас нест, ҳуҷҷатҳо дар қисми бақайдгирӣ нигоҳ дошта мешаванд (дар ҳолате кормандони тиб бо ҳуҷҷатҳо кор накунанд).

3. Маълумоти махфӣ дар бораи бемор ба дигар мақом (шахсони ваколатдор) тибқи дархости расмӣ дар асоси қонунгузорӣ дода мешавад.

4. Ошкор кардани маълумоти махфӣ дар бораи беморон ба оилаҳои онҳо ва дигар мақомот, танҳо пас аз гирифтани розигии беморон анҷом дода мешавад.

5. Ҳамаи кормандони тиббӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои риоя накардани қоидаҳои дахолатнопазирӣ ва махфӣ будани маълумоте, ки дар муассиса ба нигоҳубини тиббии беморон алоқаманд мебошанд, огоҳ карда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Дар муассиса вобаста ба хизматрасонии тиббӣ, мавҷудияти кафолатҳо барои дахолатнопазирӣ ва махфӣ будани маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ муқаррар шудаанд, маҷмӯи меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои рафтори кормандон дар гузаронидани чорабиниҳои касбӣ муайян карда шудаанд, баҳо дода мешавад.

2. Оид ба махфӣ будани маълумот оид ба хизматрасонии тиббӣ пурсиш ва анкетагузаронии кормандон ва табобатгирандагон гузаронида мешавад.
3. Дуруст, мувофиқи талаботҳои стандарт, нигоҳ доштани корти тиббӣ ва эҳтимолияти хавфи ихроҷи маълумот нисбати табобатгиранда ба шахсони бегона, баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.19. Кафолати дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсии табобатгиранда.**

Ба табобатгиранда дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, эҳтироми шаъну шарафи ӯ кафолат дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Далели муроҷиати шаҳрвандон барои кӯмаки тиббӣ, вазъи саломатии ӯ, ташхис, кӯмаки тиббии расонидашуда ва дигар маълумоти дар хизматрасонии тиббӣ гирифташуда, махфияти сирри табибӣ/тиббиро аз ҷониби муассиса кафолат медиҳанд.
2. Фавти бемор мутахассисони соҳаи тибро аз нигоҳ доштани сирри табибӣ/тиббӣ озод намекунад. Паҳнкунии сирри табибӣ/тибб танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.
3. Дар ҳуҷҷати муассиса, ки маҷмӯи меъёрҳои одилона ва принсипҳои рафтори кормандонро ханоми иҷрои фаъолияти касбӣ муайян мекунад (Кодекси арзишҳо ва принсипҳои ахлоқӣ дар гузаронидани фаъолияти касбӣ), кафолати дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, эҳтироми шаъну шарафи ӯ, ҳифзи сирри табибӣ/тиббро ба табобатгиранда дар муассиса медиҳад.
4. Ҳамаи кормандони тиббӣ дар бораи масъулияти татбиқи ҳуқуқҳои беморон дар соҳаи махфият, эҳтироми шаъну шарафи беморон ва ҳифзи сирри табибӣ / тиббӣ иттилоъ доранд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Баҳодиҳии дастрасии кафолат барои беморон оид ба вайрон накардани қобилияти фардии шахсӣ ба эҳтироми шаъну шарафи онҳо дар хизматрасонии тиббӣ, дар ҳуҷҷати муассиса, ки меъёрҳои одилона ва принсипҳои рафтори табибон/кормандон дар вақти гузаронидани фаъолияти касбӣ муайян мекунад, дода мешавад
2. Пурсиш/ анкетагузаронии кормандон ва беморон гузаронида мешавад. Баҳогузории маълумотҳои охирин оид ба иҷрои талаботи муқарраршудаи табобатгиранда вобаста ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, эҳтироми шаъну шарафи ӯ, ҳифзи сирри табибӣ/тиббӣ дар муассиса гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.20. Таъмини ҳуқуқҳои бемор.**

Муассиса ҳуқуқҳои беморро вобаста ба раванди хизматрасонии тиббӣ таъмин мекунад

**Талаботҳои стандарт.**

1. Таъмини ҳуқуқи табобатгирандагон аз интихоби табиби муолиҷакунанда ва намудҳои алтернативии хизматрасонии тиббӣ, рад намудан ва ё қатъ намудани табобат, маълумот дар бораи саломатии худ дода мешавад:
   - табобатгирандагон (волидайн, хешовандон ва наздикон) оид ба ҳамаи услубҳои табобат (самаранокӣ ва хафнокӣ), шартҳои хизматрасонӣ (соатҳои амалиёт, маҳдуд кардани одатҳои бад, ҷанбаҳои молиявӣ), усулҳои алтернативии табобат ё ташхис ва розигии онҳо ба амалиётҳои пешниҳодшуда.
   - муассисаи тандурустӣ хоҳиши табобатгирандагонро эҳтиром мекунад ва ба табатгирандагон (оилаи ӯ, парасторон) оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориашон нисбат ба рад намудан ва ё қатъ намудани табобат, иттилоъ медиҳад.
   - бемор дар бораи вазъи саломатӣ ва саломатии фарзандонаш маълумотҳои заруриро мегирад. Агар ин иттилоот ба бемор зарар мерасонида бошад, ин сир аз он махфӣ нигоҳ дошта шуда ба хешовандони наздики он хабар дода мешаванд.
3. Иштироки табобатгиранда дар санҷишҳои таҷрибавии илмӣ ва тиббӣ танҳо бо розигии хатти ӯ гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Анкетакунонии табобатгирандагон оид ба таъмини ҳуқуқи онҳо дар интихоби табиб ва намудҳои хизматрасонии тиббӣ, маълумотнокии онҳо нисбат ба хамаи амалиётҳои тиббии пешниҳодгардида, шартҳои расонидани онҳо, розигӣ додан ба амалиётҳои тиббии гузаронидашаванда ва иштирок дар санҷишҳои таҷрибавии илмӣ ва тиббӣ, гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.21 Розигии хаттии табобатгиранда.**

Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои дорои хатар розигии хаттии табобатгиранда гирифта мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои ташхисию табоба тӣ(ҷарроҳӣ, хунгузаронӣ, тадқиқотҳои ташхисии хатарнок), инчунин дар рафти гузаронидани ташхис (тестикунонии) барои ВНМО, ки бо хатар вобастагӣ дорад ба табобатгирандагон маълумоти пурра ҷиҳати эҳтимолияти гирифтани аксуламал ва авоеризҳо пешниҳод шуда, барои гузаронидани ин амалиётҳо розигии хаттии табобатгиранда гирифта мешавад. Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои ҷарроҳӣ/амал, тадқиқотҳои ташхисӣ, ки дорои хатар мебошанд, розигии хаттии табобатгиранда гирифта мешавад.
2. Розигии гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ ва муолиҷавӣ, ки бо хатар нисбат ба кӯдакони то сини 16 сола алоқаманд аст аз волидайни бемор ва ё аз намояндаи ҳуқуқии онҳо гирифта мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроагиши стандарт.**
Дар кортҳои тиббӣ мавҷудияти розигии хатии табобатгиранда ё волидайни ӯ оид ба гузаронидани амалиёти муолиҷавӣ ва ташхисии ба хатар алоқаманд санҷида мешавад.

**Стандарти 3.22. Баҳодиҳии қаноатмандии табобатгиранда.**

Қаноатмандии табобатгиранда баҳодиҳӣ карда шуда, норизогии онҳо ба инобат гирифта мешаванд. Барои баррасии эътирозҳои табобатгиранда низом мавҷуд аст.
**Талаботҳои стандарт.**
1. Дар муассиса механизмҳои алоқаи муттақобила бо табобатгирандагон (қабули мукотибаҳои ниҳонӣ– мактубҳо, эътирозҳо, пешниҳодот, инчунин механизми қабули мукотибаҳои анонимӣ – қуттии анонимӣ, телефони боварӣ, анкетапурнамоӣ) фаъолият менамояд.
2. Ҳама мукотибаҳои расмӣ аз шаҳрвандон (мактубҳо, эътирозҳо, пешниҳодот) аз тарафи шахсони мутасаддӣ (комиссия оид ба сифат ва бехатарии кӯмаки тиббӣ) қайд гардидаанд ва таҳлил/баҳодиҳӣ карда шудаанд, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷараёни таҳлил/баҳодиҳӣ (пайнавиштҳо) мавҷуд мебошанд.
3. Чораҳои зарурӣ аз натиҷаҳои таҳлил/баҳодиҳии расмии мукотибот аз шаҳрвандон, ки ба беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ равона шудаанд, қабул карда мешаванд. Ба табобатгирандагон/шаҳрвандон ҷавоби хаттӣ оид ба шикоят пешниҳод карда мешавад.
4. Мукотибаҳои анонимӣ аз шаҳрвандон – шикоятҳо, қуттии анонимӣ, телефони боварӣ, натиҷаҳои анкетапурнамоӣ ба инобат гирифта шуда, дар ҷаласаҳои ҳайати кормандон таҳлил ва баҳогузорӣ карда шуд.
5. Натиҷаҳои таҳлил/арзёбии шикоятҳо/шикоят/тавсияҳои беморон ба таври анонимӣ гирифта шудаанд, таҳлил карда мешаванд ва барои беҳбуд бахшидан ба иҷроиши он истифода мешаванд. Зерсохторҳо/бахшҳои алоқаманди МТ оид ба эътирозҳои табобатгирандагон иттилоъ дода мешаванд ва барои баланд бардоштани сифати онҳо чораҳо меандешанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мавҷудияти механизми алоқаи мутақобила бо табобатгирандагон (қуттии анонимӣ, телефонии боварӣ, анкетакунонӣ) санҷида мешаванд. Ҳолати воқеъии ташкили кор оид ба мукотиботи анонимӣ ва расмӣ аз табобатгирандагон ва истифодаи он барои беҳтар намудани фаъолият баҳодиҳӣ карда мешавад. Мусоҳиба бо кормандон ҷиҳати маълумотнокии онҳо оид ба эътирозҳои табобатгирандагон ва чораҷӯӣ барои беҳтар намудани фаъолият гузаронида мешавад.

**Хизматрасонии тиббӣ мувофиқ аст**
**(тадбирҳои пешгирикунанда, ташхис ва табобат)**

**Стандарти 3.23. Омодагии занҳои ҳомила ба таваллуд.**

Занҳои ҳомила барои таваллуд тибқи тартиби муқарраршуда омода карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВТ ҲИА дар муассиса ҳуҷраи «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд» вуҷуд дорад, ки дар он бо занони ҳомила, барои омода кардани онҳо барои таваллудкунӣ дарсҳои омӯзишӣ гузаронида мешавад.
2. Дар ин ҳуҷра ҳуҷҷатҳои дахлдор (дастур/асбобҳои аёнӣ, барномаи таълимӣ), бо воситаҳои зарурии визуалӣ ва таҷҳизот таъмин шуда, ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ нигоҳ дошта мешаванд.
3. Дар ин ҳуҷра мутахассисоне, ки омӯзиши махсусро гузаштаанд (аз ҷумла омӯзиш оид ба татбиқи даҳ принсипи ғизои синамаконӣ - 10 қадам аз ТУТ) кор мекунанд ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда вуҷуд дорад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Дар муассиса мавҷудияти ҳуҷраи «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд» санҷида мешавад.
2. Муоинаи ҳуҷраи «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд» гузаронида мешавад, дастрасии ҳуҷҷатҳои дахлдор, мавод ва таҷҳизоти визуалӣ, сабти ҳисобот баҳогузорӣ карда мешавад.
3. Мутахассисоне, ки омӯзиши махсусро гузаштаанд, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи гузаштани омӯзиш санҷида мешаванд.

**<u>Стандарти 3.24. Банақшагирии эмгузаронии пешгирикунанда</u>.**

Банақшагирии дурусти эмгузаронии пешгирикунанда амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Тартиб додани нақшаҳои эмгузаронии пешгирикунанда (дарозмуддат/солона ва моҳона) мутобиқи ҷадвали миллии эмгузаронии пешгирикунанда, ки бо санадҳои меъёрии Вазорати тандурустӣ ваҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷида мешаванд:

- маҷаллаи банақшагирӣ ва сабти эмгузаронии пешгирикунандаи ҳармоҳа;
- кортҳои эмгузаронии пешгирикунанда (ш.0,63/у);
- ҳисобот оид таркиби синну соли аҳолӣ;
- нақшаи дарозмуддати эмгузаронии пешгирикунанда.

Баҳогузории дуруст тартиб додани нақшаҳои эмгузаронии пешгирикунанда (риояи мӯҳлати нақшавии эмгузаронии пешгирикунанда) мутобиқи ҷадвали Миллии эмгузаронии пешгирикунанда, ки бо санадҳои меъёрии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд.

## Стандарти 3.25. Ҳисоботҳо оиди эмгузаронии пешгирикунанда

Таҳияи дурусти ҳисоботҳо оид ба эмгузаронӣ амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1.Мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ муассиса ҳисоботҳои (моҳона, семоҳа, нимсола ва солона) оид ба эмкунӣ бо пур кардани формаи №2 ҳисоботи омории давлатии "Дар бораи вазъи эмкунӣ" - ро тартиб медиҳад.

2. Дар ҳисоботҳои конюктурии солонаи муассисаҳо ва шӯъбаҳои тибби оилавӣ маълумот оид ба татбиқи нақшаи эмгузаронӣ бо фоиз, бо таҳлили татбиқи нақшаи эмгузаронии солона мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Санҷиши мавҷуд будани ҳисоботҳо оид ба эмгузаронӣ ба аҳолӣ, мутобиқи талаботҳои стандарт, дурустии таҳияи онҳо дар муқоиса бо маҷаллаи ҳармоҳа ба нақшагирӣ баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Мавҷуд будани таҳлили эмгузаронӣ дар ҳисоботи конюктурии муассисаҳо ва шӯъбаҳои тиббии оилавӣ санҷиш карда мешавад.

## Стандарти 3.26. Озодкунии тиббӣ аз эмкунии пешгирикунанда

Қоидаҳои ташкили кор оид ба озодкунии тиббӣ аз эмкунии пешгирикунанда риоя карда мешаванд

**Талаботҳои стандарт.**

1.Қоидаҳои бақайдгирӣ/муайян намудани озодкунии тиббӣ аз эмкунии пешгирикунанда ва манъ намудани эм мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ:

- қарор дар бораи бақайдгирӣ / дарозмудат ва доимии озодкунии тиббӣ аз эмкунии пешгирикунанда ё бекор кардани он аз тарафи комиссияи тиббӣ гузаронида мешавад;
- қарор дар бораи бақайдгирӣ / муваққатан озодкунии тиббӣ аз эмкунии пешгирикунанда ё бекор кардани он аз тарафи табиби оилавӣ ва мудири шӯъбаи тиббӣ гузаронида мешавад.

2.Ҳамаи озодкуниҳои тиббӣ мувофиқи нишондод тартиб дода шудаанд ва дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ (картаи амбулатори шакли 112/у, ш.063/у, маҷаллаҳои бақайдгирии нишондодҳои муваққатан, дарозмудат, доимии ё бекор кардани он аз эмкунии пешгирикунанда)

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷиши картаи амбулатори шакли 112/у, ш. 063/у, маҷаллаи қайди нишондодҳои ғайриқобили тиббии эмгузаронии профилактики дурудароз ва доимӣ ба ҳар гунанамуди эм ва баҳо додан ба асоснокии қабули қарор оиди ба барасмият дарори ё бекор кардани озодкунии тиббӣ эмгузаронии профилактики мувофиқи талаботи стандарт.

**Стандарти 3.27. Назорати эпидемиологӣ ба авоpизҳои баъди эмгузаронӣ.**

Назорати эпидемиологӣ ба авоpизҳои баъди эмгузаронӣ гузаронида мешавад
**Талаботҳои стандарт.**
Назорати эпидемиологӣ ба авоpизҳои баъди эмгузаронӣ (баъдан ОБЭ) аксуламалҳо, мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ гузаронида мешавад:

- Дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ аксуламалҳои ғайриоддӣ (ОБЭ) қайд карда мешавад.
- Маълумот оид ба ОБЭ дар шакли мувофиқ (гузориш, огоҳинома фаврӣ, хисобот) оиди он ба ҷойхои лозими расонида мешавад
- Ҳамаи аксуламалҳои баъди эмгузаронӣ (ОБЭ) фавран тафтиш ва таҳлил карда мешавад (маълумот, санад, пайнавишт).
- Натиҷаҳои тафтишҳо / таҳлили ОБЭ муҳокимҳо дар маҷлисҳо (конфронсҳои клиникӣ, ҷамъомади табибон) ва чорабиниҳои пешгирикунанда оиди ОБЭ мувофиқи фармони ВТҲИА ҶТ гузаронида мешавад

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Ҳуҷҷатҳои тиббии мувофиқи аввалия санҷида мешавад, қайдкунӣ ва рӯихаткунии ОБЭ, пешгирии он мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ баҳо дода мешавад.

**Стандарти3.28.** Қоидаҳои назорати тиббӣ ба занони ҳомиладори физиологӣ ва патологӣ

Қоидаҳои назорати тиббӣ ба занони ҳомиладори физиологӣ ва патологӣ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**
Нигоҳубини тиббӣ ба занони ҳомиладори физиологӣ ва патологӣ, ҳамзамон ташхису табобати онҳо мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо) гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Дар асоси истифодаи 20 ҳуҷҷатҳои тиббии (ш. 111/у-2) занони ҳомиладори физиологӣ ва патологӣ қоидаҳои назорати тиббӣ ва сифати сабти навиштаҷот (назорат, ташхис, муоина мутахассисон дар мувофиқа бо Стандартҳои миллии назорати антинатали ) мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ баҳогузори карда мешавад. Дар сурати набудани камбудиҳои ташхиси тиббӣ ва ташхиси беморӣ, татбиқи стандарти ҳадди ниҳоии дараҷаи ҳадди ақкал баҳогузорӣ карда мешавад.Дар ҳолати пайдо намудани камбудӣ аз 10-20%, 20-30% ва аз 30% зиёд (вобаста аз шумораи кортҳои экспертиза) баҳодиҳии иҷроиши стандарт ба ҳар як балл баҳо кам мешавад. Баҳодиҳӣ бо ҷадвали чор балла, вобаста ба рутбабандии стандарт
**Стандарти 3.29. Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 0 то 1 сола.**

Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 0 то 1 сола риоя карда мешавад

**Талаботҳои стандарт.**

Назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 0 то 1 сол (ташрифоти мутахассисони тиб дар хона, педиатрҳо / табибони оилавӣ ва мутахассисони соҳавӣ, ташхисҳои озмоишӣ) мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаиВТ ҲИА ҶТ (фармонҳо, протоколҳо / дастурҳои клиникӣ) гузаронида мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷиши 10 ҳуҷҷат – таърихи инкишофи кӯдак (ш. 112/у) баҳодиҳии қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 0 то 1 сол мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо)

Дар сурати набудани камбудиҳои ташхиси тиббӣ ва ташхиси беморӣ, татбиқи стандарти ҳадди ниҳоии дараҷаи ҳадди аққал баҳогузорӣ карда мешавад.Дар ҳолати пайдо намудани камбудӣ аз 10-20%, 20-30% ва аз 30% зиёд (вобаста аз шумораи кортҳои экспертиза) баҳодиҳии иҷроиши стандарт ба ҳар як балл баҳо кам мешавад. Баҳодиҳӣ бо ҷадвали чор балла, вобаста ба рутбабандии стандарт

**<u>Стандарти 3.30. Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 1 то 7сола</u>**

Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 1 то 7сола риоя карда мешавад

**Талаботҳои стандарт.**

Назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 1 то 7 сола ( муоинаи педиатрҳо / табибони оилавӣ ва мутахассисони соҳавӣ, ташхисҳои озмоишӣ) мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаиВТ ҲИА ҶТ (фармонҳо, протоколҳо / дастурҳои клиникӣ) гузаронида мешаванд

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷиши 10 ҳуҷҷат – таърихи инкишофи кӯдак (ш. 112/у) баҳодиҳии қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони солими аз 1 то 7 сол мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо)

Дар сурати набудани камбудиҳои ташхиси тиббӣ ва ташхиси беморӣ, татбиқи стандарти ҳадди ниҳоии дараҷаи ҳадди аққал баҳогузорӣ карда мешавад.Дар ҳолати пайдо намудани камбудӣ аз 10-20%, 20-30% ва аз 30% зиёд (вобаста аз шумораи кортҳои экспертиза) баҳодиҳии иҷроиши стандарт ба ҳар як балл баҳо кам мешавад. Баҳодиҳӣ бо ҷадвали чор балла, вобаста ба рутбабанди стандарт.

**<u>Стандарти 3.31. Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони бемор</u>**

Қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони бемор риоя карда мешавад

**Талаботҳои стандарт.**

Назорати тиббӣ ба кӯдакони бемор, ҳамзамон ташхису табобати онҳо мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо) гузаронида мешавад. Дар шӯъбаҳои тибби оилавӣ шакли сабт барои назорати тиббии кӯдакон ва дастурҳо барои модарон оид ба барномаи “Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона” мавҷуд аст

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Санҷиши 10 ҳуҷҷат – таърихи инкишофи кӯдак (ш. 112/у) баҳодиҳии қоидаҳои назорати тиббӣ ба кӯдакони бемор, мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо).
Дар шӯъбаҳои тибби оилавӣ шакли сабт барои назорати тиббии кӯдакон ва дастурҳо барои модарон оид ба барномаи “Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона” санҷида мешавад.
Дар сурати набудани камбудиҳои ташхиси тиббӣ ва ташхиси беморӣ, татбиқи стандарти ҳадди ниҳоии дараҷаи ҳадди аққал (шакли сабт барои назорати тиббии кӯдакон ва дастурҳо барои модарон оид ба барномаи “Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона” ) баҳогузорӣ карда мешавад.Дар ҳолати пайдо намудани камбудӣ аз 10-20%, 20-30% ва аз 30% зиёд (вобаста аз шумораи кортҳои экспертиза) баҳодиҳии иҷроиши стандарт ба ҳар як балл баҳо кам мешавад. Баҳодиҳӣ бо ҷадвали чор балла, вобаста ба рутбабандии стандарт

**<u>Стандарти 3.32. Қоидаҳои назорати тиббии беморони калонсолон бо бемориҳои музмини ғайри сироятӣ.</u>**

Қоидаҳои назорати тиббии беморони калонсолон бо бемориҳои музмини ғайри сироятӣ ичро карда мешавад
**Талаботҳои стандарт.**
Назорати тиббӣ (ташхису табобати онҳо) ба беморони калонсолон бо бемориҳои музмини ғайри сироятӣ (бемориҳои идорашаванда) мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо) гузаронида мешавад. Тағйирёбии тактикаи идоракунии бемор дар корти амбулатории бемор муфассал шарҳ дода шудааст

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Экспертизаи корти амбулатории бемор (на кам аз 20-то), қоидахои назорати тиббӣ (ташхису табобати онҳо) ба беморони калонсолон бо бемориҳои музмини ғайри сироятӣ (бемориҳои идорашаванда) мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ (фармоишҳо, протоколҳои клиникӣ, дастурҳо) баҳодиҳӣ карда мешавад.
Дар сурати набудани камбудиҳои ташхиси тиббӣ ва ташхиси беморӣ, татбиқи стандарти ҳадди ниҳоии дараҷаи ҳадди аққал (шакли сабт барои назорати тиббии кӯдакон ва дастурҳо барои модарон оид ба барномаи “Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона” ) баҳогузорӣ карда мешавад.Дар ҳолати пайдо намудани камбудӣ аз 10-20%, 20-30% ва аз 30% зиёд (вобаста аз шумораи кортҳои экспертиза) баҳодиҳии иҷроиши стандарт ба ҳар як балл баҳо кам мешавад. Баҳодиҳӣ бо ҷадвали чор балла, вобаста ба рутбабандии стандарт

**Стандарти 3.33. Пешгирии бемории сил.**

Хавфи паҳншавии сирояти бемории сил баҳогузорӣ ва идора карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1.Мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ дар муассиса системаи тақсим кардани ҷараёни беморон, барои муайян кардани беморон бо нишонаҳои сирояти ба воситви ҳаво, аз ҷумла бемории сил:

- дар даромадгоҳи муассиса системаи тақсим кардани ҷараёни беморон ба назар мерасад (ҷои навбатдории корманди тиб, лавҳача, овеза)
- гузаронидани пурсиши беморон оид ба мавҷуд будани сулфа;
- аз тарафи коркунони тиб - эҳтиёткорӣ оид ба эҳтимолият будани бемории сил дар байни беморони бо аломатҳои шадиди узвҳои нафас.

2.Он замоне, ки дар бемор аломатҳои шадиди узвҳои нафас ошкор карда шуд ва ин аломатҳо гумонбаранд (мисол, сулфа давоми 2 ҳафта), алгоритм оид ба чи тавр амал намудан мавҷуд аст, ки он пешгирӣ намудани паҳншавии сироятро (паҳншавии этиопатон) идора мекунад:

- беморони бо аломатҳои шадиди узвҳои нафас аз дигар беморон ҷудо карда шуда, дар навбати аввал дар ҳуҷраи то қабули табиб/ ҷудо карда шуда муоина карда мешавад;
- ба беморон қоидаҳои рафтор дар вақти сулфа (риояи беҳдошти сулфа, узвҳои нафас, зарурати истифодабарии воситаҳои муҳофизатӣ);
- мавҷуд будани гӯшаи иттилоотӣ (стенду овезаҳо) оид ба қоидаҳои рафтор дар вақти сулфа, дастрасии он ба беморон;
- бемор бо воситаҳои муҳофизат таъмин карда мешавад (ниқоб, сачоқчаи қоғазӣ ё матогӣ);
- дар мӯҳлати мавҷуд будани бемор бо аломатҳои шадиди узвҳои нафас дар дохили бино, бо мақсади паҳннашавии сироятёбӣ, чораҳои дучор шудан бо дигар беморон, хеле кам карда мешавад;
- кортҳои амбулатории беморон бо аломатҳои шадиди узвҳои нафас ва гумонбарии сил доранд (сулфа давоми 2 ҳафта ва ғ.) бо усули махсус нишонгузорӣ намуда, барои назорати минбаъдаи гузаронидани ташхис, бо мақсади муайян намудани ташхиси беморӣ, нишон дода шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Бо роҳи мусоҳиба ва пурсиши кормандони тиббии муассиса мавҷудияти системаи тақсим кардани ҷараёни беморон бо аломатҳои шадиди узвҳои нафас ва ошкор намудани гумонбарони бемории сил мувофиқ ба талаботҳои стандарт, маълум карда мешавад.
2. Бо роҳи мусоҳиба ва пурсиши кормандони тиббӣ, мавҷудияти алгоритм оид ба чи тавр амал намудан барои пешгирӣ намудани паҳншавии сироят, мувофиқ ба талаботҳои стандарт маълум карда мешавад.
3. Мавҷуд будани гӯшаи иттилоотӣ (стенду овезаҳо) оид ба қоидаҳои рафтор дар вақти сулфа, дастрасии он ба беморон санҷида мешавад.

**Стандарти 3.34. Ошкор ва ташхиси бемории сил**

Қоидаҳои муқаррапгардида / алгоритмӣ барои ошкор ва ташхиси бемории сил иҷро карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ ҳамаи беморон бо аломатҳои сулфаи давомнокии зиёда аз 2 ҳафта (бе аён беҳтаршавии ҳолат) шубҳаовар ба бемории сил шуморида шуда, барои ташхисгузаронӣ равона карда мешаванд:

- бактериоскопия/микроскопияи балғам;
- рентгенографияи узвҳои қафаси сина;
  ва/ё
- Санҷиши тези молекулавӣ (Xpert MTB/RIF) балғам).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи корти амбулатории беморон (на кам аз 10-то) гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳо дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 100% **талаботҳои стандарт**, холҳои максималӣ дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 80-99%, 60-79% ва 60% ва камтари талаботҳои стандарт, баҳои стандарт аз холи максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали чорхолаи баҳодиҳӣ, камтар мешавад, мувофиқи рутбабандии стандарт

**<u>Стандарти 3.35. Ташхисҳои скринингӣ барои ошкор намудани бемории сил</u>**

Бо мақсади дар марҳилаи аввал ошкор намудани бемории сил дар байни аҳолӣ_ташхисҳои скринингӣ гузаронида мешавад

**Талаботҳои стандарт.**

1.Мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ скрининг барои бемории сил (ташхиси флюорография) дар байни қисми декретии аҳолӣ, бо чунин омилҳои хатар гузаронида мешавад:

- Зиққи нафас;
- Тамокукашӣ;
- Табобати бемории сил дар гузашта;
- Алоқа бо бемори сил, хусусан кӯдакони то 5 сола;
- БМОШ;
- Диабети қанд;
- Сӯиистеъмоли маводи спирт;
- Коркуни тиб;
- Мавҷуд будани ВМО-сироят;
- Табобат бо иммунодепресантҳо;
- Табобати дурудароз бо кортикостероидҳо;
- Хӯрокхӯрии бад;
- Наъшамандӣ;
- Шахсони бе ҷойи зисти доимӣ

2.Ҳамаи шахсони ташхиси флюорография/рентгенографияи узвҳои қафаси синаро гузашта тағйироти эҳтимолияти нишондиҳандаҳои бемории сил ошкор шудаанд, ба ташхиси микробиологии балғам (микроскопия, Xpert MTB/RIF) равон карда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Бо роҳи пурсиши коркунони тиб ва санҷиши ҳуҷҷатҳои тиббӣ (ҳисоботҳои ташхисҳои скрининг гузаронида барои ошкори сил, ҳуччатҳои тиббии аввалия) иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад

**Стандарти 3.36. Табобати беморон бо беморики сил.**

Табобати беморон бо беморики сил мутобиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ВТ ҲИАҶТ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассиса (дар ҳуҷраи беморики сил, нуқтаҳои DOT),таъмини гузаронидани назорати химиотерапия барои беморон (онҳое,ки микобактерияи силро ҷудо намекунанд), мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколҳо / протоколҳои клиникӣ) карда мешавад.
2. Мониторинг ва назорати табобат тибқи санадҳои тасдиқшудаи ВТҲИАҶТ (протоколҳо / протоколҳои клиникӣ) гузаронида мешавад

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи корти амбулатории беморон (на кам аз 10-то беморони сил) гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳо дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 100% **талаботҳои стандарт**, холҳои максималӣ дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 80-99%, 60-79% ва 60% ва камтари талаботҳои стандарт, баҳои стандарт аз холи максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали чорхолаи баҳодиҳӣ, камтар мешавад, мувофиқи рутбабандии стандарт

**Стандарти 3.37. Аломатҳои дард**

Аломатҳои дард дар беморон сари вақт муайян, баҳогузорӣ ва идора карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Нақшаи хизматрасонии тиббӣ ба беморон, дар сурати зарурат, дар асоси ҳуҷҷати коркардашудава тасдиқшудаи муассиса оиди тартиби гузаронидани амалиёт (ё роҳнамо / протоколҳои клиникӣ) барои идоракунии аломатҳои дард таҳия шудааст, аз ҷумла:

- Муайян кардани аломатҳои дард дар беморон дар давоми муоинаи ибтидоӣ ва такрорӣ (муайянкунӣ / манбаи / сабаб ва арзёбии дард);
- Ба нақшаи табобати беморон ҳамроҳ намудани маводҳои бедард созӣ, мувофиқи ҳуҷҷатҳои тартибшуда (протоколҳои клиникӣ, дастурҳо);
- Омӯзонидани беморон ва наздикони ӯ нисбати тарзи бедардкунӣ.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Санҷиши ҳуҷҷати тасдиқшуда (ё дастури клиникӣ/ протокол) барои идоракунии нишонаи дард.
2. Санҷиши 10 корти тиббии беморони гирифтори аломатҳои дард (масалан, бо бемориҳои системаи асаби периферӣ) гузаронида мешавад, мутобиқати усулҳои идоракунии дард ба талаботи расмии ҳуҷҷатгузорӣ (ё идоракунии

клиникӣ / протокол), ки барои идоракунии аломатҳои дард дар муассиса ташкил карда шудааст, баҳогузорӣ карда мешавад.Дар ҳолати иҷроиши 100% **талаботҳои стандарт**, холҳои максималӣ дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 80-99%, 60-79% ва 60% ва камтари талаботҳои стандарт, баҳои стандарт аз холи максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали чорхолаи баҳодиҳӣ, камтар мешавад, мувофиқи рутбабандии стандарт

**<u>Стандарти 3.38. Роҳхат барои бистаригардидан</u>**

Принсипҳои асоснок равон намудан барои бистарикунонӣ риоя карда мешавад.

**Талаботи стандарт.**

Роҳхат барои бистаригардидан мутобиқи нишондодҳои муқаррарнамудаи санадҳои тасдиқшудаи ВТҲИАҶТ (протоколҳо / протоколҳои клиникӣ) дода мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷиши 10 корти тиббии беморони бо роҳхат бистарӣ гардида гузаронида мешавад, қоидаҳои асоснокии бистарикунонӣ мутобиқи нишондодҳои муқаррарнамудаи санадҳои тасдиқшудаи ВТҲИАҶТ (протоколҳо/протоколҳои клиникӣ) баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 100% **талаботҳои стандарт**, холҳои максималӣ дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 80-99%, 60-79% ва аз 60% камтари талаботҳои стандарт, баҳои стандарт аз холи максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали чорхолаи баҳодиҳӣ, камтар мешавад, мувофиқи рутбабандии стандарт.

**<u>Стандарти 3.39. Роҳхат ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ.</u>**

Таъмини асоснок ва саривақт равон намудани беморон ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ.

**Талаботи стандарт.**

Муассиса асоснок ва саривақт равон намудани шаҳрвандонро барои экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ ба Хадамоти давлатии экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ, мутобиқи нишондодҳои муқаррарнамудаи санадҳои тасдиқшудаи ВТҲИАҶТ, таъмин менамояд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Санҷиши 10 корти тиббии беморони бо роҳхат ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ равонкардашуда гузаронида мешавад. Қоидаҳои асоснок ва саривақт равон намудани беморон ба экспертизаи тиббӣ – иҷтимоӣ, мутобиқи нишондодҳои муқаррарнамудаи санадҳои тасдиқшудаи ВТҲИАҶТ (протоколҳо / протоколҳои клиникӣ) баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 100% **талаботҳои стандарт**, холҳои максималӣ дода мешавад. Дар ҳолати иҷроиши 80-99%, 60-79% ва 60% ва камтари талаботҳои стандарт, баҳои стандарт аз холи максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали чорхолаи баҳодиҳӣ, камтар мешавад, мувофиқи рутбабандии стандарт.

**Тадқиқоти ташхисӣ ва машваратҳо**

**Стандарти 3.40. Тадқиқоти ташхисӣ**

Ҳаҷми ҳадди ақали тадқиқоти ташхисӣ иҷро карда мешавад.

**Талаботи стандарт.**
Ҳаҷми ҳадди ақали тадқиқоти ташхисӣ дохил мешаванд:

- ташхиси озмоишӣ (клиникии умумӣ, гематологӣ ва биокимёвӣ);
- ташхиси рентгенологӣ (рентгенография, рентгеноскопия, флюорография);
- ташхиси ултрасадои ковокии шикам ва узвҳои коси хурд;
- сабти барқии дил

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Гардиши шӯъба/ҳуҷраҳои ташхисӣ гузаронида шуда, риояи талаботҳои стандартҳо баҳогузорӣ карда мешавад

**Стандарти3.41. Нишондодҳо ба тадқиқотҳои ташхисӣ**

Тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳо дар асоси нишондодҳо ва аз тарафи шахсони боихтисос гузаронида мешавад.
**Талаботи стандарт.**
1. Тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳои мутахассисони соҳавӣ ба беморон дар асоси нишондодҳо таъин карда шуда дар кортҳои амбулаторӣ асоснок карда мешаванд.
2. Тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳо аз тарафи шахсоне гузаронида мешавад, ки дорои маълумоти олии тиббӣ ва баъдидипломӣ дошта буда, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда доранд (диплом, шаҳодатнома/сертификат).
3. Натиҷаҳои тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳои мутахассисони соҳавӣ ба беморон дар ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ барои назораткунии беморон, бо сана ва соати қабул, ба таври дақиқ шарҳ дода шуда барои баҳодиҳии умумии клиникии ҳолати бемор ва муайян кардани тактикаи табобат қайд карда мешаванд.
**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
1. Экспертизаи ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ барои назораткунии беморон гузаронида шуда, баҳо дода мешавад:

- асоснок таъин намудани тадқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳои мутахассисони соҳавӣ ба беморон;
- дастрас будан ва пурра шарҳ додани натиҷаҳои тадқиқоти ташхисӣ ва машваратҳо аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва истифодаи онҳо барои баҳодиҳии умумии клиникии беморон ва такмил додани тактикаи табобат.

2. Мавҷудияти маълумоти зарурии тиббӣ ва омӯзиши баъдидипломӣ дар шахсоне, ки таҳқиқотҳои ташхисӣ ва машваратҳо мегузаронанд, санҷиш карда мешаванд

**Стандарти 3.42. Намунаҳои маводи биологӣ.**

Намунаҳои маводи биологӣ барои тадқиқоти озмоишӣ мувофиқи талаботи муқаррааргардида гирифта мешавад.

**Талаботи стандарт.**

1. Омода намудани намунаҳои маводи биологӣ барои санҷиши озмоишӣ мутобиқи дастурҳо барои ҷамъоварии маводи биологӣ барои таҳқиқоти озмоишӣ, интиқол додани намунаҳои маводи биологӣ ба озмоишгоҳ ва нигаҳдошти онҳо анҷом дода мешавад.
2. Ҳар як намунаи маводҳои биологӣ муайян карда шудааст ва ҳуҷҷати ҳамроҳшавӣ / намунавии намунаи стандартии тасдиқшуда (шакли роҳхат ба озмоишгоҳ) ё дар системаи иттилоотии озмоишӣ ба қайд гирифта шудааст
3. Реҷаи ҳарорат барои интиқоли маводи биологӣ барои санҷиши озмоишӣ талаботро дарбар мегирад.

Дар ҳолати лозимӣ, халта-яхдонҳои махсус барои интиқол додани маводҳои биологӣ барои тадқиқоти озмоишгоҳҳо истифода мешаванд (элементҳои хунук ва ҳароратсанҷҳо барои санҷиши ҳарорат дар қуттиҳои яхдон) мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1.Мавҷудият ва дастрас будани чунин ҳуҷҷатҳо ва сабтҳо:

- дастур барои омода кардани бемор барои таҳвили (супоридани) маводи биологӣ барои гузаронидани тадқиқоти озмоишӣ,
- дастурҳо оид ба ҷамъоварии хун дар вакутейнерҳо барои гузаронидани тадқиқоти озмоишӣ;
- дастурҳо барои ҷамъоварии маводи биологӣ барои тадқиқоти озмоишӣ;
- дастурҳо оид ба интиқол ва нигоҳдории намунаҳои маводи биологии тадқиқоти озмоишӣ;
- меъёрҳое, ки дар мувофиқати онҳо кадом намунаҳо қабул нашудаанд;
- маҷаллаи бракеражӣ.

2.Мавҷудияти роҳхатҳо ба озмоишгоҳ тафтиш карда мешавад, шакли онҳо мутобиқи талаботи стандарти баҳогузорӣ карда мешавад.

3.Мавҷудияти халта-қуттиҳои яхдон барои интиқол додани маводи биологӣ барои тадқиқотҳои озмоишгоҳӣ, элементҳои хунук ва ҳароратсанҷҳо барои чен кардани ҳарорат дар қуттиҳои яхдонҳо тафтиш карда мешаванд. Реҷаи ҳарорат барои интиқоли маводи биологӣ барои санҷиши озмоишӣ мутобиқи талаботҳои стандартӣ муайян карда мешавад.

## Стандарти 3.43. Равандҳои озмоишгоҳӣ ва тартибот

Ҳамаи равандҳои озмоишгоҳӣ ва тартибот якхел анҷом дода мешаванд.

**Талаботи стандарт.**

Барои стандартӣ - якхела амалӣ намудани ҳамаи равандҳо ва тартибот дар озмоишгоҳ, тартиботи кории стандартӣ (минбаъд - ТКС) дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда таҳия карда шудаанд. ТКС барои ҳамаи кормандони озмоишгоҳ дастрас ва фаҳмоанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Дар озмоишгоҳ мавҷуд будани ТКС (SOP) барои ҳамаи равандҳо ва тартибот санҷида шуда, мундариҷаи онро баҳогузорӣ мекунад.

**Стандарти 3.44. Гузаронидани тадқиқоти озмоишгоҳӣ**

Гузаронидани тадқиқоти озмоишгоҳӣ дар шароити микроиқлим, ки ба талабот ҷавобгӯ аст, гузаронида мешавад.

**Талаботи стандарт.**

Дар ҳамаи ҳуҷраҳои озмоишгоҳӣ, новобаста аз мавсим сол, ҳарорати зарурӣ ва намнокӣ нигоҳ дошта мешавад. Ҳарорати ҳаво 18-24 дараҷа Целсий, намнокии нисбӣ 40-60%. Барои назорат кардани ҳарорат ва намӣ, психрометрҳо, ҳароратсанҷҳои ҳуҷрагӣ ва кондитсионерҳо насб карда мешаванд. Маҷаллаи барои қайд ва сабт кардани ҳарорат ва намӣ дар ҳуҷра мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Биноҳо ва ҳуҷраҳо тафтиш карда мешаванд, микроиқлим ба талаботи меъёр баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарт 3.45. Назорати сифати дохилиозмоишгоҳӣ**

Назорати сифати дохилиозмоишгоҳии тадқиқотҳои озмоишӣ гузаронида мешавад

**Талаботи стандарт.**

1.Дар озмоишгоҳ назорати сифати дохилиозмоишгоҳии тартиботи таҳлилӣ (оянда НСДО) татбиқ гардида, фаъолият намуда истодааст.

2. НСДО барои ҳамаи намудҳои тадқиқот бо баҳогузории миқдорӣ (сифатӣ) -и натиҷаҳо ва бақайдгирӣ дар ҳуҷҷатҳои дахлдор гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1.Дар озмоишгоҳ мавҷудияти тартиботи таҳлилӣ санҷида мешавад:

- ҳуҷҷатҳо оид ба НСДО (варақаҳои назоратӣ) барои ҳамаи намудҳои тадқиқоти озмоишӣ;
- маводи назоратӣ барои гузаронидани НСДО.

3.Сифати пур кардани ҳуҷҷатҳо оид ба назорати сифати тартиботи таҳлилӣ (варақаҳои назоратӣ) баҳогузорӣ карда мешавад

**Стандарт 3.46. Баҳодиҳии берунии сифати озмоишгоҳ**

Озмоишгоҳ дар барномаи баҳодиҳии берунии сифатеё дар озмоишҳои тафтишотии байнисоҳавӣ иштирок мекунад.

**Талаботи стандарт.**

Озмоишгоҳ дар барномаи баҳодиҳии берунии сифат/тесгузаронии касбӣ (минбаъд - ББС) ва/ё санҷишҳои муқоисавии байниозмоишӣ (минбаъд - СМБ) дар на камтар аз 50% намудҳои тадқиқот, ки дар озмоишгоҳ гузаронида шудаанд, иштирок мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Иштироки мунтазами озмоишгоҳ дар барномаи ББС ва / ё СМБ аз ҷониби на камтар аз 50% намудҳои тадқиқот, ки дар озмоишгоҳ гузаронида шудаанд,

санҷида мешавад. Нишондиҳандаҳо/натиҷаҳои ҳарсолаи иштироки озмоишгоҳ дар ББС ва / ё СМБ баҳогузорӣ карда мешаванд. Натиҷаҳо набояд аз ҳудуди X + - 2S зиёд бошад.

**Хизматрасонии тиббӣ самаранок аст**

**Стандарти 3.47. Самаранокии фаъолиятим мактаби омодагӣ ба таваллуд.**

Фаъолияти самараноки ҳуҷраи "Мактаби омодагӣ ба таваллуд" ба ҷо оварда шудааст

**Талаботи стандарт.**

1.Дар ҳуҷраи "Мактаби омодагӣ ба таваллуд" чунин барномаи омӯзиш барои ҳомиладорон мавҷуд аст:

- маълумот доир ба раванди ҳомиладорӣ, таваллуд, давраи баъд аз таваллуд;
- қоидаҳои беҳдоштӣ дар давраи ҳомиладорӣ;
- тарбияи зан дар ташаккули муносибати мусбат оид ба ҳомиладорӣ, таваллуд ва кӯдак;
- руҳан ва ҷисман тайер намудани зани ҳомиладор ба таваллуд;
- омӯзиши зан ба принсипҳои синамаконӣ;
- омӯзиши қоидаҳои нигоҳубини кӯдаки навзод;
- машварат оид ба контрасепсияи баъди таваллудӣ.

2.Муассиса фаъолияти «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд»-ро бо омӯзиши барои фарогирии ҳадди аксар занони ҳомила, махсусан аввалин таваллуд таъмин менамояд, Фарогирии омӯзиш дар ҳуҷраи «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд» -и занон аз ҳадди аққал 95% ташкил мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Баҳо дода мешавад:

- мувофиқати мазмуни барномаи тайёр кардани занони ҳомила дар ҳуҷраи «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд» мувофиқи талаботи стандарт;
- арзиши нишондод - фарогирӣ бо омӯзиш дар ҳуҷраи «Мактаб барои омодагӣ ба таваллуд» барои занҳои якум таваллуд мебошад.

**Стандарти 3.48. Самаранокии эмгузаронии пешгирикунанда барои кӯдакони то 1 сола**

Фаъолияти эмгузаронии пешгирикунанда барои кӯдакони то 1 сола самаранок аст.

**Талаботи стандарт.**

Дар ҳисоботҳо оид ба эмгузаронӣ (дар соли гузашта), **нишондиҳанда - фоизи фарогирӣ бо комплекси аввалияи эмкунӣ кӯдакони то як сола барои пешгирӣ намудани бемориҳои "сироятҳои идорашаванда"** (шумораи кӯдаконе, ки

тибқи нақша 100% / миқдори кӯдаконе, ки дар давраи сол эм карда шудаанд), ҳисоб карда шуд. Арзиши нишондиҳанда на камтар аз 99%.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Маълумотҳои ҳисоботие, ки дар он арзиши нишондиҳанда - фоизи фарогирӣ бо комплекси аввалияи эмкунии кӯдакони то як сола барои пешгирӣ намудани бемориҳои "сироятҳои идорашаванда" нишон дода шудааст, мувофиқи талаботи стандарт, санҷида мешавад.
2. Аз он ҷумла, нақшаҳои эмгузаронӣ ва ҳуҷҷатҳои тиббии аввалия (таърихи инкишофи кӯдак, корти эмгузаронӣ, шиносномаҳои эмгузаронӣ) барои баҳодиҳии дурустии нишондиҳандаи дар боло зикр шуда дар ҳисоботҳо ва риоя кардани мӯҳлатҳои эмгузаронии банақша гирифташуда санҷида мешавад
3. Агар арзиши нишондиҳандаи дар боло зикр гардида на камтар аз 99%-и талаботҳои стандарт бошад, баҳои максималӣ мувофиқи дараҷабандии стандарт дода мешавад.Дар ҳолати арзиши нишондиҳанда 98-95%, 94-90% ва камтар аз 90% будан, баҳои иҷроиши стандарт ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали баҳодиҳии чорхола, мувофиқи дараҷаи стандарт кам карда мешавад.
4. Ҳангоми ошкор намудани нодурустии ин нишондиҳанда дар ҳисобот, татбиқи стандарт 0 баҳо дода мешавад.

## Стандарти 3.49. Фарогирии сари вақтии занони ҳомила ба назорати тиббӣ

Сиёсати сари вакт ба назорати тиббӣ фарогирии занони ҳомила амалӣ мешавад.

**Талаботи стандарт.**

Муассиса сари вакт дарьефт намудани занони ҳомила ва фарогирии онҳоро ба назорати тиббӣ таъмин менамояд.
Дар маълумотҳои ҳисоботӣ (дар соли гузашта), индикатор - фоизи муайян кардани занони ҳомила дар давраи ибтидоӣ (то 12 ҳафта) ва зери назорат гирифтани онҳо (шумораи занони ҳомила дар давраи аввал муайяншуда х 100%/шумораи умумии занони ҳомила) ҳисоб кардашуд. Фоизи индикатор на камтар аз 80%.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Санҷиши маълумотҳои ҳисоботӣ, ки дар он арзиши индикатор - сари вақт дарёфт намудани занони ҳомила ва фарогирӣ ба назорати тиббӣ нишон дода шудааст, мувофиқи талаботи стандарт, гузаронида мешавад.
2. Илова бар ин, маҷаллаи ба қайд гирифтани занони ҳомиладор ва картаи инфиродии зани ҳомиладор (10-20 адад), барои дақиқии баҳодиҳии индикатор дар нишондодҳои ҳисоботҳо санҷида мешавад.
3. Ҳангоми арзиши индикатор на камтар аз 80%-и **талаботҳои стандарт** будан, мувофиқи дараҷабандии стандарт баҳои максималӣ дода мешавад.Дар ҳолати арзиши индикатор 79-70%, камтар аз 60-69% ва камтар аз 60% баҳои иҷроиши стандарт аз баҳои максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали баҳодиҳии чорхола, мувофиқи дараҷаи стандарт кам карда мешавад.
4. Ҳангоми дар ҳисобот ошкор намудани нодурустии ин индикатор, татбиқи стандарт 0 баҳо дода мешавад.

## Стандарти 3.50. Синамаконии кӯдакони то 1 сола

Сиёсати синамаконии кӯдакони то 1 сола амалӣ мешавад
**Талаботи стандарт.**
Муассиса сиёсати синамаконии кӯдакони то 1 соларо таъмин менамояд. Ғизои сунъӣ ба кӯдакони таваллудшуда танҳо бо нишондодҳои тиббӣ дода мешавад. Дар ҳисоботҳо (аз соли гузашта) чунин индикаторҳо ба назар гирифта мешаванд:

- фарогирии синамаконӣ танҳо ба кӯдакони то 6 моҳа (шумораи кӯдакони 6 моҳаи танҳо бо синамаконӣ x 100%/кӯдакони то 6 моҳ). Фоизи нишондиҳанда на камтар аз 90% -ро ташкил медиҳад.
- фарогирии синамаконӣ танҳо ба кӯдакони то 1 сола (шумораи кӯдакони 1 сола танҳо бо синамаконӣ x 100%/кӯдакони то 1 сола). Фоизи нишондиҳанда на камтар аз 70% -ро ташкил медиҳад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
1.Маълумотҳои ҳисобот, ки дар он фоизи индикатор нишон дода шудааст, мувофиқи талаботи стандарт санҷида мешавад.
2. Илова бар ин, таърихи инкишофи кӯдаконро (10-20) санҷида, дурустии индикаторҳои зикршударо аз рӯи ҳисобот, баҳо дода мешавад.
3.Агар фоизи индикаторҳои дар боло зикршуда на камтар аз **талаботҳои стандарт** бошад, баҳои максималӣ мувофиқи дараҷаи стандарт дода мешавад.
4.Дар ҳолати паст шудани фоизи нишондиҳанда 1-10%, 11-20% ва зиёда аз 20% баҳои иҷроиши стандарт аз баҳои максималӣ ба ҳар як баҳои оянда, дар ҷадвали баҳодиҳии чордараҷа, дар мувофиқа бо дараҷаи стандарт кам карда мешавад.
5.Ҳангоми дар ҳисобот ошкор намудани нодурустии ин индикатор, татбиқи стандарт 0 баҳо дода мешавад.

## Стандарти 3.51. Фарогирии навзодон бо патронаж

Сиёсати фарогирии навзодон бо патронаж дар се рӯзи аввали баъди рухсатӣ аз таваллудхона иҷро карда мешавад.
**Талаботи стандарт.**
Муассиса фарогирии 100% навзодон бо патронаж дар се рӯзи аввали баъди рухсатӣ аз таваллудхона таъмин менамояд. Дар маълумотҳои ҳисоботӣ (соли гузашта), индикатори ҳисобкардашуда - фоизи фарогирии навзодон бо патронаж дар се рӯзи аввали баъди рухсатӣ аз таваллудхона ва онҳоро таҳти назорат гирифта (миқдори навзодоне, ки фарогирии патронаж дар муддати се рӯзи аввал доранд x100%/шумораи умумии таваллудшудагон). Арзиши индикатор на камтар аз 100% -ро ташкил медиҳад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
1.Санҷиши маълумотҳои ҳисобот, ки дар он арзиши индикатор – фоизи фарогирии навзодон бо патронаж дар се рӯзи аввал ва онҳо таҳти назорат гирифта шуда нишон дода шудааст, мувофиқи талаботи стандарт, гузаронида мешавад.

2.Илова бар ин, маҷаллаи ба қайд гирифтани навзодон ва корти инкишофи кӯдак, барои дуруст будани индикатор дар ҳисоботҳо санҷида мешавад.
3.Агар арзиши индикатори дар боло зикр гардида на камтар аз 100% **талаботҳои стандарт** бошад, баҳои максималӣ мувофиқи дараҷаи стандарт дода мешавад.
4.Дар ҳолати арзиши индикатор 99-90%, 89-80% ва камтар аз 80% будан баҳои иҷроиши стандарт аз баҳои максималӣ ба ҳар як холи оянда, дар ҷадвали баҳодиҳии чорхола, мувофиқи дараҷаи стандарт кам карда мешавад.
5.Ҳангоми дар ҳисобот ошкор намудани нодурустии ин индикатор, татбиқи стандарт 0 баҳо дода мешавад.

## Стандарти 3.52. Ҷараёни муроҷиати беморон ба мутахассисони ёрии таъҷилӣ

Ҷараёни муроҷиати беморон бо бемориҳои музмини ғайрисироятӣ ба мутахассисони ёрии таъҷилӣ тамоюл ба сӯи пастшавӣ аст

**Талаботи стандарт.**

Муассиса сифати муносиби кӯмаки аввалияи санитарӣ тиббиро таъмин менамояд, ки ба ҳолати устувори беморони гирифтори бемориҳои музмини ғайрисироятӣ (ФШ, БЗМ, ДН, БҚ, БМОШ), пастшавии сатҳи фаврии ҳолатҳои фавқулодда ва камтар шудани муроҷиати ин гуна беморон ба ёрии таъҷилӣ мусоидат мекунад. Ҷараёни муроҷиати беморон бо бемориҳои музмини ғайрисироятӣ ба мутахассисони ёрии таъҷилӣ тамоюл ба сӯи пастшавӣ дорад.

**Баҳодиҳи ба иҷроиши стандарт.**

Маълумоти ҳисоботи оморӣ санҷида шуда, ҷараёни се соли охирин нишондиҳанда - «Сатҳи даъвати ёрии таъҷилӣ» барои бемориҳои музмини ғайрисироятӣ баҳодиҳӣ карда мешавад.

## Стандарти 3.53. Сатҳи бистаринамоии беморон

Сатҳи бистаринамоии беморони гирифтори бемориҳои музмини ғайрисироятӣ, аз он ҷумла бо ҳолатҳои фавқулодда ва бо шаклҳои авориз тамоюл ба сӯи пастшавӣ дорад.

**Талаботи стандарт.**

Муассиса сифати муносиби кӯмаки аввалияи санитарӣ тиббиро таъмин менамояд, ки он ба вазъи мӯътадили беморони гирифтори бемориҳои музмини ғайрисироятӣ, паст шудани ҳолатҳои фавқулодда ва оворизҳо, сатҳи бистаринамоии беморони зикршуда ба бемористон, мусоидат мекунад.

**Баҳодиҳи ба иҷроиши стандарт.**

Маҷаллаи бистарикунонӣ, ҳисоботи солонаи конюктурӣ ва ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббии беморон санҷида мешаванд, динамикаи нишондиҳандаҳо «Сатҳи бистаринамоии беморони гирифтори бемориҳои музмини ғайрисироятӣ», аз ҷумла бо ҳолатҳои фавқулодда ва шаклҳои оворизҳо дар се соли охир баҳогузорӣ карда мешавад.

## Стандарти 3.54. Сатҳи фавти модару кӯдак

Ҳодисаҳои фавти модару кӯдак аз сабаби назорат ва табобати бесифат дар муассиса тамоюл ба сӯи пастшавӣ дорад.

**Талаботи стандарт.**

Муассиса сифати муносиби кӯмаки аввалияи тиббӣ санитариро ба занҳои ҳомила ва кӯдакон таъмин менамояд. Ҳодисаҳои фавти модару кӯдак бо сабаби назорат ва табобати бесифат дар муассиса, аз рӯи ҳисоботҳот муқоисавӣ тамоюл ба пастшавӣ дорад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мувофиқи маълумоти ҳисоботӣ (оморӣ ва солона конюктурӣ бо таҳлил) ва протоколҳои таҳлили ҳодисаҳои фавти модар ва кӯдак:

- санҷиши мавҷуд будани ҳодисаҳои фавти модар ва кӯдак, динамикаи нишондодҳои ҳодисаҳои фавти модар ва кӯдак дар 3 соли охир баҳо дода мешавад;
- сифати муоинаи беморони фавтида баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 3.55. Ҳолатҳои бемории сили саривақт муайяннашуда</u>**

Дар муассиса ҳолатҳои бемории сили саривақт муайяннашуда (бо сабабҳои саривақт ташхиснашудан) тамоюл ба пастравӣ дорад.

**Талаботи стандарт.**

1.Муассиса дурустии сифати ташхиси ошкор намудани чубчамикробро дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои зарурӣ (ташхиси саривақтии беморон бо нишонаҳои бемориҳои роҳҳои нафас, бо таври скрининг дар байни контингентҳо ва аҳолӣ, ба шахсони гуруҳи хавф дошта) таъмин менамояд.

2. Холатҳои вазнини бемории сил (сили судабандию-ковокидор ва сили пошхурдаи шушҳо, сили пардаҳо ва майнаи сар бо оризаҳояш, илтиҳоби шуши казеози, сили ғайри шуши бо оризаҳояш) вуҷуд надорад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Аз рӯи маълумотҳои ҳисоботӣ (вазъи ҳисоботҳои солона бо таҳлилҳо) муҳокима ва протоколҳои ҳолатҳои саривақт дарёфт нашудаи бемории сил:

- Мавҷудияти ҳодисаҳои саривақт муайяннашудаи бемории сил, ҷараёни (динамика) нишондоди ҳодисаҳои бемории сили дер дарёфтшуда санҷиш гузаронида мешавад;
- Сабабҳои ташхисгузаронии дер ва бемаҳал дар мавҷуд будани бемории сили саривақт муайяннашуда баҳо дода мешавад.

**<u>Стандарти 3.56. Ҳолатҳои омоси бадсифати (саратон) саривақт муайяннашуда</u>**

Ҳолатҳои ҳолатҳои омоси бадсифати (саратон) саривақт муайяннашуда бо сабаби саривақт нагузаронидани ташхис дар муассиса, тамоюл ба пастравӣ дорад.

**Талаботи стандарт.**

1. Муассисаҳо таъмини дурусти сифати ташхис ошкори омоси бадсифатро дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои зарурӣ (ташхиси саривақтии

беморон бо нишонаҳои шубҳанок, таҳқиқи скринингӣ ба шахсони гумонбар ва шахсони хавфнок) таъмин менамояд.
2. Ҳолатҳои дер дарёфтшуда омоси бадсифат (IVмарҳила) мавҷуд нест.
**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мувофиқи маълумотҳои ҳисоботӣ (ҳисоботи солонаи муассиса бо таҳлил) ва протоколҳо барои таҳлили ҳолатҳои омоси бадсифати саривақт муайяннашуда ва дер дарёфтшуда, маълум менамояд:

- Мавҷудияти ҳолатҳои омоси бадсифати саривақт муайяннашуда ва дер дарёфтшуда, ҷараёни (динамика) нишондоди ҳолатҳои омоси бадсифат дер дарёфтшуда санҷида мешавад;
- Сабабҳои ташхисгузаронии дер ва бемаҳал дар ҳозир будани ҳолатҳои омоси бадсифати саривақт муайяннашуда ва дер дарёфтшуда баҳо дода мешавад

**Қисмати IV. «Пойгоҳи моддию техникӣ, бехатарии муҳити атроф ва идорасозии захираҳо»**

**<u>Стандарти 4.1. Минтақаи таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ</u>**

Маҳали таваққуфгоҳ барои нақлиёти мизоҷон, ташрифкунандагон ва кормандони муассиса вуҷуд дорад.

**Талаботи стандарт.**
Мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои нормативии ВТваҲИАҶТ:

1. Дар минтақаҳои махсуси ҳудуди муассиса даромадани нақлиёти шахсии мизоҷону ташрифкунандагон ва ҳайати кории муассиса манъ аст.
2. Барои нақлиёти шахсии мизоҷон, ташрифкунандагон ва ҳайати кории муассиса маҳали махсуси таваққуфгоҳи муассисаи тандурустӣ (дар фосилаи на камтар аз 40 метр аз бинои ташхисӣ ва табобатии муассиса) ), масоҳати он барои паркинг кардани нақлиёти шахсӣ бехатар ва муносиб аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Маҳали паркинги нақлиёти шахсии мизоҷон, ташрифкунандагон ва ҳайати корӣ аз назар гузаронида шуда, мутобиқати масоҳат ва шароити маҳали паркинги нақлиёт мутобиқи стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 4.2. Ҷойгиршавии муассиса</u>**

Ҷойгиршавӣ ва **ҷобаҷосозии бахшҳои муассиса** ба талабот ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ВТва ҲИАҶТ мутобиқат мекунад.
**Талаботи стандарт.**
Ҷобаҷосозии муассиса мутобиқат мекунад:

1. Минтақаи замине, ки дар он муассиса ҷойгир карда шудааст хушк буда, аз манбаҳои ифлоскунандаи ҳавои маҳалӣ дур аст.
2. Ҳудуди муассиса иҳота карда шуда, ободу сабзкорӣ (накамтар аз 60% ҳудуди муассисаро майдони гулу сабзазор ва дарахтон ишғол мекунад) ва бо рушноӣ таъмин карда шудааст.
3. Аз ҳудуди замини муассиса хатҳои магистрали системаи инженерию коммуникатсионии таъиноташон барои тамоми шаҳр ва ё деҳот (обтаъминкунӣ, канализатсия, гармитаъминкунӣ, интиқоли барқ) намегузаранд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Гардиши назоратии ҳудуди муассиса гузаронида шуда, мутобиқати он ба талаботҳои ҷорӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 4.3. Минтақаи тавқуфгоҳ ва маҳали гузаронидани корҳои таъмири порки автомашинаҳо</u>**

Мавзеъ барои нигоҳдорӣ ва гузаронидани таъмири нақлиёт мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт.**
Дар ҳудуди муассиса минтақаи алоҳида (тавақуфгоҳи болпушида ва майдони асфалтпуш) барои нигоҳдории нақлиёт ва гузаронидани корҳои таъмири нақлиёти муассиса амал мекунад. Ҳолати техникии гараж хуб аст, майдони он имконият медиҳад, ки нақлиёти муассиса бехатар нигоҳ дошта шавад. Мавзеъ барои нигоҳ доштан ва гузаронидани таъмири нақлиёт аз ҳуҷраҳои табобатӣ ва биноҳои ёрирасони МТ дар масофаи дур воқеъ гардидааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мавҷудият минтақаи нигоҳдорӣ ва макони гузаронидани таъмири нақлиёт аз назар гузаронида мешавад ва мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳо дода мешавад.

**<u>Стандарти 4.4. Баҳодиҳии муҳити атрофии муассиса.</u>**

Маъмурият ба таври мунтазам ҳолати муҳити атрофро баҳо медиҳад.

**Талаботи стандарт.**
Барои баҳодиҳии самаранокии истифодабарии бино ва ҳуҷраҳо, назорати истеҳсолӣ аз руи ҳолати бехатарии муҳити атроф, маъмурият гардиши ҳудуди муассиса (бино, иншоот ва ҳуҷраҳо)-ро анҷом медиҳад ва озмоишҳои асбобию озмоишгоҳӣ ва ченкуниҳоро мутобиқ ба талаботҳои меъёрҳои муқараргардида анҷом медиҳад. Аз руи натиҷаи гардишҳо ва амалҳои анҷомдодашуда санад тартиб дода мешавад, қарорҳо ва амалҳо барои баррасӣ в ҳали саривақтиву замонавӣ, ба мисоли корҳои таъмирӣ, азнавсозӣ ва ғайра, анҷом дода мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти санадҳо доир ба гузаронидани гардишҳо ва қабули қарору амалҳои оид ба натиҷаҳои он, аз назар гузаронида мешавад.

**Стандарти 4.5. Бақайдгирии таҷҳизоти тиббӣ**

Ҳама техникаи тиббӣ ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шудааст.

**Талаботи стандарт**

1. Ҳамаи таҷҳизотҳои тиббӣ (асбобҳо, таҷҳизотҳо, олотҳои корӣ, воситаҳои техникӣ), намунаҳои бақайдгирӣ/инвентаризатсионӣ (китоб, корт ва ғайра) доранд, ки дар худ маълумоти зеринро дар бар гирифтаанд:
   - номгӯ, тамға ва рақами силсилавӣ;
   - рақами бақайдгирӣ дар кишвар;
   - соли барориш;
   - соли харидорӣ;
   - манбаи дастрасшавӣ;
   - номи истеҳсолкунанда (ширкат ва кишвари истеҳмолкунанда) ва воридкунанда.
2. Ба таври доимӣ базаи электронӣ (матритса) доир ба техникаи тиббӣ (системаи бақайдгирии автоматкунонидашуда) пеш бурда шуда, сари вақт азнав карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Далели бақайдгирӣ ва сабти техникаи тиббӣ мутобиқи талаботи стандарт санҷида мешавад. Ғайр аз ин, далели мавҷуд будан ва ба таври доимӣ аз навсозии базаи электронӣ дар бораи техникаи тиббӣ тафтиш карда мешавад.

**Стандарти 4.6. Ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ**

Нисбати тамоми техникаи тиббӣ ва маводҳои таъиноташон тиббӣ ҳуҷҷатҳои истфодабарӣ мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**

1. Барои ҳамаи техника ва таҷҳизотҳои тиббӣ ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ мавҷуд аст (паспорти техникӣ, формуляр, дастур доир ба истифодабарӣ, усули санҷиши василаҳои ченкунӣ ва ғайра.), ки дар худ маълумоти зеринро таҷасум кардаанд:
   - Маълумот дар бораи конструксия, принсипи корӣ, параметрҳо, характеристика (хосият)-и техникаи тиббӣ ва дигар қисмҳои эҳтиётии он;
   - роҳнамо, барои истифодаи дуруст ва бехатари техникаи тиббӣ (истфодаи мақсаднок, нигоҳубини техникӣ, нигоҳдорӣ ва интиқол);
   - Маълумот дар бораи нобудсозӣ;
   - Иттилоот дар бораи истеҳсолкунанда, фурушанда ва масъулиятҳои кафолатшаванда.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ дар бораи техникаи тиббӣ мутобиқ ба талаботи стандарт сачида, омухта ва баҳо дода мешавад.

**<u>Стандарти 4.7. Баҳодиҳии истифодаи босамари маводу маҳсулотҳои техникаи тиббӣ</u>**

Баҳогузории мунтазами самаранокии истифодаи техникаи тиббӣ гузаронида мешавад.

**Талаботи стандарт**

1. Кумитаи сифат ва бехатарӣ на камтар аз як маротиба дар як сол мониторинг (аудит)-и риояи тартиби истифода ва нигоҳубини техникаи тиббӣ, аз он ҷумла санҷиш/баҳодиҳӣ мегузаронад:
   - Ҳолати ҳуҷраю бахшҳо ва инфрасохтори муҳандисӣ (дар кадом биноҳо ва ҳуҷраҳо нигоҳ ва истифода бурда мешавад, шароити бехатарӣ ва микроклимат);
   - Ҳолати коршоямии техникаи тиббӣ (коршоямӣ, хизматрасонии мунтазам профилактикӣ);
   - Салоҳиятнокии ҳайати корӣ, ки бо техникаи тиббӣ сару кор доранд.
   - Мавҷуд будани таҷҳизоти ҳароратсанҷ (агар ниёз ба он бошад) ва системаи бақайдгирии ҳарорати бино, ҳуҷра (аз он ҷумла бо давраҳои ченак);
   - Системаи огоҳкунӣ, ки дар техникаи тиббӣ насб шудаанд, ки дар мавриди вайрон шудани реҷаи ҳарорати таҷҳизоти тиббӣ гоҳи медиҳанд.
   - Сарборӣ ба таҷҳизотҳои тиббӣ ва асбобҳо мутобиқ ба ҷадвали меъёрӣ;
   - Таъминот бо маводҳои масрафшаванда;
   - Мавҷудияти дастури техникаи бехатарӣ ва истифодабарӣ дар назди ҳар як таҷҳизот ва асбобҳо;

2. Натиҷаҳои аудит ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд ва дар худ хулосаҳоро дар бораи гузаронидани чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ инъикос менамоянд:
   - \- чораҳо оид ба мутобиқ намудани шароитҳои истифода ва нигоҳдории техникаи тиббӣ ба талаботҳои муқарраргардида;
   - \- чораҳо оид ба мутобиқ намудани сарбории таҷҳизоти ташхисӣ ба талаботҳои муқарраргардида;
   - \- таҳия намудани дастурамалҳо оид ба ТБ ва гузаронидани дастурҳо, нишондодҳо оид ба истифодаи техникаи тиббӣ;
   - \- таъмир, бастани шартномаҳо дар бораи хизматрасониҳои техникӣ;
   - \- муваққатан истифода набурдан (консерватсия), соқит намудан (аз тавозун баровардан);
   - \- харидорӣ намудани маҳсулоти нави техникаи тиббӣ;
   - \- харидорӣ намудани маводҳои сарфшаванда ва ғ.

3.Татбиқи чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ зери назорат гирифта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳо оид ба гузаронидани аудитҳои маъмурӣ дар МТ барои баҳогузории истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ санҷида шуда, дурустии хулосабарориҳо дар бораи гузаронидани чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Ғайр аз ин, татбиқи чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ (ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи гузаронидани чорабиниҳои ислоҳкунанда) санҷида мешавад.

**<u>Стандарти 4.8. Санҷиш ва калибровкаи воситаҳои ченкунӣ</u>**

Гузаронидани санҷиш ва калибровкаи воситаҳои ченкунӣ таъмин карда мешавад.

**Талаботи стандарт**

1. Дар муассиса шахси масъул доир ба ташкил ва гузаронидани санҷиши воситаҳои ченкунӣ (системаи ченкунӣ) таъин карда шудааст. Шахси масъул номгуи таҷҳизотҳои ченкуниро тартиб дода, ҷадвали гузаронидани ин санҷишҳоро таъмин менамояд. Номгӯ ва ҷадвали гузаронидани санҷишҳо аз тарафи роҳбарияти муассиса тасдиқ карда шуда, бо муассисаи масъули гузаронидани ин санҷишҳо мувофиқа карда мешавад. Санҷиши воситаи ченкунӣ 100% гузаронида шудааст.
2. Дар озмоишгоҳи муассиса калибровкаи дохилии маводҳо ва асбобҳои ченкунӣ (бо истифода аз иқтидори кормандони озмоишгоҳ – тартиби омодасозии таҷҳизотҳо /асбобҳо барои омодагӣ ба кор) барои он, ки таҷҳизотҳо/асбобҳо барои гузаронидани санҷишу озмоишҳои ташхисӣ (аз он ҷумла баъди таъмир) барои коркунӣ мувофиқ ва омода бошанд, гузаронида мешавад. Санҷиши такрористеҳсолкунӣ ва дақиқӣ мунтазам гузаронида шуда, натиҷаҳои он ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳлил карда мешаванд.

**Баҳодиҳии ичроиши стандарт**

1. Назди шахси масъул номгуи таҷҳизотҳои ченкунӣ ва ҷадвали санҷиши асбобҳои ченкунӣ, ки аз тарафи роҳбарият тасдиқ ва бо сохтори масъули гузаронидани чунин санчишҳо бо тартиби муқараргардида мувофиқа карда шудаанд, вуҷуд дорад. Миқдори санадҳо ва (ё) клейм бо номгуи асбобҳои ченкунӣ ҳисоб карда шуда, фоизи асбобҳои аз санҷиш гузаронидашуда бароварда мешавад.
2. Дар озмоишгоҳ мавҷудияти ҳуҷҷатҳо дар бораи санҷишҳо ва колибровка аз назар гузаронида мешаванд.

**<u>Стандарти 4.9. Чорабиниҳои муҳфизатии бино ва иншоот</u>**

Бино ва ҳуҷраҳои муассиса бо чорабиниҳои муҳофизатии боэътимод таъмин карда шудааст.

**Талаботи стандарт**

1. Тамоми ҳуҷраҳо ва бахшҳои муассиса бо калид маҳкам карда мешаванд. Тиреза ва дари хазина, ҳуҷраҳои ташхисӣ, дорухона, анбор, бойгонӣ бо панҷараҳои ҳифозатӣ таъмин карда шудаанд ва бо таҷҳизотҳои огоҳикунада (сигнализатсия) васл карда шудаанд (дар мавриди имконпазир будан).
2. Муҳофизати шабонарузии бахшу ҳуҷраҳо ва биноҳои муассиса ба хотири ҳимояи мизоҷон ва ҳайати корӣ, бо мақсади пешгирӣ аз надаромадани одамони бегона, дуздӣ ва таҷовуз, таъмин карда шудааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Гардиш ба хотири азназаргузаронии бино ва ҳуҷраҳо, ҳамзамон дар ин ҷараён санҷиши чорабиниҳои бехатарӣ дар иншоот ва баҳогузории омодагӣ ва самаранокӣ дар вобастагӣ аз сохти ин иншоот, баҳогузори карда мешавад.

**<u>Стандарти 4.10. Қоидаи истифодаи калидҳо аз қулфҳои имorату ҳуҷраҳо</u>**

Қоидаҳои додан ва баргардонидани калидҳои ҳуҷраҳо мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**
Калидҳо аз иморат ва ҳуҷраҳои маъмурӣ баъди анҷоми кор баргардонида мешавад ва дар ҷойи махсуси марказонидашуда (дар овезаи нишонагузорикардашудаи назди посбонҳо) нигоҳ дошта мешаванд. Калидҳо аз иморат ва ҳуҷраҳои маъмурӣ бо тартиби муқарраркардашудаи нишонагузорӣ карда шудаанд. Додан ва баргардонидани калидҳо дар китоби махсус бақайд гирифта мешавад. Маҳали нигоҳубини калидҳо барои бегонагон дастрас нест.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мавҷудияти қоида ва тартиби додан ва баргардонидани марказонидашудаи калидҳо аз ҳуҷраҳо ва иморатҳои маъмурӣ мутобиқи стандарт баҳогузори карда мешаванд.

**<u>Стандарти 4.11. Талаботҳои гигиенӣ ба иншоот ва ҳуҷраҳо</u>**

Иншоот ва ҳуҷраҳои муассиса бо меъёрҳо ва талаботҳои санитарию гигиении ВТваҲИАҶТ ҷавобгу мебошад.

**Талаботи стандарт**
1. Таркиби сохторӣ ва нақшаи ҷобаҷогузории ҳуҷраҳо ва бахшу шуъбаҳои муассиса тавре сохта шудаанд, ки эҳтимолияти печиш ва рубару шудани «тоза» ва «ифлос»-ро дар равиши технологи (мавриди ташкил ва расонидани кумаки тиббӣ, гузаронидани корҳо доир ба тамизгардонии пеш аз стерилизатсия ва стерилизатсиясозӣ, чорабиниҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемиолгӣ) инкор мекунад.
2. Масоҳати иморату ҳуҷраҳои асосии муассиса ба қоидаҳо ва талаботҳои меъёрии санитарию гигиении ВТваҲИАҶТ ҷавобгӯ мебошад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Гардиши назоратии муассиса гузаронида шуда, мутобиқати иншшотҳо ва ҳуҷраҳо, бахшҳои ёрирасон ва иловагӣ ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемиологии ВТваҲИАҶТ баҳогузори карда мешавад. Дар мавриди зарурат (барои аниксозӣ) ҳуҷҷатҳои техники иншоот, ҳуҷраҳо ва сохторҳо талаб карда мешавад.

**Стандарти 4.12. Коркарди намуди зоҳирӣ ва дохилии бино иншоот**

Таъмири берунӣ ва дарунии ҳуҷраҳо ба талаботҳои муқарраргардидаи ВТ ҲИА ҶТ мувофиқат мекунанд.

**Талаботи стандарт**
1. Таъмири берунии МТ нукс надорад.
2. Рӯйпӯшҳои деворҳо, фаршҳо ва шифтҳои ҳуҷраҳо ҳамворанд, барои нармтозакунӣ дастрас мебошанд.
3. Деворҳо дар даруни бино, бо реҷаи доимии нармтозакунӣ мебошанд (толори ҷарроҳӣ, амалиётхона, басту банд, доругузаронӣ, қисми санитарӣ) ва ба истифода бурдани воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ устуворанд, бо плиткаҳо ва дигар масолеҳи ба намӣ тобовар пӯшонида шудаанд.
4. Шифти дохили биноҳо бо реҷаи доимии нармтозакунӣ бо рангҳои обногузар ранг карда мешаванд ё бо дигар маводҳои обногузар пӯшонда мешаванд.
5. Болопӯши шифтҳо дар ҳама ҳуҷраҳо бе нуқсон, ҳамвор ва ҷафс пӯшонида шудааст, ба таъсири маводҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ тобовар аст.
6. Деворҳо дар ҷои васл гардидани дастшӯякҳо ва дигар асбобҳои санитарӣ, ҳамчунин, таҷҳизотҳое, ки истифодаи онҳо ба нам шудани деворҳо пайвастагӣ дорад, иҳотаҳои дигар бо плиткаҳо ва дигар масолеҳи ба намӣ тобовар пӯшонида шудаанд (баландӣ 1,6 м аз фарш ва бар 20 см аз асбобу анҷом ва таҷҳизот аз 2 тараф) .

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Азназаргузаронии бино ва ҳуҷраҳои МТ, бо мақсади баҳо додан ба таъмири берунии бино ва ҳолати таъмири дохилии ҳуҷраҳо мувофиқи талаботҳои стандартҳо.

**Стандарти 4.13. Иншооти муҳандисӣ ва техникии бино / иншооти бахшу шӯъбаҳо ва ҳуҷраҳо**

Иншооти муҳандисӣ ва техникии бино / иншооти бахшу шӯъбаҳо ва ҳуҷраҳо бо талаботи муқарраршудаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ВТ ҲИА ҶТ мувофиқ мебошанд.

**Талаботи стандарт**
1. Дар муассиса системаҳо мавҷуд аст:

- таъмини оби хунук (муттасили марказонидашудаи марказӣ ё ин ки

маҳалии додани оби хунук). Агар сарчашмаи захираҳои об дар муассисаи мазкур мавҷуд бошад, истеъмоли об, пас аз дастрасии хулосаи санитарӣ-эпидемиологи мумкин аст;

- таъмини оби гарм (дар ҳуҷраҳо қабули беморон, хуҷраҳо барои ҳайати кормандон, хоҷатхонахо, ҳуҷраҳои доругузаронӣ, банду баст ва гузаронидани амалиётҳои чарроҳӣ)
- обу коррезӣ;
- муттасили баркҷтаъминкунӣ (ҳангоми хомӯш гардидани барқи мутамарказонидашуда, барқ бо генераторҳои автономии таъмини кувваи барқ дода мешавад);
- равшанидиҳии таббиӣ ва сунъӣ (ҳуҷраҳое, ки қоидаи фаъолияти онҳо равшанидиҳии сунъиро талаб мекунад (анборхонаҳо, ҷойҳои санитарӣ, ҳуҷраҳо, ваннаҳо, душхонаҳо, ҳуҷраҳо барои гигиенаи шахсӣ, ҷои либосивазкунии ҳайати кормандон.).;
- ҳавотозакунии ғайримеханикӣ (канали ҳавотозакунии муттасили инфиродӣ бо ҳавобарояки таббиӣ ва системаи ҳавотозакунӣ (тирезачаҳо));
- гармидиҳии амалкунанда (асбобҳои гармкунандаи системаи гармидиҳӣ (батареяҳо) рӯйпӯши ҳамвор доранд, ки ба воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ тобовар мебошанд, дар дохили деворҳо, дар зери тирезаҳо, бе панҷараҳо васл карда шудаанд),

бо талаботи муқарраршудаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ВТ ҲИА ҶТ мувофиқ мебошанд.

Тирезаҳое, ки рӯ ба ҷануб (офтобаро) мебошанд, бо воситаҳои ҳифзи шуои офтоб рӯйпӯш карда шудаанд (пардаҳо ва дигар воситаҳо).

Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**.**

Азназаргузаронии бино ва ҳуҷраҳои МТ, бо мақсади баҳо додан ба талаботҳои стандартҳо.

**<u>Стандарти 4.14. Хатари ба вуҷуд омадани сухтор</u>**

Хатарҳои эҳтимолии сухтор баҳогузори карда шудааст ва идора карда мешаванд.

**Талаботи стандарт**

1. Хайати кории муассиса аз омузониш доир ба масъалаҳои қоидаҳои пешгирии зидисухторӣ дар ҷойи кор (дар мавриди кор бо асбобу анҷомҳо тиббӣ, таҷҳизотҳои барқӣ ва ғайра) гузаштаанд.
2. Дар ҳар як бахши сохтории муассиса дастур ва нақшаи корӣ оид ба чорабиниҳои зиддисухторӣ, схемаи берунсозии очилии одамон дар мавриди сар задании сухтор ва маводҳои зарурии оташхомушкунӣ (кранҳои зиддисухтор, дастакҳои зиддисухторӣ, оташхомушкунакҳо) барои ҳайати омузонидашудаи корӣ дастрас мебошанд.
3. Дар ҳудуди муассиса гидрантҳо (манбаҳои об), шити зидсухторӣ, ки бо олотҳои зарурӣ муҷаҳаз карда шудааст (зоғнул, багор, табар, бел, сатил, сандуқ бо қум) мавҷуд буда, барои ҳайати омузонидашудаи корӣ дар мавриди сар задании сухтор дастрас мебошад.

4. Муассиса бо таҷҳизоти огоҳикунандаи автоматии зидисухторӣ (сигнализатсия) муҷаҳаз карда шукдааст ва ин система фаъол мебошад..
5. Оташхомушкунакҳо мунтазам санҷида мешаванд ва аз нав омодаи кор карда мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Дар зерсохторҳои беморхона ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани дастурдиҳии бехатарии зиддисӯхтор дар ҷойҳои корӣ, дастурҳо оид ба бехатарии зидди сӯхтор мавҷуданд.
2. Ҳудуд ва сохторҳои беморхона аз назар гузаронида шуда, мавҷудияти нақшаҳои баровардани ҳайати кормандон ҳангоми сар задани сӯхтор ва воситаҳои сухторхомӯшкунӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.
3. Мавҷудияти таҷҳизоти огоҳикунандаи автоматии зидисухторӣ (сигнализатсия) санҷида мешавад.
4. Санҷиши мунтазами оташхомушкунакҳо ва аз нав омодаи кор кардани онҳо баҳогузорӣ карда мешаванд.

**<u>Стандарти 4.15. Системаи идорасозии захираи техникаҳои тиббӣ</u>**

Дар муассиса системаи идорасозии захираи техникаи тиббӣ, ташхисӣ ва масолеҳи хароҷотӣ мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**

1.Ташкилот нақшаи харид, модернизатсия (азнавкунӣ) ва иваз намудани таҷҳизоти тиббӣ анҷом медиҳад:

- барои таъминоти босифати намудҳои хизматрасониҳои тиббӣ;
- барои ҷавоб додан ба ҳолатҳои фавкулодда тавассути захираи мавҷуда;
- бо мақсади таъмини фаъолияти мутассили тамоми таҷҳизоти тиббӣ.

2.Нақшаи иваз кардани таҷҳизоти фарсудашудаи тиббӣ ва ҳисобҳои дахлдор вуҷуд дорад.

3.Ба қадри кифоя шумораи масолеҳи хароҷот барои гузаронидани хизматрасонии техникӣ ва таъмири хурд мавҷуд аст.

4.Ҳосили кофии реактивҳои озмоишгоҳӣ, масолеҳи ташхисӣ ва реагентҳо, пленкаи рентгенӣ, коғаз барои таҷҳизоти ташхисӣ ва фаъолияти бомутассили муассисаи мазкур, бо ҳисоботи муайян, вуҷуд дорад.

**5.** Таҷҳизоти тиббии кӯҳнаи фарсудашудаи ба таъмир номубтадо безарар гардонида шуда, соқит дониста мешавад, мувофиқи тартиби муқаррааргардида.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Нақшаи харид, модернизатсия ва иваз намудани таҷҳизоти тиббӣ ва ҳисоботи мувофиқ санҷида мешавад.
2. Мавҷудияти шумораи масолеҳи хароҷот барои гузаронидани хизматрасонии техникӣ ва таъмири хурди таҷҳизоти тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.
3. Мавҷудияти ҳосили кофии реактивҳои озмоишгоҳӣ, масолеҳи ташхисӣ ва

реагентҳо, пленкаи рентгенӣ, коғаз барои таҷҳизоти ташхисӣ ва фаъолияти бомуваффақияти муассисаи мазкур бо ҳисоботи муносиб баҳогузорӣ карда мешавад.

Раванди соқит донистани таҷҳизоти тиббӣ (санадҳои соқит донистан) санҷида мешавад.

**<u>Стандарти 4.16. Захираи зарурии маводҳои доруворӣ ва ваксина</u>**

Миқдори зарурии маводҳои доруворӣ ва ваксинаҳо таъмин карда мешавад.

**Талаботи стандарт.**
Захираи зарури (на камтар аз як моҳ)-и маводҳои доруворӣ ва ваксинҳо дар муассиса мутобиқ ба талаботҳои амалкунандаи ВТваҲИАҶТ таъмин карда шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мавҷудияти захираи зарурии маводҳои доруворӣ ва ваксинҳо азназар гузаронида шуда, мутобиқати ҳаҷми мавҷудаи захира барои фаъолияти мунтазам ва босамари он, баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 4.17. Захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои сарфшаванда</u>**

Мавҷудияти захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои сарфшаванда таъмин карда мешавад

**Талаботи стандарт**
Миқдори захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои сарфшавандаи тиббӣ таъмин карда мешавад тиббӣ (дастпушакҳо, сузандоруҳо, маводҳои бастубанд, система барои чаконидани маҳлулҳо, асбобҳои истфодаашон якдафъаина, маҳлулҳои безарасоз барои коркарди даст ва пуст ва ғайра).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Мавҷудияти захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои сарфшаванда санҷида шуда, мутобиқати ҳаҷми онҳо барои таъмини фаъолияти муттасили зерсохтор, бо мақсади таъмин фаъолияти босамар ва бонизоми сохторҳои таркибии муассиса баҳогузорӣ карда мешавад. Анкетагузаронии мизоҷон оид ба масъалаи таъминот дар ҳаҷм ва бо сифати зарурии маводҳои масрафшавандаи истифодаашон якдафъаина ва дигар маводҳои масрафшавандаи тиббӣ гузаронида мешавад.

**<u>Стандарти 4.18. Дастаи ашёи сахти маишӣ ва таъиноти тиббӣ</u>**

Миқдори зарурии дастаи ашёи сахти маишӣ ва таъиноти тиббӣ мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**
Миқдори муносиб ва зарурии асбобу анҷомҳои сахти маишӣ ва таъиноти

тиббӣ, ки шароити муносиби ташкил ва расонидани кумаки тиббиро ба мизоҷон ва фаъолияти босамари касбии ҳайати кориро таъмин менамояд, мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**
Дар ҳар як бахш ва ҳуҷраҳои муассиса мавҷудияти асбобу анҷомҳои сахти маишӣ ва таъиноти тиббӣ аз назар гузаронида мешавад. Миқдори зарурии маводҳо ва ҳолати кории онҳо (дараҷаи фарсудашавӣ) баҳогузорӣ карда мешавад.

**<u>Стандарти 4.19. Собун ва маводҳои шустушӯӣ ва безараргардонӣ</u>**

Миқдори зарурии собун ва маводҳои шустушӯӣ ва безараргардонӣ мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**
Дар анбори муассиса барои таъмини талаботи он дар давоми 2 хафта (мутобиқ ба ҳисобу китоби талаботи муассиса) захираи зарурии собун ва маводҳои шуянда ва безарарсоз, бо риояи меъёрҳо ва реҷаи санитарию гигиенӣ ва зидиэпидемиологӣ дар тамоми сохторҳои таркибии муассиса, мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**
Акти маҳалӣ, ки талаботи воқеъии сохторҳои таркибии муассисаро ба собун ва маводҳои шуяндаю безарарсоз, бо риояи меъёрҳо ва реҷаи санитарию гигиенӣ ва зидиэпидемиологӣ муқарар менамояд, санҷида мешавад. Бо гузаронидани суҳбатҳо ва пурсишҳо (анкетагузаронӣ) бо ҳайати корӣ дараҷаи таъминсозии воқеъии собун ва маводҳои шуянда ва безарарсоз омухта мешавад.
